**КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 78.01+782/785 (575.3)

**АБДУЛЛОЗОДА ЭМОМАЛӢ АСАДУЛЛО**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЭҶОДИИ КОМПОЗИТОР ШУҲРАТ АШӮРОВ ДАР ЖАНРҲОИ ВОКАЛӢ ВА ВОКАЛӢ-САҲНАВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),
аз рӯйи ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ
(6D040101 – Санъати мусиқӣ)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор
Азизӣ Фароғат Абдуқаҳҳорзода

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** ........ 3
**БОБИ 1. ПЕШОМАДҲОИ ЗАМИНАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ**
1.1. Роҳи эҷодӣ ........ 10
1.1.1. Давраи якуми фаъолияти эҷодӣ – давраи москвагӣ ........ 10
1.1.2. Давраи дуюми фаъолияти эҷодӣ – давраи ватанӣ ........ 13
1.2. Заминаи таърихии ҷустуҷӯҳои эҷодии шухрат Ашӯров ........ 18
1.2.1. Опереттаи тоҷик: заминаи пайдоиш ва рушд ........ 18
1.2.2. Пешомадҳои рушди операи бачагона дар Тоҷикистон ........ 22

**БОБИ 2. ДИДИ ШУҲРАТ АШӮРОВ БА ЖАНРИ БУЗУРГҲАҶМИ МУСИҚӢ-САҲНАВӢ** ........ 28
2.1. Опереттаи «Кони пурганҷ» – нахустин опереттаи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон ........ 28
2.1.1 Интродуксия ........ 29
2.1.2. Рафти оперетта ........ 38
2.2. Операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ........ 52

**БОБИ 3. КОНСЕПСИЯИ ЭҶОДИИ ШУҲРАТ АШӮРОВ ДАР ЖАНРҲОИ ВОКАЛӢ ВА ВОКАЛӢ-ХОРӢ**
3.1. Сурудҳои якка ........ 75
3.2. Романсҳо ........ 93
3.3. Сурудҳо барои яккахон ва хор ........ 102
3.4. Сурудҳои хорӣ ........ 127
3.5. Суруд барои хори а’капелла ........ 146

**ХУЛОСА** ........ 153
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ** ........ 158
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........ 159
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ........ 174

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Композитор Шуҳрат Ашӯров яке аз чеҳраҳои намоён дар мусиқии профессионалии тоҷик дар охири асри XX – аввали асри XXI ба ҳисоб меравад. «Ӯ ба насли панҷуми композиторони тоҷик тааллуқ дорад» [58, с. 5]. Роҳи эҷодии ӯ хеле кӯтоҳ аст. Воқеан он ҳамагӣ 20 солро дар бар мегирад. Дар он хусусан даҳсолаи охир хеле пурсамар аст. Роҳи эҷодии Шуҳрат Ашӯров ба даврае рост омад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол қадамҳои нахустини худро мегузошт. Бино бар ин, таҳлили эҷодиёти ӯ муайян кардани завқу шавқи насли композиторони давраи соҳибистиқлолиро имкон медиҳад.

Дар мусиқишиносии тоҷик тамоюлу равияҳои мусиқии композиторӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ то ҳол ягон шарҳу таҳлили худро наёфтаанд. Гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқи роҳи эҷодӣ ва фаъолияти композиторӣи Шуҳрат Ашӯров нахустин тадқиқест оид ба мусиқии композиторӣи давраи соҳибистиқлолӣ. Аз ин рӯ, мавзуи интихобгардидаи рисолаи ҳозир хеле **мубрам** аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ**. Дар бораи Шуҳрат Ашуров танҳо барномаҳои телевизионӣ бо иштироки худи композитор [155], мақолаҳои иттилоотӣ [48, с. 28; 49, с. 29] ҷой дорад. Инчунин, нусхаҳои чопи компютерӣ дар бойгонии композитор ба диссертант дастрас шудаанд [155].

**Алоқамандии тадқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи мазкур дар доираи **барномаи давлатӣ** ва **лоиҳаҳои хоссаи** он «Коркарди илмӣ ва танзими масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва методологияи санъати мусиқии касбии Тоҷикистон барои солҳои (2016-2020)» ва «Мукаммалгардонии илмӣ ва методологии ҷараёни таълими мусиқӣ дар Тоҷикистон (2021-2025)», ки Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов дар солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 амалӣ кардааст, иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Тадқиқи аввалини эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров аст, ки ба воситаи таҳлилу таҳқиқи роҳи эҷодӣ, фаъолияти эҷодӣ, асарҳои калонҳаҷми мусиқӣ-саҳнавӣ ва асарҳои вокалӣ амалӣ мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот** фаро гирифтани ҳамаи роҳи эҷодӣ, фаъолияти эҷодӣ, асарҳои вокалӣ ва вокалӣ-саҳнавии композитор Шуҳрат Ашӯров мебошад, ки дар рафти иҷрои он вазифаҳои зерин мебояд иҷро шаванд:

- дарёфт намудани маводи нотавии асарҳои композитор: омӯзиши фонди шахсии композитор [155], фондҳои китобхонаи консерваторияи милли Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов, китобхонаи Иттифоқи Композиторони Тоҷикистон, китобхонаи Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, фонди нотавии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ, китобхонаҳои Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов, ва мактаб-интернати миёнаи махсуси санъати ҷумҳуриявии ба номи М. Атоев ва мактаб-интернати миёнаи махсуси мусиқии ҷумҳуриявии ба номи З. Шаҳидӣ яъне ҳамаи он муасиссаҳое, ки композитор фаъолият намудааст;
- ба тартиб даровардан (нусхабардорӣ кардан) ва ҷамъ овардани осори эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров барои китобхонаи консерватория;
- муайян кардани мушахассиёти роҳи эҷодии композитор;
- муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти композитор;
- ба амал овардани таҳлили мусиқишиносии осори вокалии композитор;
- ба амал овардани таҳлили мусиқишиносии опперетаи «Кони пурганҷ»;
- ба амал овардани таҳлили мусиқишиносии операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»;
- муайян кардани равияҳои асосӣ дар эҷодиёти композитор;
- таҳқиқи хусусиятҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар жанри вокалӣ;

– муайян кардани мавқеи фаъолияти композитор Шуҳрат Ашӯров дар мусиқии тоҷик;
– таҳқиқи саҳми Шуҳрат Ашӯров дар мусиқии композитории Тоҷикистон;
– таҳқиқи аҳаммияти эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров ҳамчун композитори давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол.

**Объекти таҳқиқот** фаъолияти эҷодии композитори давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон Шуҳрат Ашӯров аст.

**Мавзуи таҳқиқот** – эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров (1962-2016) мебошад, ки новобаста ба ҳаёти кӯтоҳаш ҳамчун ситораи дурахшоне дар мусиқии даҳсолаҳои аввали Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҷило медиҳад.

**Асоси назариявии таҳқиқот** коркарду консепсияҳои мусиқишиносон марбут ба оперетта [75, с. 100-104; 42, с. 875-907; 106, с. 46], операи бачагона [30, с. 75; 107, с. 126-133.], мусиқии вокалӣ мебошад. «Дар мусиқишиносии тоҷик таҳқиқоти театршинос Н.Нурҷонов» [64, с. 424], мусиқишиносон Қодирова Б.И. [42, с. 125-134], мақолаҳои маълумотӣ [48; 49; 76] ба мавзуъ робитаи муайян доранд. Вале дар мусиқишиносии тоҷик таҳқиқоти махсус доир ба ин мавзуъ ҷо надорад.

**Асосҳои методологии кори диссертатсионӣ**. Кори диссертатсионӣ дар услуби таҳлили сохторӣ қарор мегирад, ки яке аз услубҳои фундаменталии мусиқишиносӣ маҳсуб меёбад. Методологияи тадқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи ҳамҷояи соҳаҳои гуногуни илми мусиқӣ – мусиқишиносии назариявӣ ва мусиқиишиносии таърихӣ, аниқтар таҳлили асари мусиқӣ ва таърихи мусиқӣ асос ёфтааст. Дар рафти таҳлил аз унсурҳои таҳлилии адабиётшиносӣ, хусусан арӯз, низ мақсаднок истифода бурда шудааст, ки барои расидан ба мақсад судманд аст. «Ба ҳайси асосҳои методологии кори диссертатсионӣ диду андешаҳои хоссаи мусиқишиносон оид ба жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ» [91.; 51, с. 81-90.], инчунин, рукнҳои асосии таҳлили мусиқишиносии классикӣ дар умум, бевосита ақидаҳои Б. Асафйев,

В. Тсуккерман, Л. Мазел, В. Бобровский, М. Бонфелд, Ю. Келдиш, А. Коробова, М. Ярустовский, И. Наволокина, В. Савранский, М.Янковский, Г. Ярон, А. Орелович ва диг., мусиқишиносии осиёимарказӣ Т. Визго, Н. Янов-Яновская, И. Вызго-Иванова, В. Плунгян, З.А. Муродова ва диг., санъатшиносон ва мусиқишиносони тоҷик Н.Нурҷонов, М. Назаров, Б.Хуррамова, М.Табаров, Б.Қодирова, Ш. Мирзоева ва диг., ки бо мавзуҳои таҳқиқии театри тоҷик бахшида шудаанд ва Ф. Азизӣ, А. Низомов, Н. Ҳакимов, Ф. Улмасов, Б. Қобилова, М. Ҳасанова марбут ба мусиқии академӣ, такя карда мешавад.

**Заминаву пойгоҳи кори таҳқиқотӣ**. Диссертант ҳанӯз аз соли 2018 ба эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров таваҷҷуҳ намудааст. Ҳамзамон муаллифи таҳқиқот аз фанҳои мусиқӣ-назариявии «Гармония», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ», «Арӯз ва мусиқӣ» дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон тайи ҳашт сол фаъолияти педагогӣ мебарад ва дар заминаи омӯзиши осори дарсоямондаи композиторони тоҷик қарор дорад. Дар ин ҷода шаклҳои кории нотачинӣ, таҳрирӣ, таҷлили консертҳо, барномаҳои телевизионӣ истифода шудаанд. Ва ин намудҳои фаъолият ҳамчун заминаи таҷрибавӣ ва маводи ҷамъшударо ба фанҳои номбурда ворид месозад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** бо ҷалби маводи нав ба таҳқиқот вобастагӣ дорад: нахустин бор дар илми мусиқӣ таҳлили мусиқишиносии фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров (1), асарҳои калонҳаҷми композитор – опереттаи «Кони пурганҷ» (2), операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» (3) ва осори вокалии ин композитор (4) ба амал оварда мешавад. Муҳаққиқ нахустхулосаҳои илмиро доир ба мусиқии композитории Тоҷикистони муосир ба илми мусиқишиносӣ ворид мекунад (5).

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия** чунинанд:

1. хусусияти ҷустуҷуҳои эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров дар раванди манфиатнокии рушди мусиқии академӣ дар Тоҷикистон, тарбияи эстетикии насли наврас ва бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ қарор мегиранд;

2. ба мусиқишиносӣ нахустин бор шарҳи таҳлилии роҳи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров таҳлили пурраи мусиқишиносии бузургасарҳои саҳнавӣ – опереттаи «Кони пурганҷ», операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ва осори вокалии Шуҳрат Ашӯров (ба таври осори ягона) ворид карда мешаванд;
3. таҳлилоти асарҳои саҳнавӣ ва вокалии композитор Шуҳрат Ашӯров ба мактабҳои миёнаи махсус ва олии мусиқӣ, барои истифода дар раванди таълим инчунин, пажуҳиши минбаъдаи илмӣ пешниҳод мегарданд;
4. асарҳои вокалӣ-саҳнавӣ ва созӣ-камеравии Шуҳрат Ашӯров баҳри ҳифзи онҳо дар назария ва амалии мусиқӣ аз чоп баромаданд [153].

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** хеле бузург аст: ба илми мусиқишиносӣ маълумоти нав дар бораи композиторе, ки ягон мақола ба ӯ бахшида нашуда буд, ворид мегардад (1); ба илми мусиқишиносӣ нахустин бор доир ба фаъолияти эҷодии композитори замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон маълум мегардад (2); таҳлили асарҳои композитор, ки ба давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон тааллуқ доранд, ба илми мусиқӣ ворид мегарданд (3); маводи таҳқиқотӣ мустақим дар ҷараёни таълимии ҳам мактаби олии мусиқӣ ва ҳам мактабҳои миёнаи махсуси мусиқӣ истифода мешавад (4); ва дар фанҳои «Таърихи мусиқии муосири тоҷик дар асри XX», «Назарияи мусиқӣ», «Солфеджио», «Гармония», «Таҳлили асарҳои мусиқӣ» ва диг. костагӣ ва нопуррагии маводи таълимиро қисман пурра мегардонад (5).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо он вобаста аст, ки таҳқиқот ҳамчун маводи илмӣ ва ҳамчун маводи омӯзишӣ дар ҷараёни таълим арзёбӣ мегардад. Дар кори диссертатсионӣ саъю кӯшиш ба муайян кардани афзалиятҳои бадеии композитор дар давраҳои гуногуни роҳи эҷодӣ, хусусиятҳои ҷустуҷуҳои эҷодии ӯ дар асоси композитсионӣ-драматургии асарҳои гуногунжанр, истифодаи василаҳои ифода, ки симои бадеӣ ва маҳоратии композиторро ташкил мекунанд, равона карда мешавад. Ин ҳама услубҳои таҳқиқоти мусиқишиносии фундаменталӣ аст, ки доир ба эҷодиёти

композитори давраи Истиқлолияти давлатӣ нахустин бор амалӣ шуда истодааст. Бинобар ин, маводи кори диссертатсионӣ барои мусиқишиносӣ ва таълими тахассусҳои мусиқӣ ҳам дар сатҳи мактаби олӣ ва ҳам мактаби миёнаи махсус маводи нав ҳисобида мешавад.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия пурра **ба шиносномаи** ихтисоси 6D040100 – Мусиқишиносӣ (6D040101 – Санъати мусиқӣ) **мутобиқ аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар он дида мешавад, ки осори парокандаи композитор Шуҳрат Ашӯровро ҷамъ оварда (1), асарҳои вокалии композиторро дар як маҷмуаи нотавӣ ба чоп омода сохта (2), доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шуҳрат Ашӯров маводи мушаххас ба даст оварда (3), ба нотачинӣ ва дар шаклҳои партитураву клавир омода кардани опереттаи «Кони пурганҷ», операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин», балети «Зол ва Рудоба» дар доираи лоиҳаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов мусоидат намуда (4), маводи таҳлилшударо дар ҷараёни омӯзгорӣ бевосита ворид карда (5), доир ба сабки эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров нахустин таҳқиқотро пешниҳод менамояд (6).

**Амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии ҳамасолаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон (дар солҳои 2018, 2019, 2020, 2021, 2022, 2023, 2024, 2025), форумҳои байналмилалӣ дар Қазоқистон (2018), Ӯзбекистон (2018), Тоҷикистон (2024, 2025), баромадҳо дар лекторияҳои мусиқишиносӣ (Душанбе, 2023), барномаҳои телевизионӣ (Душанбе 2021, 2022, 2023, 2024, 2025) пешниҳод ва муҳокима гардиданд.

Аз рӯйи **мавзуи диссертатсия** 12 мақолаи илмии муаллиф, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инчунин, маҷмуаи нотавии «Шуҳрат Ашӯров. Асарҳои вокалӣ», ки 29 асари вокалии якка ва хориро дар бар мегирад, барои чоп омода шудааст [154].

Диссертатсия дар ҳаҷми 176 саҳифа навишта шудааст. Сохтори он аз муқаддима, се боб (нуҳ фасл ва шаш зерфасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

# БОБИ 1. ПЕШОМАДҲОИ ЗАМИНАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ

## 1.1. Роҳи эҷодӣ

### 1.1.1. Давраи якуми фаъолияти эҷодӣ – давраи москвагӣ

Композитор Шуҳрат Ашӯров симои композитори давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро бо фаъолияти эҷодии худ таҷассум намудааст. Ӯ ба аксарияти жанрҳои мусиқии академӣ рӯ оварда, дар он асарҳое офаридааст, ки дар онҳо аз як тараф риояи жанриву услубии мусиқии академии ҷаҳонӣ ва аз тарафи дигар заминаи оҳангиву зарбии мусиқии суннатии тоҷик дида мешавад.

Ба интихоби касби худ Шуҳрат Ашӯров на дар овони кӯдаки ё наврасӣ омадааст. «Мисли композиторони дигар ӯ дар мактаби бачагонаи мусиқӣ нахондааст. Ихтисоси композиториро ӯ дар давраи ҷавонӣ, хеле огаҳона интихоб намудааст. Баъди хатми мактаби миёна соли 1984 ӯ ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дохил шуда, факултети маданӣ-маърифатии онро бо баҳои «аъло» хатм намуд» [48, с. 28; 49, 30]. Ин ҷараёни таҳсил ӯро ба ҷаҳони мусиқии профессионалӣ ворид кард. Вале, барномаи таълимии ин факултет, ки ба зинаи аввали таҳсилоти мусиқии касбӣ баробар аст, хатми факултети мазкур дар таҳсили Шуҳрат Ашӯров зинаи аввал маҳсуб мегардад. Завқи ӯ баланд шуду шавқи шиносоиву омӯзишии мусиқии ҷаҳонӣ фаъол гардид. Ба ин кӯшиши зеҳнӣ хусусан дарсҳои композитсияи композиторони номдор Яқуб Сабзанов ва Дамир Дустмуҳаммадов дар солҳои донишҷӯӣ мусоидат намуданд. Маҳз ин устодон ба ӯ дари касбияти мусиқиро кушоданд ва дар ин ҷода сабақҳои аввалинро доданд. Вале бедориро дар қалби ӯ такон доданду аз сабақомӯзӣ сер накарданд. Ӯ мехост бештар омӯзаду донад. Зеҳнияти ӯ бедор шуду дар қалби ӯ ҳаваси омӯзиши мусиқии профессионалӣ авҷ гирифт. Беш аз ин, ӯ хоҳиши эҷоди мусиқиро пайдо кард. Ӯ мехост василаҳои асосии ин касбро саҳеҳтар аз худ кунад, бо техникаи композиторӣ хуб шинос шавад. «Бо мақсади пурратар аз худ кардани тахассуси композиторӣ Шуҳрат Ашӯров солҳои 1984-1986 дар Омӯзишгоҳи мусиқии назди Консерваторияи давлатии

Москва ба номи П. Чайковский дар синфи К. Баташов таҳсил намуд. Зеро ӯ мефаҳмид, ки таҳсили зинаи миёнаи касбӣ асоспояи саводнокӣ аст. Дороии саводи мукаммал дар ҷодаи мусиқӣ ба ӯ зарур буд. Мақсади асосии Шуҳрат Ашӯров эҷоди асарҳои мусиқӣ дар жанрҳои гуногуни мусиқии касбӣ буд. Дар омӯзишгоҳ доираи васеи жанрии мусиқиро аз худ карда, як қатор асарҳоро барои фортепиано, скрипка, хори a'capella меофарад. Баҳри расидан ба мақсад ӯ талош мекард. Шуҳрат Ашӯров зарурати гирифтани маълумоти олии композиториро ба нақша гирифт. Барои ин яке аз ду мактабҳои олии беҳтарини Иттифоқи Советӣ, дар пойтахти он шаҳри Москва, Академияи мусиқии Россия ба номи Гнесинҳоро интихоб карда, дар донишкада дар синфи профессор Н. Пейко, сипас синфи профессор В. Пянков таҳсил намуд» [48, с. 28; 49, с. 29].

Ҳамин тавр, новобаста аз оне, ки аз рӯи синну сол ӯ ба мусиқии касбӣ дертар ҷалб шуд, аз ҳамаи зинаҳои таҳсилоти мусиқии касбӣ бо муваффақият гузашта, донишу малакаи заруриро ба даст овард. Ва бо ин таҳкурсии профессионалӣ қаноатманд гардида, таҳсили расмии худро анҷом дод.

Роҳи эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров ду давраро дар бар мегирад. Меъёри чунин даврабандӣ ҷои зисти композитор аст. То соли 2006 ӯ дар шаҳри Москва умр ба сар бурдааст. Аз соли 2006 ба Тоҷикистон омада, то охири умр дар ватани худ зиндагӣ кардааст. Барои таҳлили роҳи эҷодӣ, дар диссертатсия онҳо чунин номгузори карда шудаанд:

– давраи москвагӣ (1984-2006);
– давраи ватанӣ (2006-2016).

«Дар Москва ҳангоми таҳсил шавқи эҷоди мусиқӣ Шуҳрат Ашӯровро ба он меоварад, ки ӯ якбора доираи васеи жанриро фаро гирифта, дар жанрҳои хорӣ, яккаи вокалӣ, пйеса барои сози якка (фортепиано, скрипка), ансамбли созӣ-камеравӣ ва вокалӣ асарҳо меофарад. Аз зумраи чунин асарҳо хори a'capella «Боғи мо» (ш. М. Турсунзода), чор романс ба рубоиёти Умари Хайём, квартети фортепианоӣ (1992), квинтети фортепианоӣ (1990), Соната

барои гобой ва фортепиано (1991), асарҳо барои созҳои яккаи фортепиано ва скрипка хеле ҷолиб баромадаанд» [4, с. 1].

Ҳамкорӣ бо устодони пуртаҷриба шавқи композиторро барои аз худ кардан, шиносоии бештар пайдо намудан оид ба асосҳои оҳангӣ-лаҳнӣ ва зарбии мусиқии халқи тоҷик ба чанд маротиб меафзояд. Зуҳуроти аввалини ин саъю кӯшиш дар сюитаи оркестрии «Синдбод» (иборат аз 4 қисм) таҷассум гардидааст. Нахустиҷрои ин сюита 7 октябри соли 1997 дар Толори калони консерваторияи давлатии Москва бо муваффақият баргузор гардид. Тавре ки мусиқишинос қайд кардааст: «дастоварди бузурги композитор Шуҳрат Ашӯров дар солҳои 90-ум эҷоди Консерт барои виолончел ва оркестри калони симфонӣ буд. Хушоҳангӣ, гуногунлаҳнӣ, ғановати тобишҳо, ивазшавии ин тобишҳо дар ин асар ба авҷи камолот расонида шудаанд» [48, с. 29; 49, с.30]. Ин асарро ӯ соли 1998 навишта, номи мушаххаси жанрии онро «консерт-ривоят» гузоштааст.

Асари дигари ин равия, ки омехташавии зарбу оҳангу шаклсозии мусиқии Шарқу Ғарбро муаррифӣ мекунад, «асари «Рақси шарқӣ» барои думбра ва оркестри созҳои халқии русӣ мебошад. Барои ин асар композитор Шуҳрат Ашӯров соли 1998 бо унвони Лауреати Фестивали байналмилалии «Ҷаҳони дӯстони Москва» мушарраф гардид. Ин асари ӯ оҳанги тоҷикиро бо анъанаҳои романси русӣ ҳамҷоя нишон дода, хеле ҷолиб баромадааст. Нахустиҷрои он дар иҷрои Оркестри давлатии созҳои халқии русӣ таҳти дирижёрии Н. Н. Калинин баргузор гардид» [48, с. 29; 49, с. 30].

«Дар давраи зиндагӣ дар шаҳри Москва дар баробари фаъолияти композиторӣ, ӯ инчунин фаъолияти омӯзгории худро оғоз менамояд. Аз ҷумла, аз солҳои 1992 то соли 1996 ӯ аввал дар Донишкадаи давлатии маданияти шаҳри Москва (МГУКИ), сониян Коллеҷи мусиқии ба номи А. Шнитке кор кардааст.

Композитор Шуҳрат Ашӯров дорои қобилияти хуби ташкилотчигӣ мебошад. Ин махсусан дар солҳои 1998-2006, ҳангоме, ки вай ба ҳайси директори Оркестри давлатии симфонии Москва назди Ҳукумати шаҳри

Москва фаъолият менамуд, зоҳир гардид. Дар ин давра Шуҳрат Ашӯров аввалин маротиба ба жанри мусиқӣ барои театр рӯ меоварад. Ӯ дар ҳамкори бо Театри ҷавонони шаҳри Перм мусиқӣ ба пйесаи В. Каустанас «Мираж»-ро менависад» [48, с. 30]. Шавқу ҳавас ба мусиқии театр ва кино бори дигар дар давраи ватанӣ зоҳир мегардад. Муҳаққиқон қайд мекарданд: «Ӯро кайҳо боз эҷодиёти Ҷалолиддини Балхӣ ҷалб намудааст. Аз ин рӯ вай бо рӯҳбаландӣ барои эҷоди мусиқӣ ба филми Нурулло Собир «Давлати Ҷалоли ишқ» (2008) шурӯъ менамояд» [48, с. 30].

### 1.1.2. Давраи дуюми фаъолияти эҷодӣ – давраи ватанӣ

Даҳ соли охири умри худро композитор Шуҳрат Ашӯров ба хизмати Ватан бахшид. Ин солҳо ба давраи дуюми эҷодиёти ӯ тааллуқ дорад. Дар Тоҷикистон доираи паҳлуии фаъолияти эҷодии композитор Шуҳрат Ашӯров боз ҳам васеътар мешавад.

Фаъолияти композиторро дар давраи ватанӣ ба якчанд ҷанба, ки самтҳои гуногунро дар бар мегирад, ҷудо кардан мумкин аст:

– фаъолияти омӯзгорӣ;
– фаъолияти эҷодии композиторӣ;
– фаъолияти шаҳрвандӣ.

*Фаъолияти омӯзгорӣ*. Дар Тоҷикистон композитор фаъолияти омӯзгории худро дар Консерваторияи миллии тоҷик ба номи Т. Сатторов идома медиҳад. Ҳамзамон, баҳри тарбияи кадрҳои нави тахассуси композиторӣ ӯ дар мактабҳои ҷумҳуриявии миёнаи махсуси мусиқӣ ба номи М. Атоев ва З. Шаҳидӣ, инчунин дар Коллеҷи санъати ба номи А. Бобоқулов шаҳри Душанбе фаъолияти омӯзгорӣ бурда, соле як маротиба ҳатман консерти ҳисоботии шогирдонашро дар Толори калони консерватория баргузор мегардонид. Дар ҷодаи омӯзгорӣ низ, ӯ ташаббускорӣ ва серғайратии пайвастаро нишон додааст.

Гап дар сари он буд, ки баъди солҳои 90-ум дар мактабҳову коллеҷҳои Тоҷикистон дарсҳои факултативӣ аз тахассуси композиторӣ қатъ гардида

буданд. Шуҳрат Ашӯров якум композиторе буд, ки ин карахтиро шикаст. Новобаста ба мушкилии вақти худ ӯ фурсат меёфт, ки дар ду мактаби ҷумҳуриявии миёнаи махсуси мусиқӣ (ба номи М. Атоев ва ба номи З. Шаҳидӣ) ва Коллеҷи санъати ба номи А. Бобоқулов шаҳри Душанбе, композиторони наврасро дар атрофи худ ҷамъ кунад, мунтазам дарс бидиҳад. Бо чунин фаъолияти омӯзгорӣ ва шаҳрвандии худ композитор Шуҳрат Ашӯров қудрат пайдо кард, ки эҷодиёти композиторони наврасро дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз эҳё намояд.

Дар ҷодаи омӯзгорӣ, натиҷаи фаъолияти композитор Шуҳрат Ашӯров хеле пурсамар баромад. Дар кафедраи композитсияи Консерватория солҳои тӯлонӣ камшумории ғайримуқаррарии донишҷӯён мушоҳида карда мешуд. Вале бо оғози кори тарбияи кадрҳои композиторӣ аз тарафи композитор Шуҳрат Ашӯров теъдоди сафи донишҷӯён афзуд. Аз байни шогирдони мактабии ин композитор ба консерваторияи миллӣ Равшан Анаев, Шодмон Забиров, Нилуфар Матхолова, Рухшона Сулаймонова, Шарофат Пирназарова, Муноҷот Абдувалиева, Беҳрӯз Сайфиддинов дохил шуданд. Аз шогирдони ӯ се нафар  Диана Салихова Равшан Анаев ва Шодмон Забиров дар шӯъбаи композиторӣ таҳсил намуданд. Соли 2020 дар озмуни ватании «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», ки бо сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, Равшан Анаев барои асари худ «Оби Роғун» сазовори ҷои якум ва Шодмон Забиров барои асари мусаввараи симфонӣ «Базм» сазовори ҷойи сеюм ва Диана Салихова барои асари худ Фантазия барои фортепиано ва оркестри созҳои миллӣ дар ин озмуни бошукӯҳ сазовори ҷойи дуюм гардиданд.

Шогирдони дигари ӯ – Муноҷот Абдувалиева, Беҳрӯз Сайфиддинов, Шарофат Пирназарова дар шӯъбаи фортепиано,  Рухшона Сулаймонова, Нилуфар Матхолова дар шӯъбаи созҳои миллӣ таҳсил карда бошанд ҳам, шуғли композиториро идома дода истодаанд.

*Фаъолияти эҷодӣ-композиторӣ*. Давраи ватании композитор саршор аз асарҳои нав аст. Пайиҳам дар жанри созӣ-камеравӣ асарҳои нави ӯ пайдо

мешаванд: «Фантазия барои фортепиано ва оркестри камеравӣ (2008), Элегия барои виолончел ва фортепиано (2009), Пйесаи консертӣ барои рубоб мебошад. Ҳамзамон ӯ Кантатаи «Эй Ватан» бар шеъри Н. Яздон (2010) барои сароянда, хор ва оркестри симфониро менависад» [48, с. 30].

Дар давраи ватанӣ композитор дар баробари жанрҳои созӣ-камеравӣ ба жанри суруд низ таваҷҷӯҳи хосса дода аст. Мазмунан бештари онҳо дар жанри суруди ватанпарастианд: сурудҳои «Ватан» барои хори чаҳоровоза (шеъри М. Турсунзода), «Суруди Сулҳ» (шеъри М. Турсунзода) барои хори дуовоза, «Оли Сомон» (шеъри Н. Амриддин) барои тенор ва хори чаҳоровоза аз қабили ҳаминҳоянд.

Яке аз муассисаҳое, ки дари он ҳамеша барои композитор Ш. Ашӯров кушода буд, Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ мебошад. Дар ҷараёни ҳамкорӣ бо ин театр ҳамкориҳо бо хори калони он низ қавитар гардиданд. Дар натиҷа асарҳои зиёде, хусусан дар жанри суруди хорӣ бо оркестр, пайдо шуданд. Аз зумраи чунин сурудҳои хорӣ «Парчами мо» (шеъри С. Уроқӣ) суруд барои яккахон, хор ва оркестри симфонӣ, «Ливои мо» (шеъри Н. Амриддин) суруд барои яккахон ва хор, «Тоҷикистон» (шеъри Фонӣ) суруд барои яккахон, хор ва оркестри симфонӣ, «Қаҳрамони миллат» (шеъри М. Турсунзода) суруд барои хори чаҳоровоза, «Пешвои миллат» (шеъри Н. Қосим) суруд барои яккахон, хор бо оркестри симфонӣ мебошанд.[1]

Суди ин сурудҳоро ҳам муассисаҳои консертӣ ва ҳам муассисаҳои таълимӣ мебинад, чунки интихоби суруди хорӣ дер боз бо асарҳое маҳдуд мегардид, ки дар давраи советӣ навишта шуда буданд. Он сурудҳо ба ғайр аз оне, ки мазмуни шеърҳояшро ба мазмуни имрӯза мувофиқат намекунад, аз ҷиҳати асоси мусиқӣ низ интонатсияҳои сурудҳои бештар советиро дар бар мегирифт, на миллиро. Дар давраи Истиқлолият жанри суруди хорӣ дар эҷодиёти композитор Талабхӯҷа Сатторов бо серрангӣ, тобишҳои оҳангии тоҷикона ва зарбҳои ифоданоки суннатӣ эҳё гардид. Композитор Шуҳрат

[1] Аксарияти чунин асарҳо аз бойгонии шахсии композитор ёфт шуданд. [155].

Ашӯров ин анъанаро сарбаландона идома дод. Маҳз ӯ тавонист услуби ташаккулдодаи композитори маъруф Талабхӯҷа Сатторовро дар мусиқии композиторин тоҷик пайравӣ намояд ва устувор гардонад.

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI Шуҳрат Ашӯров ба жанрҳои калонҳаҷми театрӣ рӯ меоварад. Аз зери қалами ӯ пайиҳам се асари бузург мебароянд: опереттаи «Кони Пурганҷ» (2013), балети «Зол ва Рудоба» (2016) ва ниҳоят операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» (2016). Дар интихоби онҳо композитор эҳтимол мубрамии ин жанрҳоро дар мусиқии композитории тоҷик ба назар гирифтааст. Аввал ин, ки жанри оперетта камчинтарин жанрест дар мусиқии тоҷик. Дуюм, ба асари операи бачагона бояд ҳар як композитори тоҷик рӯ оварад, зеро ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол фисади бачагон зиёд аст ва барои тарбияи эстетикии онҳо мусиқии хосса зарур аст. Ва сеюм онро гуфтан зарур аст, ки жанри балет баъди аз олам гузаштани ситораи балети тоҷику ҷаҳонӣ Малика Собирова (1942-1982) каме рӯ ба таназзул оварда буд. Вале барои халқе, ки рақс яке аз шуғли рузмарравӣ мебошад, ин хомушӣ дер давом карда наметавонист. Бо вуҷуди ин, эҷоди балет дар солҳои охир кам дида мешавад. Эҳтимол сабаб дар мураккабии ин жанри мусиқӣ-саҳнавӣ низ аст. Композитор Шуҳрат Ашӯров ҷасурона дар ин жанр асар офарид, ва сюжети онро аз адабиёти пурифтихори халқи тоҷик интихоб намуд.

*Фаъолияти шаҳрвандӣ-маъмурӣ*. Дар ин давраи эҷодӣ композитор Шуҳрат Ашӯров тавонист тамоми масъулият, самимият ва меҳру муҳаббати худро ба Ватан сидқан амалӣ намояд. Ҳамчун узви Иттифоқи композиторони Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ба яке аз композитори фаъол табдил ёфта, дар ҳамаи чорабиниҳои ҳукуматӣ иштирок менамояд ва ҳар дафъа бо асарҳои нав аҳли мусиқиро хушнуд мегардонад. Дар ин самт ӯ афзалиятро ба жанри хорӣ-оркестрӣ медиҳад. Нақши фаъолияти ҷамъиятии ӯро ба назар гирифта, Шуҳрат Ашӯровро соли 2009 муовини якуми Иттифоқи композиторӣ интихоб мекунанд. Дар ҳаёт композитор Шуҳрат Ашӯров шахси хеле зиндадил буд. Ӯ тайёр буд ба ҳар як ниёзманд ёрӣ расонад. Одатан, натиҷаи

чунин ҳамкориҳо пайдоиши асари нав мегардид. Ҳамаи ин нуктаҳои зикршуда, оид ба мазмуни жанрӣ ва шавқмандии эҷодии композитор, аз он шаҳодат медиҳанд, ки Шуҳрат Ашӯров дорои ҳисси шаҳрвандии хеле бузург будааст.

Тадриҷан композитор Шуҳрат Ашӯров дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон ба яке аз шахсиятҳои маъруф табдил гардид. Соли 2016 ин обрӯи эътибори ӯро, ки бо меҳнати пайваставу ҳалоли худ ба даст оварда буд, ба назар гирифта, ӯро раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон интихоб карданд. Бо вуҷуди иҷрои ин вазифаи пурмасъул композитор набзи фаъолияти эҷодии худро заиф накард. Дар соли 2016 дар баробари операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» ва балети «Зол ва Рудоба», ва инчунин квинтети фортепианоӣ, увертюраи симфонии «Идона», кантатаи «Ватан» барои хор ва оркестри симфонӣ навишта шудаанд.

Серғайратии композитор касро ба ҳайрат мегузошт. Тайи даҳсолаи охири ҳаёт фаъолияти ӯ хеле серҷанба зоҳир гардидааст. Вале на танҳо серпаҳлуӣ, балки сермаҳсулии фаъолияти эҷодии композитор сазовори таҳсину офаринҳо мегардид.

Сазовори таассуфи аҳли фарҳанг, хусусан аҳли санъати мусиқии касбӣ аст, ки ин композитор дар дараҷаи баланди рушди камолоти худ фоҷиавӣ аз олам гузашт.

Имрӯз, баъди сипари шудани даҳ сол саҳми ӯ ба мусиқии композитории тоҷик боз ҳам дурахшонтар ҷило медиҳад. Мероси эҷодии ӯ, ки жанрҳои гуногуни мусиқӣ, аз ҷумла, опера, балет, оперетта, увертюраи симфонӣ, сюитаи оркестрӣ, кантата, асарҳои ансамблии квинтет, квартет, асарҳои калонҳаҷми созӣ ва вокалӣ дар жанрҳои консерт, пйесаи консертӣ, як қатор асарҳои вокалӣ дар жанрҳои хорӣ, романс, суруд ва як қатор асарҳо дар жанри созӣ-камеравӣ дар бар гирифтааст, саршор аз меҳру муҳаббат ба Ватан, ба миллати тоҷик, зебоиву васфи табиати кишвари азиз мебошанд. Асарҳои ин композитор дар даҳсолаи охири ҳаёт дар ҳамаи зуҳуроти фаъолияти мусиқӣ – саҳна, аудиторияи таълимӣ, ҷашнҳои кушоди оммавӣ,

барномаҳои таълимӣ, консертҳои синфӣ, барномаҳои телевизионӣ-радиоӣ садо медоданд, имрӯз ҳам садо медиҳанд.

Дар эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров серҷанбагии фаъолияти эҷодӣ бо сатҳи баланди профессионалӣ ҳамоҳанг аст.

Ба ҳайси дастоварди ӯ онро қайд кардан мумкин аст, ки ӯ тавонист ба муваффақиятҳои зерин ноил гардад:

– сатҳи мусиқии профессионалии муосири тоҷикро баланд бардошта, ба рушди мусиқии композитории тоҷик саҳми бениҳоят арзанда гузошт;
– забони хоссаи мусиқии ғановатманде аз зарбу тобишҳои оҳангӣ, наздик ба асоси интонатсионии мусиқии тоҷикро дар шакли нав ташаккул дод;
– талқини нави жанриро бо мисолҳои сершумор пешниҳод намуд, масалан, дар жанри консерт-ривоят, дар жанри квинтет ва квартет бо истифодаи омехтаи созҳои симфонӣ ва миллии тоҷик (квинтет барои ду скрипка, рубоб, дойра ва фортепиано) ва диг.;
– фаъолияти омӯзгории композиториро дар давраи Истиқлолияти Тоҷикистон эҳё намуд;
– балети ӯ «Зол ва Рудоба» нахустин асари балет аст дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон;
– опереттаи «Кони пурганҷ» аввалин асарест дар жанри оперетта дар даҳсолаҳои дуюми давраи Истиқлол;
– ӯ ба анъанаи шоҳномахонӣ дар давраи Истиқлол хишти дуюмро (баъди Т.Сатторов) бо асари калонҳаҷми саҳнавӣ гузошт.

## 1.2. Заминаи таърихии ҷустуҷӯҳои эҷодии шухрат Ашӯров

### 1.2.1. Опереттаи тоҷик: заминаи пайдоиш ва рушд

То пайдоиши опереттаи тоҷик, жанри оперетта, аллакай, роҳи рушди муайянро тай карда буд. Ин роҳи рушд бо ҷараёни дигаргуншавии ин жанр ҳамқадам гардид. «Симои жанрии оперетта бо хусусиятҳои комедияи маишии *зингшпил* (асри XVIII, Австрия ва Германия), асри яксаҳнаи лирикӣ-маишӣ *буффонада* (асри XIX, Франсия), хеле наздик рушд гардида,

ҳамчун жанри мустақили театрӣ дар миёнаи асри XIX пурра ташаккул ёфта буд» [66, с. 51-59]. «Дар асри XX он ба жанри мусиқӣ-саҳнавӣ, ки дар он рақсидану сароидан бо садоҳои гуфтугӯӣ пайиҳам меоянд, табдил ёфта, мавқеи устуворро пайдо кард» [66, с. 51-59].

Асоси драматургии мусиқиро дар оперетта бештар саҳнаҳои гурӯҳӣ, сурудҳои одӣ (бештар куплетӣ) ва рақс ташкил медиҳанд. «Дар он шаклҳои сирф операвӣ низ аз қабили ария, ансамбл, хор, одатан дар шакли содатари худ истифода бурда мешаванд. Номераҳои вокалӣ ва хореографии оперетта рушди намоиш, тасдиқи идеяи асарро ба уҳда дошта, ягонагии драматургиро муҳайё месозанд. Оперетта бо дороии диалогҳои гуфтугӯии худ аз опера фарқ мекунад. Маълум аст, ки оперетта мазмунан ва шаклан хеле гуногун мешавад. Он метавонад лирикӣ-ҳаҷвӣ, лирикӣ-романтикӣ, қаҳрамонӣ-романтикӣ ва ғайра бошад» [161].

Дар асри XX, бо пайдоиши жанри эстрадӣ, табиати синтетикии оперетта робитаи мусиқии ҳаёти имрӯза ва мусиқии эстрадиро наздик мекунад. Ба ин сабукии жанрии он низ мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз нисбат ба опера он ба шунавандаи оммавӣ фаҳмотар аст. Метавон гуфт, ки оперетта жанри сабуки опера аст. Дар он ҳама унсурҳои саҳнавӣ медурахшад, суръати рафти драматургӣ нисбат бо опера серҳаракаттар аст ва ҳоказо. Хусусиятҳои сабукии жанрӣ ва оммафаҳмӣ жанри опереттаро ба жанри мусиқии эстрадӣ наздик мекунад.

«Жанри оперетта ба фарҳанги мусиқии тоҷик дар асри XX дар баробари жанрҳои дигари мусиқии аврупоиасос ворид гардидааст [64, с. 389].

Нахустин опереттаи тоҷик «Розияхола»-и С. Баласанян ва З. Шаҳидӣ мебошад.[2] Опереттаи «Розияхола», ҳарчанде марбут ба мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аст, мазмунан характери ҳаҷвӣ дошта, ба ҳаёти занон дар Тоҷикистони давраи ҷанг бахшида шудааст. Дар маркази оперетта образи колхозчизан Розияхола аст. Дар ин асар хусусиятҳои зиёди ин жанри аврупоӣ

[2] Он соли 1942 бар пйесаи Е. Акубжанова ва Н. Зелеранский (тарҷумаи К. Лутфуллоева ва М. Миршакар) навишта шудааст ва аз се намоиш иборат аст [64, с. 389].

ҷо дорад: хусусан, дар образи Розияхола ва бригадир Салом Амак, лаҳзаҳои ҳаҷвӣ-маишӣ зиёданд. Ба ақидаи муҳаққиқ дар опереттаҳои мазкур мусиқӣ, нутқ, сароиш, рақс бо вуҷуди нишон додани гуногунжанрӣ, ба ташаккул додани драматургияи ягонаи жанрӣ мусоидат нанамудааст» [64, с. 69].

Соли 1967 композитор З. Шаҳидӣ мустақилона ба жанри оперетта рӯ оварда, опереттаи «Духтаре аз Душанбе»-ро ба либреттои Шамсӣ Қиём ва Боқӣ Раҳимзода навишт.

Соли 1961 опереттаи С. Урбах «Бибӣ ё Бобо» («Домоди воломақом») ба либреттои Я. Галитский ва С. Саидмуродов, ҳарчанде ба забони русӣ навишта шуда бошад ҳам, дар мусиқии тоҷикӣ асос ёфтааст [82]. «Дар он композитор дар баробари хусусиятҳои опера-буфф ва водевил, маводи фолклории тоҷикро (аз ҷумла суруди халқии тоҷикӣ «Чорбоғи боло чорбоғи поён» дар образи...хола ва диг.) фаровон истифода бурда аст. Дар мусиқии он зарбҳои рақсӣ зиёданд. Дар баробари ин шаклҳои операвӣ, ба монанди суруд ария, дуэт ва дигар ансамблҳо ҷой доранд. Бурди ин оперетта дар он низ буд, ки ҳаёти муосирро нахустин бор рӯи саҳнаи операи тоҷик баровард» [64, с. 144].

«Соли 1974 композитор Г. Александров опереттаи «Оби зинда»-ро ба либреттои М. Назаров навишт. Ӯ ин жанрро ба талқини дигар пешниҳод кард» [64, с. 144]. Муҳақиққон жанри ин асарро «оперетта-мюзикл» муайян карданд. Он дар се намоиш навишта шудааст.

Композитор Дамир Дустмуҳаммадов соли 1993 мусиқии композитории тоҷикро боз бо як асари дигар дар ин жанр пурра гардонид. Ӯ опереттаи «Дугонаҳо»-ро ба либреттои Аъзам Сидқӣ эҷод намуд.

«Ҳамаи ин асарҳо сурудҳои лирикии зеборо дар бар мегиранд, вале ба андешаи муҳаққиқ аз ҷиҳати драматургӣ суст баромадаанд» [64, с. 145]. Муҳаққиқон-театршиносон ин камбудиро бо сифати пасти либреттаҳои ин асарҳо вобаста мекунанд [64, с. 172].

Тавре ки қайд шуд, мутаассифона, композиторони тоҷик ба жанри оперетта кам рӯ овардаанд. Сабаб дар чист? Доир ба ин нукта зарур мешуморем андешаи худро иброз намоем.

Аз солҳои 40-уми асри XX дар мусиқии композитории тоҷик жанри *драмаи мусиқӣ* хеле фаъол гардид. Як навъи он *мазҳакаи мусиқӣ* маҳсуб меёбад. Ҳам *драмаи мусиқӣ* ва ҳам *мазҳакаи мусиқӣ* саршор аз номерҳои гуногуни мусиқӣ мебошанд. Ба ин жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ суруд, рақс, мусиқии созӣ хос аст. Ин хусусиятҳоро оперетта низ дорад. Ба андешаи мо, сабаби асосии кам рӯ овардани композиторони тоҷик ба жанри опереттаи аврупоӣ дар он аст, ки дар фарҳанги тоҷик жанри наздик ба он вуҷуд дошт. Ин жанрҳо *драмаи мусиқӣ* ва хусусан, *мазҳакаи мусиқӣ* мебошад. Имрӯз ҳам ин жанрҳо аз маҳбубтарин жанрҳои мусиқӣ-саҳнавии мардуми тоҷиканд.

«Дар мусиқишиносӣ баъзе муҳаққиқон (М. О. Янковский, Г. М. Яром) ҳатто истилоҳҳои «мазҳакаи мусиқӣ» ва «оперетта»-ро синоним мешуморанд» [31, с. 753].

Ин ақида дар санъатшиносии тоҷик ҳам ҷо дошт. «Бинобар ин тасодуфӣ нест, ки санъатшиноси маъруфи тоҷик опереттаи «Розияхола»-и С. Баласанян ва З. Шаҳидиро мазҳакаи мусиқӣ дар се намоиш» [64, с. 389], «асари «Домоди воломақом» («Бибӣ ё Бобо»)-и С. Урбахро операи мазҳакавӣ дар панҷ саҳна» [64, с. 399], асари З. Шаҳидӣ «Духтаре аз Душанбе»-ро «комедияи мусиқӣ дар се намоиш» [64, с. 403] номидааст. Муҳаққиқи дигар Ҳасанова М. М. Қайд кардааст, ки «опереттаи «Розия»-и С. Баласанян ва З. Шаҳидӣ дар жанри *мусиқӣ ба спектакл* навишта шудааст: ба мавзуи ҷанг инчунин, спектакли «Розия»-и С. Баласанян ва З. Шаҳидӣ...» [90, с. 19]. Зеро ки дар идома бори дигар ақидаи худро чунин тасдиқ кардааст: «ба ғайр аз… ва «Розия» дар театри опера дигар спектаклҳои мусиқӣ дар мавзуи ҷанг ба саҳна гузошта нашуда буданд» [90, с. 19]. Ва ниҳоят, бори сеюм, ба таври зерин: «дар ин солҳо дар баробари спектаклҳои драмавӣ, инчунин, ба саҳна спектаклҳои мусиқӣ «Розия» ки мусиқии онро С. Баласанян ва З. Шаҳидӣ ... навиштаанд, гузошта шуда буд» [90, с. 22]. Жанри опереттаи «Бибӣ ё Бобо»

(«Домоди воломақом») низ аз тарафи муҳаққиқ Ҳасанова М. М. бо дигар жанр муайян карда шудааст: «дар солҳои 70-80-уми асри гузашта, дар баробари классикаи ҷаҳонӣ, спектаклҳои муаллифони тоҷик – операи лирикӣ-мазҳакавии С. Урбах («Домоди воломақом») ба саҳна гузошта шуда буд» [89, с. 295].

### 1.2.2. Пешомадҳои рушди операи бачагона дар Тоҷикистон

Жанри операи бачагона ҳам дар мусиқии композитории Тоҷикистон яку якбора пайдо нашудааст. Яке аз намояндагони насли аввалини композиторон «А. Ленский соли 1954 намоишномаеро бар либреттои Н. Буркевич зери унвони «Дар меҳмонии Бобо Барфӣ» эҷод намуд» [48; с. 95]. Феълан ин намоишномаи мусиқӣ адабие буд, ки ба жанри мусиқӣ-саҳнавӣ тааллуқ дорад. Композитор А. Ленский баъди шаш сол (1960), бори дуюм ба жанри бачагонаи саҳнавӣ рӯ овард. Вале жанри намоишномаи ӯ ин дафъа ба Театри лӯхтак тааллуқ дошт. Сюжети онро зери унвони «Достони Рустам» композитор аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ гирифтааст. Ин ду асар, ҳарчанд ки опера набуданд, ба жанри операи бачагона ба дараҷаи муайян замина гузоштанд.

«Солҳои 70-ум операҳои бачагонаи «Писарча ва Карлсон» Г.Александров ва «Хонаи Заргӯшбибӣ» Д. Дустмуҳаммадов ба либреттои Н.Бақозода (1978) эҷод шудаанд» [98.I, с.433]. Ва инҳо нахустин операҳои бачагона дар мусиқии тоҷик ба шумор меравад.

Соли 1985 композитор Абдуфаттоҳ Одинаев операи бачагонаи «Бузаки ҷингилапо»-ро ба либреттои Наримон Бақозода навишт [38]. Бо пайдо шудани жанри операи бачагонаи тоҷик *жанри мусиқӣ ба спектакли бачагона* низ рушди худро идома медод. Ва солҳои 80-ум ба ин жанр «композитор Т. Сатторов таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ба «Бенби»-и Ф. Золте (1986) ва «Зоғ»-и К. Гемти (1987) мусиқӣ навишт» [48, с. 178;]. Дар охири солҳои 80 – аввали 90-ум композитор Т. Шаҳидӣ низ якбора пайиҳам се операи бачагона

таълиф намуд: «Бинӣ Котула» (1989), «Халиф Лаклак» (1990) ва «Зани зебо ва Ғул» (1992).

«Дамир Дустмуҳаммадов ҳамкориҳои худро дар охири солҳои 90-ум бо шоир Наримон Бақозода идома дода, бо унвони «Биё, Барфӣ Бобо!» (1999) операи дуюми бачагонаи худро офарид» [48; с.64]. Ин нахустин операи бачагона дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба шумор меравад. Анъанаро дар солҳои 2000-ум композитор А.Мусоев бо операи бачагонаи «Афсонаи ҷангалӣ», либреттои Садри Умар (2008) идома дод. Ва ниҳоят, Шуҳрат Ашуров соли 2016 операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»-ро менависад.

**Хулоса**, саҳми композитор Шуҳрат Ашӯров дар мусиқии академии Тоҷикистон хеле бузург арзёбӣ мегардад. Асарҳои ин композитор дар фаъолияти мусиии саҳнавӣ, таълимӣ, ҷашнӣ, телевизионӣ-радиоӣ мавқеи хеле устуворро пайдо кардаанд.

Дар эҷодиёти композитор Шуҳрат Ашӯров серҷанбагии фаъолияти эҷодӣ бо сатҳи баланди профессионалӣ ҳамоҳанг буд.

Оид ба вазъи жанри оперетта хулоса чунин аст, ки зимни мусиқии тоҷик жанри оперетта бинобар монандии зич ба жанри «драмаи мусиқӣ» ва ё «драмаи мусиқӣ» рушди фаровони худро наёфт (1); вале новобаста ба ин, ин жанр маҳбубияти халқро пайдо кардааст (2); композитор Шуҳрат Ашӯров шояд камшумории асарҳоро дар ин жанр ба эътибор гирифта, асари худро офаридааст (3).

Инак, оид ба операи бачагонаи гуфтан бамаврид аст, ки 1) роҳи рушди жанри операи бачагона дар Тоҷикистон на дар даҳсолаи аввали ворид шудани мусиқии академӣ ба Тоҷикистон оғоз гардидааст. Пайдоиши асари аввалин дар ин жанр ба миёнаи даҳсолаи дуюми фаъолияти композиторони тоҷик (1954) тааллуқ дорад. Беш аз ин, пайдоиши операи бачагона дар мусиқии тоҷик ба зайли тадриҷӣ амалӣ гардид: дар ибтидо *намоишномаи мусиқӣ-адабӣ* (А. Ленский, либреттои Н. Буркевич «Дар меҳмонии Бобо Барфӣ» (1954), сониян, *намоишнома барои театри лӯхтак* (А. Ленский, ба

сюжети достон аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ «Достони Рустам» (1960) ва ниҳоят, дар солҳои 70-ум *операи бачагона* (Г.Александров «Писарча ва Карлсон» ва Д.Дустмуҳаммадов ба либреттои Н.Бақозода «Хонаи Заргӯшбибӣ» (1978); 2) дар умум, новобаста ба серкӯдакии оилаҳои Тоҷикистон композиторони тоҷик ба ин жанр хеле кам рӯ овардаанд; 3) операҳои бачагона кам садо медиҳанд.

«Ҳамин вазъият дар ибтидои асри XXI низ дар мусиқии композитории Тоҷикистон ҳукмфармо буд. Дар фарҳанги мусиқии Тоҷикистони муосир ин навъи мусиқӣ ҳамчун «мусиқии академӣ» баҳогузорӣ карда мешавад. Маънои мушаххаси ин истилоҳ дар мусиқии муосири Тоҷикистон аз тарафи мусиқишинос Ф. А. Азизӣ асоснок карда шудааст» [1, с. 11]. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур зери «мусиқии академӣ» ба ин дид такя карда мешавад. Вале дар баҳогузории вазъи мусиқии академӣ ва жанрҳои он танҳо дар заминаи қабати нави фарҳанги мусиқии Тоҷикистони шӯравӣ аз лиҳози илмӣ нодуруст аст. Зеро ки, ба ғайр аз навтарин қабати сохтории фарҳанги мусиқии Тоҷикистон будан (1), он гоҳ Тоҷикистон дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ буд (2). Бинобар ин, ба масъалаҳои илмӣ-назариявии мусиқии академӣ баргашта, бояд он қайд кард, ки албатта, баъзе жанрҳои дар мусиқӣ ба осонӣ ба ҷомеа роҳ намеёфтанд. Ва ин проблемаи умумии мусиқӣ буд. «Зеро ки дар нимаи аввали асри гузашта мусиқишиноси варзидаи шӯравӣ рӯирост таъкид мекард: илова мекунем, ки масъалаи оперетта умуман коркард нашудааст» [75, с. 100]. Ин хавотирии умумӣ буд. Ва ҳамин давра, нимаи аввали асри XX, мусиқишиносон дар бораи рушди оперетта ҳамчун жанр бо хавотирӣ ақидаронӣ мекарданд. Ва ноқисии асосии онро бо интихоби сюжет мепайвастанд. Муҳаққиқ менависад: « ... асари ҳақиқӣ барои театри оперетта – ҳанӯз падидаи нодир боқӣ мемонад...» [103, с.6].

Дар солҳои 40-ум – 50-уми асри XX жанри оперетта ба Тоҷикистон дар қатори жанрҳои дигари мусиқии академӣ ворид гардид. Ва нахустин оперретаи тоҷик соли 1942 аз тарафи композиторони насли якуми Тоҷикистон С.Баласанян ва З. Шаҳидӣ бо унсони «Розия» навишта шуд.

Жанри оперетта дар заминаи фарҳанги мусиқии тоҷик он хешу ақрабо пайдо карда, зуд дар қатори жанрҳои мусиқӣ-саҳнавии мусиқии академии тоҷик ҷойи худро пайдо кард. Ҳатто баъди номгирӣ кардани муаллифи асар ҳамчун «оперетта», муҳаққиқону тамошобинон асарҳои ин жанрро баъзан «мазҳакаи мусиқӣ» ва баъзан «драмаи мусиқӣ» меномиданд. Аз ибтидо опереттаи тоҷик мавзуи рӯзмарраро ба саҳна ҷалб кард. Ва бо мурури замон ҳам опереттаи тоҷик пайваста ба мавзуҳои нав мутобиқ мегардид.

Вале то имрӯз масъалаҳои ҳалталаби жанрҳои калонҳаҷми саҳнавӣ зиёданд. Муҳаққиқон гаштаву баргашта андешаҳои худро дар бораи хоссагиҳои ин жанр таъкид менамоянд: «Дар қиёс бо театри драмавӣ, ки мусиқӣ он ҷо вазифаи корӣ-амалиро дорад, дар опера мусиқӣ барандаи асосии амал аст» [42, с. 20]. Онро тарафдорӣ мекунанд, ки дар театри мусиқавӣ «оркестри симфонӣ бо истифода аз василаҳои хоссаи худ ҳатто дар сатҳи унсурҳои сохтории асари мусиқӣ-саҳнавӣ бояд фаъол бошад. Оркестр дар опера (ва инчунин дар оперетта – Э.А.) ҳамчун омили фаъоли драмавӣ амал карда, образҳои мусиқиро инкишоф медиҳад. Он таъкид мекунад, ки оркестр танҳо ҳамроҳикунанда нест, балки унсури калидӣ дар офаридани фазои мусиқӣ ва драмавӣ дар опера (ва дар оперетта – Э.А.) аст» [8, с. 194]. Муҳаққиқон яке аз хусусиятҳои асосии жанри опереттаро бо мавқеи мобайнии он дар жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ қайд кардаанд: «Дар низоми гунаҳои санъат оперетта мавқеи вустоиро байни опера ва спектакли драмавӣ ишғол мекунад» [67, с. 51]. Мулоҳизаронӣ дар илми мусиқӣ баҳри он аст, ки ҳарчи саҳеҳтар хоссагиҳои жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ ба он ворид гарданд ва ин жанр ҳам дар амалия ва ҳам дар назария мавқеи худро дақиқ намояд. Зеро ки дар оперетта мутаносибии шаклҳои операвӣ ва гуфтугӯӣ хеле гуногун аст: «Муносибати онҳо мулоиму ноустувор, тағйирёбанда аст ва бештар аз анъанаҳои миллӣ ва давру замон вобаста аст» [67, с.51]. Ва «чунин серҷанбаии тағйирёбанда ба оперетта имкон медиҳад зери унвонҳои жанрии «операи мазҳакавӣ», «мазҳакаи мусиқӣ» ва диг. амалӣ шавад» [67, с. 51].

Ҳамаи ин мулоҳизаҳои илмӣ ва вазъи воқеии жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ аз тарафи композитори давраи Истиқлолияти давлатӣ Шуҳрат Ашӯров ҳамчун масъалаҳои хеле нозуки мусиқифаҳмӣ қабул мешуданд. Эҳтимол омили асосие, ки ӯро дар интихоби жанрҳо роҳнамоӣ кард, вазъи имрӯзаи ин жанрҳо дар мусиқии академӣ, аз ҷумла, мусиқии академии тоҷик, мебошад.

Инак, қабл аз ҳама бояд бигуфт, ки жанри суруд яке аз жанрҳои дӯстдоштаи ҳама давру замон аст. «Ва муҳаққиқои тоҷик ҳамеша аҳаммияти жанри сурудро барои ҷомеаҳои гуногуни худ қайд мекунанд. Тавре ки муҳаққиқ М. Назаров менависад: Дар инкишофи санъати мусиқии халқи тоҷик эҷодиёти сурудӣ (вокалӣ – Э.А.) мавқеи муҳиммеро ишғол мекунад. Ин шакли муҳимми мусиқӣ махсусан ба воситаи эҷодиёти ҳофизони халқӣ хеле паҳн гардида аст» [57,  с. 203]. Ба ин жанр Шуҳрат Ашӯров аз аввал то охири роҳи эҷодии худ муносибати ҷиддӣ зоҳир кардааст.

Дар жанрҳои мусиқӣ-саҳнавӣ ӯ ба жанри операи бачагона, оперетта ва балет рӯ овардааст. Эҳтимол ин заминае мебояд мебуд барои эҷоди опера. «Мусиқишиноси советии рус Комарнитская О.В. радабандие пешниҳод мекунад, ки меъёри асосии он пайвастагии жанри опера бо жанрҳои адабӣ мебошад. Дар натиҷа ин пайвастагӣ дар мусиқӣ ба пайдоиши гуногунжанрии опера овардааст. Радабандии ӯ зимни таҳаввули жанри операи рус пешниҳод шудааст: опера дар пайвастагӣ бо драма; опера дар пайвастагӣ бо эпос; опера дар пайвастагӣ бо афсона; опера дар пайвастагӣ бо лирика; опера дар пайвастагӣ бо мазҳака» [44. с. 230]

Тибқи ин радабандӣ операи бачагонаи Шуҳрат Ашӯров ба жанри *опера-афсона* тааллуқ дорад.

Композитор Шуҳрат Ашӯров ҳам дар оперетта ва ҳам дар операи бачагона композитсияи сохтори номеравиро татбиқ кардааст. Дар ин навъи композитсионӣ Шуҳрат Ашӯров устодона драматургияи «ҳолати эҳсосотӣ» (Б.М. Ярустовский)-ро амалӣ кардааст. Дар он композитор аз услуби тасвирӣ хеле хуб истифода бурда, дар сохтори номеравии операи бачагона ҳолатҳои гуногуни эҳсосотӣ (дар образи Аловиддин) ва тасвирӣ (дар образҳои

ҷодугарӣ)-ро офаридааст. Ягонагии операи бачагона бештар ба воситаи оҳангсозӣ ба амал оварда шудааст. Дар ин раванд композитор услубҳои тасвирӣ, гуногунрангии тембрӣ ва истифодаи пурмаҳорати оркестриро хеле хуб корбарӣ намудааст.

Ягонагии оперетта аз асоси оҳангии заминавӣ аст. Ҳамаи оҳангҳои асосиро композитор дар саҳнаҳои гуфтугӯӣ (вобаста ба мазмун ва робитаи образҳо) ҳамчун мусиқии заминавӣ истифода бурдааст. Ба ин васила дар оперетта асоси оҳангии як номер ба асоси оҳангии як саҳна табдил меёбад.

Дар оперетта ва операи бачагонаи Шуҳрат Ашӯров оркестри ӯ на ин, ки ба амали саҳнавӣ шарҳ медиҳад, оркестр хеле фаъол дар ҳар як саҳна, кушодани образи мушаххас иштирок менамояд. Аз ин ҷост, ки жанрҳои мусиқавӣ дар партитураи ин асарҳо хеле зиёданд. Гурӯҳи образҳои манфиро ӯ танҳо бо оркестр мекушояд.

Суханҳои мусиқишинос Е.Б. Голубева, ки дар бораи композитори муосири дигар гуфтааст: «...композитор тамошобинро ҳис мекунад ва ҳамеша вокуниши эмотсионалии тамошобинро пешгӯӣ менамояд» [24,с. 40], пурра ба Шуҳрат Ашӯров ҳам тааллуқ донистан равост.

Дар бораи услуби композиторӣи Шуҳрат Ашӯров сухан гуфта, онро дар қайд накарда намешавад, ки новобаста ба роҳи хеле кӯтоҳи эҷодӣ ин композитор услуби мустақилу пурмаҳорати худро нишон додааст. Композитор ба ҳар як жанри мусиқӣ муносибати дақиқу саҳеҳро зоҳир мекунад. Дар ҳар як жанр тибқи табиати он асар эҷод мекунад.

Ва акнун, дар бобҳои ояндаи кори диссертатсионии мазкур, таҳлилҳои муфассал асарҳои интихобшуда амалӣ карда мешаванд.

# БОБИ 2. ДИДИ ШУҲРАТ АШӮРОВ БА ЖАНРИ БУЗУРГҲАҶМИ МУСИҚӢ-САҲНАВӢ

Яке аз паҳлуҳои муҳими фаъолияти Шуҳрат Ашӯров бо жанри мусиқӣ-саҳнавии калонҳаҷм алоқаманд аст. Серғайратии ӯ дар он мушоҳида мешавад, ки композитор дар муддати кӯтоҳ якбора се асари бузургро дар ин жанр офарид. Онҳо гуногунжанранд:

– опереттаи «Кони пурганҷ»;
– операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»;
– балети «Зол ва Рудоба».

Ҳамаи онҳо дар шаш соли охири фаъолияти эҷодии ӯ навишта шудаанд. Солҳои 2010-2016-ро метавон ҳамчун солҳои авҷи эҷодиёти ӯ шуморид. Зинаи аввал барои эҷоди жанри калонҳаҷми саҳнавӣ, асарҳои хорӣ-кантатавӣ, сурудҳои лирикӣ ва шаҳрвандӣ.

Дар асарҳои мусиқӣ-саҳнавии худ композитор ба сюжетҳои гуногун рӯ меоварад: барои жанри оперетта сюжетро аз ҳаёти ҷавонони муосир, барои операи бачагона – афсонаи машҳури тоҷикро ва барои балет аз асари классикиро интихоб намудааст. Ба андешаи мо дар интихоби сюжет қабл аз ҳама композитор Шуҳрат Ашӯров табиати жанриро ба эътибор гирифтааст. Албатта, то Шуҳрат Ашӯров дар Тоҷикистон мурожиати композиторон ба ин жанрҳо ҷо дошт, ҳарчанд, ки он фаъол набуд. Ин ҷо овардани маълумотеро дар бораи ин вазъ зарур мешоморем.

## 2.1. Опереттаи «Кони пурганҷ» – нахустин опереттаи давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон

Опереттаи «Кони Пурганҷ» дар асоси пйесаи Шамсӣ Қиём «Аз бало ҳазар», либреттои Низом Қосим навишта шудааст. Он дар осори мусиқии композитор мавқеи махсусро ишғол менамояд, зеро ки дар жанри оперетта композитор ягона ҳамин асарро дорад. Дар мусиқии композитории тоҷик дар даҳсолаҳои аввали асри XXI ин ягона асарест дар жанри оперетта. Асари мазкур солҳои 2013-2014 навишта шудааст. Театр дер боз асареро дар ин

жанр интизор буд. Бинобар ин, онро ҳамон замон бо муваффақият рӯи саҳна гузошт.

Оперетта аз се саҳна иборат аст. Таркиботи он интродуксия, диалогҳои гуфтугӯӣ, суруд, ария, ариозо, речитатив, дуэт, трио, квартет, саҳнаҳои рақсӣ, хорӣ ва оркестриро дар бар мегирад.

### 2.1.1 Интродуксия

Интродуксия (№1) дорои сохтори сеқисма, муқаддима низ дорад. Муқаддима дар яке аз оҳангҳои асосии оперетта қарор мегирад. Он дар сохти периоди одӣ навишта шуда, аз ду ҷумлаи мусиқӣ иборат аст. Ҷумлаҳои таркибии он аз рӯи оҳанг идомаи якдигаранд.

Нахустинтонатсияи оҳангии муқаддима дар фосилаи квинтаи болораванда касро якбора ба фазои Интродуксия ворид месозад. Ибораи дуюми ин ҷумла низ бо ҳамин интонатсия оғоз гардида, диапазони оҳангро аз тарафи боло васеътар мегардонад ва бо ин сохтори оҳангии худ характери ҷасурии нахустибораи мусиқиро пурзӯртар менамояд:




*Мисоли 1. Оҳанги якуми муқаддима*

Ҷумлаи аввал октаваӣ баён гардида, аз тарафи гурӯҳи созҳои камонӣ, гурӯҳи нафасии чубӣ ва фортепиано дар тагнавозии басҳои камонӣ ва созҳои нафасии мисӣ tutti оркестрро ташкил карда, бо садои хеле баланд дар фортиссимо мутантан баён мегардад.

Ҷумлаи дуюми ин периоди одӣ бо нигаҳдошти баёни октаваӣ, тобишҳои поёнравандаро дар бар гирифтааст. Дар қиёс бо ҷумлаи якум, ҷумлаи дуюми оҳангӣ ду бор такрор мешавад ва тантанавор муқаддимаро ба анҷом мерасонад:




*Мисоли 2. Оҳанги дуюми муқаддима.*

Муқаддима аз қисми асосии Интродуксия ҳам бо вазн (гузариш аз чорзарбаӣ ба панҷзарбаӣ) ва ҳам бо оҳангҳои мустақили худ хеле мушаххас ҷудо карда шудааст.

Қисмҳои асосии Интродуксия Allegro – Andante – Allegro мебошанд. Ҳар як қисм дар услуби якоҳангӣ сохта шудааст. Сароҳанги қисми якум (Allegro) дар шакли период иборат аз ду ҷумлаи ҳаштмизона, як ибораи оҳангиро рушд медиҳад. Дар қисми якум ин оҳанг се бор такрор шуда, сохтори *ababa*-ро гирифтааст. Новобаста ба чунин такроршавии ҷумлаҳои мусиқӣ рушди қисми якум статикӣ нест. Сароҳанги қисми якум дар равияи оҳангҳои фалак навишта шудааст. Он дар тетрахорди поёнии e-moll, бо тобишҳои оҳангии худ ба оҳангҳои хоссаи мусиқии суннатии тоҷик, алалхусус фалак, хеле қарин аст:




*Мисоли 3. Сароҳанги Интродуксия.*

Композитор дар ин ҷо аз услуби иқтибоси оҳангӣ даст кашидааст. Вале ӯ хеле моҳирона оҳангро зери қоидаҳои фалакбандӣ эҷод намуда, пайвастагии ин ибораоҳангро бо манбаи мусиқии суннатӣ на танҳо аз ҷиҳати оҳанг, балки зарбу вазни он низ ба вуҷуд меоварад. Композитор ба вазни панҷзарбаӣ (5/8) рӯ оварда, онро бо зарби хоссаи фалак, ки дар амалияи мусиқӣ зери унвони *равона* маъмул аст, бо нигаҳдошти задаҳои он истифода мебарад.

Зарби равонаро мусиқишинос Азизӣ Ф.А. чунин шарҳ додааст: «Равона дар Фалак зарби заминавӣ маҳсуб меёбад. Ба маънои васеъ он ҳамаи қолабоҳангҳои Фалакро алоҳида-алоҳида асос намуда, серрангии лаҳнӣ-оҳангии Фалакро муаррифӣ намудааст. Аз он фалакҳои яккисмаи Равонаи Роғӣ, Равонаи Ғарибӣ, Равонаи Қаландарӣ ва ғайра бар омадаанд. Ба маънои мушаххас он жанри равонаро дар Фалак ба вуҷуд овардааст. Хусусияти заминавии зарби равона аз он аст, ки панҷзарбаи он ба таври муназзам

омадаанд» [2]. Шуҳрат Ашӯров ин моҳияти муҳими зарби равонаро дар Фалак хеле худ дарк кардааст. Аз ин ҷост, ки ӯ яке аз лейтмотивҳои опереттаро дар он эҷод намудааст.

Бори аввал ин оҳанг дар бахши гобой ва скрипкаҳои якум, сониян, бо ҳамроҳии фортепиано ва кларнет, солисан, скрипкаҳо бо ҳамроҳии флейтаҳо ва гобой онро ба tutti оркестр расонида, рушди оҳангро хеле мутантан хотима медиҳанд. Дар ин ҷараён дар тагнавозии басҳои торӣ, тавассути гурӯҳи асбобҳои мисии нафасӣ ва гурӯҳи созҳои зарбӣ (tamburino ва piatti) задаҳои усули равона ҳамеша таъкидшавандаанд. Ин оҳанги зебо дар тули қисми якум бештар аз ҷиҳати тембр (рангҳои созҳои гуногун) рушд меёбад. Аз ҷиҳати лаҳн ва зарбу вазн дар он ивазшавӣ ҷо надорад. Хусусиятҳои манбаи мусиқии суннатӣ дар он пурра нигоҳ дошта шудаанд. Чунин талқини оҳанг анъанаҳои иҷрокунандагиро ба хотир меоварад: сарояндагон ё навозандагон як оҳангро ба навбат иҷро менамоянд ва ин оҳанг ҳар бор бо ранги нав ҷило медиҳад.

Ҳар дафъа композитор унсурҳои баёниро дар тагнавозии он тағйир дода, рушди ягонаи динамикиро ба даст меоварад. Набзи ягонаи рушди қисмро зарби равона муҳайё месозад. Ибораоҳангҳои дохилии ҷумлаҳои мусиқӣ бештар ба пайвастагии плагалӣ (t – s) такя мекунанд:






*Мисоли 4. Иборахои рушдихандаи сароханги прелюдия.*

Дар баёни мусиқии қисми якум унсурҳои навозандагии суннатӣ низ дида мешаванд:




*Мисоли 5. Унсурҳои навозандагии суннатӣ дар Интродуксия.*

Дар мисоли мазкур гурӯҳи зарбӣ (барабани хурд) усули суннатии равонаро бе таваққуф иҷро карда, сози дигари он (*Tamburino*) задаҳои ин усулро таъкид карда, қабули онро равшантар менамояд. Дар бахши фортепиано ба воситаи аккордҳои арпеджиоӣ панҷазании дутор шунида мешавад. Асоси интонатсионии оҳанг бо воридшавии хроматизмҳо ҳар дафъа ранги дигару тобишҳои навро пайдо мекунад. Ва дар умум ин қисми аввал (Allegro) дар ми-фригӣ хотима меёбад.

Қисми дуюми Интродуксия дар суръати суст (Andante) эҷод шудааст. Оҳанги онро ҳамчун яке аз намунаҳои беҳтарини лирикаи мусиқии тоҷик арзёбӣ кардан мумкин аст. Бидуни шак, он образҳои лирикии опереттаро хеле равшан таҷассум намудааст. Ин оҳанг дар вазни шашзарбаӣ, бо зарби уфарии мусиқии суннатии тоҷик омадааст. Задаҳои усули суннатӣ дар зарбаҳои якум ва чорум дар асар низ нигоҳ дошта шудаанд. Ба андешаи мо, композитор ин усулро махсус дар суръати суст пешниҳод намудааст. Ба ин васила ӯ усули рақси шӯхи суннатиро ба зарби рақси лирикӣ табдил додааст. Чунин ҳалли композитсионӣ баҳри нишон додан ва таҳким бахшидани хати лирикии драматургияи оперетта зарур аст. Нахустин бор ин оҳанг дар дуэти флейта ва гобой бо тагнавозии зарбиҳо ва «панҷазании» виолончел меояд:






*Мисоли 6. Оҳанги лирикӣ дар Интродуксия (қ.2)*

Ба ибораи дуюм аввал скрипкаҳо ва соният, фортепиано ҳамроҳ мешаванд:




*Мисоли 7. Рушди оҳанги лирикии Интродуксия (қ.2)*

Хати оҳангӣ дар баёни октаваӣ ва тагнавозии уфарӣ бо ҷилои нав пешниҳод мегардад. Бо чунин василаи тембрӣ оҳанг нафаси фарохтарро пайдо мекунад.

Бори дуюм ибораоҳанги якум дар якҷоягии ҳамаи гурӯҳҳои номбурда садо медиҳад. Оҳанги уфари суст баҳри қавитар гардондан дубора омада, бори дуюм бо серрангии хосса рушди оҳангиро таъмин менамояд. Маълум аст, ки уфар дар мусиқии суннатии тоҷик мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Муҳаққиқ Азизӣ Ф.А. қайд мекунад: «Дар услуби силсиласозии Шашмақом ва Фалак уфар ҳамеша ҷой дорад. Табиати ин зарб рақсӣ аст. Ин яке аз он

зарбҳоест, ки аз он жанри мусиқӣ бар омадааст. Дар мусиқии суннатии тоҷик ду гунаи он маълум аст – уфари суст ва уфари тез. Он ҳамеша силсиларо хотима медиҳад» [2]. Шуҳрат А. Дар опереттаи худ ҳарду навъи уфарро истифода бурдааст.

Қисми сеюми Интродуксия (Allegro) характери навро ворид месозад. Ҷаҳони орзуҳову хушбахтии ошиқон ба ташвишҳои зиндагии воқеӣ иваз мешавад. Оҳанги он пурра дар ҳаракати триолӣ сохта шудааст. Ин василаест, ки аз он суръати Allegro боз ҳам тезтар мешавад. Чунин ҳалли композитсионӣ барои нигаҳдошти функсияи драматургии қисми хотимавии Интродуксия ба амал оварда шудааст. Ин қисм, қисми пурсуръатарини Интродуксия мебошад. Ҷобаҷокунии қисмҳои Интродуксия барои ҳалли композитсионӣ ва хусусан, драматургии он хеле судманд аст. Чунин пайиҳамӣ бурди он аст ва композитор онро хеле хуб дарк кардааст.

Оҳанги қисми сеюм дуибораро дар бар мегирад. Дар рафти рушд ибораи якуми он ба ҳалқачаи занҷираки секвентсионӣ табдил меёбад:




*Мисоли 8. Ибораоҳангҳои асосии қисми сеюми Интродуксия.*

Ҳалқачаи дуюми занҷираки секвенсионӣ зери тагнавозии питсикаттои гурӯҳи тории камонӣ ва таъкиди задаҳои зарбии гурӯҳи мисӣ меояд. Зарбиҳо усули триолиро устуворона идома медиҳанд. Ибораи дуюм набзи триолии ибораи якумро қавитар мегардонад ва ҷиҳати интонатсионӣ низ онро рушд медиҳад.

Дафъаи сонӣ ҳалқачаи занҷирак зери тагнавозии заданоки фаготу ториҳои камонӣ омадааст. Бо ин рангҳо зарби триолии бетаваққуфи зарбиҳо тобиши навро пайдо мекунад. Ва ниҳоят, ҳарду ибораоҳангҳо дар tutti оркестр садо медиҳанд. Кодаи Интродуксия сатҳи динамикии рушдро ба даст гирифта дар асоси оҳанги сеюм ва набзи триолии он болораванда ҳаракат мекунад. Аз ин рӯ, Интродуксия дар интиҳои худ диапазони хеле васеъро фаро гирифта, бо тремолои зарбӣ анҷом меёбад.

Ҳамин тавр, Интродуксияи оперетта бо қисмҳои муқаддима, Allegro (қисми аввал), Andante (қисми мобайнӣ), Allegro (қисми хотимавӣ) дар як хати рушди драматургӣ пешниҳод шудааст. Дар Интродуксия композитор чаҳор навъи образҳоро нишон медиҳад. Ин чаҳор оҳанг дар раванди оперетта якчанд маротиба вомехуранд. Онҳо дар асар функсияи лейтмотивро иҷро кардаанд. Бино бар функсияи онҳо муаллифи кори диссертатсионӣ онҳоро мушаххас номгузорӣ кардааст:

- оҳанги ҷавонӣ (муқаддима);
- оҳанги ҷасурӣ (қисми аввалӣ);
- оҳанги ишқу муҳаббат (қисми мобайнӣ);
- оҳанги зафари ҷавонӣ (қисми сеюм ва кода).

Аз таҳлили Интродуксия бармеояд, ки дар услуби композитсионӣ Шуҳрат Ашӯров, ҳарчанде жанри аврупоиасосро истифода бурда бошад ҳам, дар оҳангсозӣ ба мусиқии суннатӣ такя намуда, бо истифода аз баён, оҳанг, зарб, пайиҳамии қисмҳо композитсияи мукаммали хеле ҷолиброофарида аст. Ин аз он аст, ки ӯ қонунҳои мусиқии суннатиро хеле хуб медонист. Аз чаҳор оҳанги Интродуксия яктоаш дар қолабзарби равона (Allegro) бо нигаҳдошти таъкидҳои суннатии ин қолабзарб, дигарӣ (Andante) – дар равияи лирикаи суннатии тоҷик, бо истифодаи қолабзарби уфари суст сохта шудаанд. Сароҳанги қисми сеюмро композитор вобаста ба функсияи драматургии хотимавии асар эҷод карда, бо сароҳанги хотимавӣ зафари саъю кӯшишу ҷасурии ҷавониро таҷассум менамояд.

Беш аз ин, функсияи композитсионии Интродуксияро дар жанри саҳнавӣ-театрии оперетта композитор хеле хуб дарк мекунад. Аз ин ҷост, ки ӯ тавонистааст, дар Интродуксияи хурд бо ҳамаи равияҳо, образҳо ва хати мазмуниву драматургӣ хеле мухтасар ва хеле саҳеҳ моҳияти опереттаи «Кони пурганҷ»-ро таҷассум намояд.

Ҳамин тавр, хатҳои асосии драматургии оперетта дар Интродуксия намудор гардидаанд.

### 2.1.2. Рафти оперетта

Саҳнаи якуми намоиши якум аз ду суҳбат сар мешавад. Саҳнаи гуфтугӯии Хуршед, Олим ва Лена (№2) зимни ибораи оҳангии такрории оркестри торӣ ва флейта иҷро мегардад. Пеш аз суҳбати дуюм, ҳамсоя Розияхола медарояд ва идомаи суҳбат байни чор нафар қарор мегирад (№3). Ба хати оркестрии заминавӣ дар асоси ибораи болораванда ва поёнраванда сози гобой илова мешавад.

Суруди Анвар «Духтарони шаҳри мо чун ахтаранд» (№4) дар оҳанги қисми дуюми Интродуксия оҳанги ишқу муҳаббат (Andante) асос ёфтааст. Ин суруди мустақил аст. Муқаддимаи созии он дар оҳанги яке аз ибораҳои суруд сохта шудааст:




*Мисоли 9. Оҳанги муқаддимаи суруд.*

Дар ин муқаддима ҳамаи унсурҳои суруд аён мегарданд. Оҳанги онро фортепиано, скрипкаҳои якум ва гобой дар тагнавозии камониҳои дигар иҷро мекунанд. Дар тагнавозӣ вазифаи ҳар як асбоб хеле саҳеҳ аст: скрипкаҳои дуюм ва алтҳо – ҳамсадоиҳои ёрирасони фосилавиро, виолончел бо ҳамроҳии зарбиҳо (тарелка ва тамбурин) – усули дойраро бо нигаҳдошти зарби уфар ва контрабас – задаҳои аввалини усулро иҷро мекунанд. Бо оғоз гардидани суруд ҳамон гобой, фортепиано ва скрипка дар шакли унисон ба Анвар зимни тагнавозии пешина ҳамроҳ мешаванд. Ин тақсимшавии функсионалӣ дар сархати суруд нигоҳ дошта мешавад.

Пеш аз нимавҷи суруд вазни оҳанг ба панҷзарбаӣ табдил ёфта, аввал интерлюдия-ритурнели созии чормизона, сониян, тагнавозии нимавҷ бар ин вазн асос меёбанд. Дар ин зарб сароҳанги суруд меояд:




*Мисоли 10. Сароҳани суруди Анвар «Духтарони шаҳри мо».*

Оҳанги хати овозӣ зарби уфариро идома медиҳад. Дар тагнавозӣ ҳамаи созҳои гурӯҳи чӯбӣ, фортепиано ва гурӯҳи торӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Ин рушди динамикӣ, тавассути тагнавозии октаваӣ-басӣ фагот, фортепиано, виолончел ва контрабас пурзӯртар гардида, ба авҷ меоварад. Дар хати авҷӣ

вазн боз ба шашзарбаӣ иваз шуда, рушди динамикии ноилгардидаро бо ҳамон муҳтаво идома медиҳад:




*Мисоли 11. Хати авҷии суруди Анвар «Духтарони шаҳри мо».*

Дар қисми фароварди авҷ, оҳанг ба тоналности пешинаи худ бармегардад.

Диалоги Анвар ва Лена (№5) зимни оҳанги Интродуксия дар зарби равона бо тобишҳои нав омадааст. Он зарби равонаро дар суръати хеле сусти Adagio бо дигар кардани симои он ва пайдо шудани тобиши нави оҳангӣ пешниҳод мекунад. Аз ин бармеояд, ки оҳангибораи Интродуксия дар ин диалог дар баробари шакли аслӣ, инчунин, ҳамроҳи шакли фаръии худ рушду нумуъ ёфтааст. Хусусияти дигари истифодаи оҳанги Интродуксия ин ҷо дар он аст, ки задаҳои зарби равона бардошта шудаанд.

Тавассути суруди Лена «*Там в высоких горах*» («Дар он кӯҳҳои баланд») (№6) нахустин бор образи Лена кушода мешавад. Ӯ сурудашро ба дӯстоштааш Олим бахшида, изҳори муҳаббат мекунад. Суруд шакли куплетӣ дорад. Ин сохтори одии суруд ба як саҳнаи лирикӣ табдил меёбад. Чунин

натиҷаро композитор ба василаи ҳамеша рушд додан ва ғановатманд гардонидани бахши оркестрӣ ба даст меоварад. Рушди суруд аз талқини образи лирикии статикӣ тадриҷан ба образи динамикӣ табдил ёфтааст. Даромади созии суруд дар ибораи дуюм унсурҳои динамикиро дар бар гирифта, ба хотимаи кулминатсионӣ оварда мерасонад:




*Мисоли 12. Хотимаи авҷӣ дар суруди Лена «Там в высоких горах».*

Куплети якум дар суръати суст оғоз мегардад. Инро композитор на тавассути иваз кардани нишондоди суръат, балки тавассути иваз кардани зарбаҳо аз шонздаҳякӣ ба чорякӣ ба даст оварда, ибораҳои оҳангии кӯтоҳро зимни тагнавозии чорякӣ ва мавҷҳои болоравандаи ҳаштякӣ ҳикоявӣ пешниҳод менамоянд. Тадриҷан ин ҳикоя иқтидори динамикӣ пайдо карда, ба кулминатсияи композитсионии суруд мерасонад.

Дар кулминатсия ибораоҳанг ду бор такрор шуда, ба авҷи баландтарин мерасад. Баҳри таҳким бахшидан ба авҷ хати оҳангии таъкидӣ пайдо мешавад. Барои равшантар ифода ёфтани он, композитор хати таъкидиро бевосита ба фортепиано супорида, камониҳои басиро ба он унисонӣ ҳамроҳ менамояд:




*Мисоли 13. Хати оҳангии таъкидӣ дар бахши оркестрӣ (ф-но).*

Ва ниҳоят, дар фароварди суруд оҳанги гаммамонанди поёнравандаи оркестрӣ сурудро хотима медиҳад:




*Мисоли 14. Хотимаи оркестрии суруд.*

Гуфтугӯи Зариф ва Лена (№7) зимни хати оҳанги гурӯҳи тории оркестр дар суръати хеле суст (Grave) дар фактураи хеле шаффоф омада, гӯё

функсияи аксулсадо («момаҷавобак»)-ро ба суруди Лена иҷро мекунад. Чунин ҳалли композитсионӣ дар як оҳанг асос ёфтани ҳарду номераҳои пайиҳамиро дар назар дорад, зеро мазмуни гуфтугӯ аз суруди қаблӣ сар мезанад.

Суруди Зариф «Анори ман» (№8) аз даромади созӣ оғоз меёбад, ки дар вазни шашзарбаӣ омадааст. Зарби он суннатӣ нест, ҳарчанде ба партитура дойра дароварда шудааст. Ба ғайр аз дойра, ба оҳанг гурӯҳи торӣ, фортепиано ва гурӯҳи нафасии чубӣ тагнавозӣ мекунанд.

Сохтори суруд чунин аст: ab cdb ee$^1$b. Дар он *ab* – сархат, cd – нимавҷ (миёнхат) ва b – фароварди миёнхат, ee$^1$ – авҷ ва b – фароварди охирин мебошад. Дар он сохтори композитсионии суннатӣ равшан аён шудааст. Аз ин бармеояд, ки суруди мазкур дар шакли сурудҳои анъанавии лирикӣ навишта шудааст. Тавре, ки ба сурудҳои лирикии тоҷик авҷи калон хос аст, суруди Зариф низ дорои нимавҷ ва авҷи калон мебошад. Суруд бо постлюдия анҷом меёбад. Он вазифаи кодаро дар тоналности es-moll, яъне ним тон боло аз тоналности суруд иҷро кардааст. Бо ин василаи лағжиши лаҳнӣ композитор муҳтавои оҳангии сурудро зиёд мегардонад. Суруди Зариф асари мустақилест, ки онро метавон берун аз оперетта низ иҷро кард.

Бо ҳамон суръат ва муҳтаво дуэти Анор ва Зариф «Зебида» (№9) дар оҳанги дуюми Интродуксия (равона), оҳанги ҷасурӣ дар тоналности баландтар (f-moll) сатҳи рушдро ба даст мегирад. Дуэт дар ибораҳои гаммамонанди оҳанги равонаи Интродуксия асос ёфтааст. Дар Интродуксия ин оҳанг дар вазни панҷзарбаӣ дар зарби равонаи Фалак истифода шуда буд. Дар ин ҷо композитор ин оҳангро дар вазни дузарбаии сусттар (бо деранди чорякӣ) меоварад, ки он симои зарби равонаро тира мегардонад. Вале оҳанг зери вазни дузарбаӣ хеле ҷолиб садо медиҳад.




*Мисоли 15. Оҳанги равона дар дузарбаӣ.*

Ин принсип низ ба принсипҳои шаклсозии мусиқии суннатии тоҷик тааллуқ дорад. Моҳияти ин принсипи шаклсозӣ дар он аст, ки як оҳанг дар зарбу вазнҳои нав ба нав талқин дода мешавад. Намунаҳои истифодаи ин принсипи шаклсозӣ дар Шашмақом ва Фалак саршоранд.

Дар дуэт ин иқтибоси оҳангӣ дар тобишҳои нав пайдо шуда, мафтункунандаву дилчасп баромада аст:




*Мисоли 16. Ибораоҳангҳои нави рушд.*

Ҳамин тавр, композитор ҳам зарб ва ҳам оҳангро зимни дуэти Анор ва Зариф талқини нав додааст.

Дуэт бо кодаи оркестрии хеле пурмуҳтаво анҷом меёбад. Дар он маҳорати композитор ҳам дар ҷодаи созбандии оркестрӣ ва полиритмия бо нигоҳдошти зебоии оҳангӣ хеле равшан мушоҳида мешавад. Ин кода ба tutti оркестр супорида шудааст ва аз ҷиҳати ранги оркестрӣ ба дараҷаи олии баёни тембрӣ мерасад. Худи дуэт дар шакли диалог қарор ёфтааст. Аз ин ҷиҳат он ба жанри бадеҳаи халқӣ монандӣ мекунад. Дуэти Анор ва Зарифро яке аз намунаҳои беҳтарини талқини жанри одии халқӣ дар жанри мусиқии саҳнавӣ-симфонӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар ҷараёни он нақши оркестр ҳамеша афзуда, авҷи худро дар шакли tutti дар анҷоми хотимаи дуэт пурра нишон медиҳад.

Диалоги Зебо ва Анор (№10) зимни оҳанги равонаи ивазшуда қарор гирифтааст. Чунин умумияти оҳангӣ аз он аст, ки ин диалог бо дуэти қаблӣ мазмунан алоқаманд аст.

Дуэти Зебо ва Розияхола «Айби ман» (№11) дар вазни шашзарбаии уфар сохта шуда, сурудҳои халқии оммавиро ба хотир меоварад. Вале бо сабаби он, ки мазмуни дуэт мусбӣ нест, композитор ба он оҳанги дилчаспро раво надида, онро дар тобишҳои оҳангии гаммамонанди хира сохтааст.

Дуэти Хуршед ва Зебо «Агар, эй гул» (№12) намунаи жанри халқӣ аст. Он дар жанри мусиқии фолклории бадеҳа сохта шудааст. Сохтори ин бадеҳа *aa bb aa cc¹ aa* мебошад. Дар он хатҳои *cc¹* банди авҷиро ташкил кардаанд. Ба як банди мусиқӣ як байти шеърӣ мутобиқ гардидааст. Ҳар як иҷрокунанда якмисраиро суруда, дар банди авҷӣ ва банди хотимавӣ сурудро якҷо мехонанд. Ин бадеҳа муқаддима ва хотимаи кӯтоҳи созиро ҳам дар асоси як оҳанг доро аст.

Саҳнаи дуюм (намоиши дуюм) бо диалоги гуфтугӯии Зариф ва Анор (№14) зимни сарахбори оркестрӣ (№13) оғоз мегардад. Композитор ба он як оҳанги заминавии хеле динамикиро раво дидааст. Комилии мантиқӣ ва ҳаҷми он имкон медиҳанд, ки он ҳамчун пйесаи созии мустақил иҷро шавад. Образи лирикии он, ба зебоии ҷавонӣ бахшида шудааст. Лаҳни асосии прелюдия бо тобишҳои оҳангӣ дар шаклҳои табиӣ ва гармонии худ ҷило медиҳад:



*Мисоли 17. Сарахбори №13.*

Суруди Олим «Тут гуфтам» (№15) низ як намунаи хеле зебои суруди лирикист. Он дар равияи таронаҳои лирикии тоҷик навишта шудааст. Феълан он як талқини аҷоиби жанри ғазали мусиқавист. Табиати суруд дар муқаддимаи созӣ аён мешавад:



*Мисоли 18. Муқаддимаи суруд.*

Вале оҳанги он мустақил аст. Ва чунин вазъи мутаносибии муқаддимаи суруд бо оҳанги асосии он қариб ба ҳамаи оҳангҳои оперетта хос аст. Дар сохтори суруд хатҳои сеюму чорум (*bc*) такрор меоянд. Дар натиҷа он ба сохтори куплетӣ мутобиқ мешавад. Матни он дар жанри маснавӣ ва дар *баҳри рамали мусаддаси мақсур* навишта шудааст. Вале композитор матни маснавиро ҳамчун ғазал талқин медиҳад. Онро дорои авҷи калон гардонидааст. Барои ин, ӯ чунин мутобиқати мисраҳои шеърӣ ва сохтори композитсионии мусиқиро интихоб намудааст.

Суруди Хуршед «Аз барам рафтӣ» (№16) як пешниҳоди нави жанри рубоии мусиқавист, бо талқиноти сохтории $aa^1bb$ $cc^1bb$. Муқаддимаи созии ин суруд ҳам бо оҳанги худ аз оҳанги суруд фарқ мекунад:




*Мисоли 19. «Аз барам рафтӣ». Муқаддима.*

Кулминатсияи суруд, ба аввали қисми дуюм (*c*) рост меояд. Он аз мисраоҳанги вокализӣ оғоз меёбад:




*Мисоли 20. Мисраоҳанги вокализӣ дар авҷи суруд.*

Дар ин суруд композитор боз як намунаи жанри рубоии мусиқавиро офаридааст. Ӯ ба ҳайси як хати мусиқӣ як байти шеъриро истифода бурда, ҳашт мисраи шеъриро дар чор хати мусиқӣ ғунҷонда, як рубоии мусиқиро тартиб додааст, ки сохтори умумии он *abcb* мебошад. Ва бо ҷойгир намудани мисраи вокализӣ дар ибтидои хати авҷӣ сурудро пурҳаяҷонтар гардонидааст. Ва ниҳоят, барои нигаҳдошти манзумии композитсионӣ, ӯ баъди хати авҷӣ ва хотимавӣ ибораҳои оҳангиро ҳамроҳ намуда, ба ин васила байтҳои охирро фарохтар мегардонад ва мантиқи композитсионии хеле муназзамро ба даст меоварад.

Диалоги Анвар ва Лена (№17) дар асоси оҳанги равона, оҳанги ҷасурӣ бо тобишҳои ивазшудаву суръати суст (Adagio) омадааст. Ин оҳанг дар ин ҷо чор маротиба: дар дуэти гобой ва кларнет зимни тагнавозии виолончел (1); бо иловаи скрипка ва сониян, басҳои мисӣ (2); нахуст гобой, сониян, бо ҳамроҳии кларнет, флейта ва асбобҳои мисӣ зимни кашиши як садои гурӯҳи торӣ (3); ва ниҳоят, бори чорум, аввал гобой оҳангро зимни кашиши скрипка ва виолончел оғоз мекунад ва баъд ба он кларнет ва флейта ҳамроҳ мешаванд. Дар ин диалог композитор асбобҳои мусиқиро интихобан бо вазифаҳои мушаххаси оҳангӣ ба навбат истифода бурдааст. Масалан, композитор ба гурӯҳи торӣ бештар вазифаи тагнавозиро супоридааст (ба истиснои як мавриде, ки скрипка ба хати оҳангӣ ҳамроҳ мешавад). Ва новобаста ба такрори панҷкаратаи оҳанги равона гуногунрангии тембрӣ онро дилнишину зебо нигоҳ медорад.

Дар қиёс бо ин диалог суруди Анор «Ишқи туро» (№18) ба драматургияи асар пурҳаракатиро ворид месозад. Чунин иқдом ба композитор тавассути иваз кардани суръат (Adagio ба Allegro), вазн (аз панҷзарбаӣ ба шашзарбаӣ) ва тембр (аз истифодаи асбобҳои интихобӣ ба tutti оркестр) ба даст оварда мешавад. Дар умум суруди Анор характери рақсӣ дорад. Вале он мисли рақс талқин нашудааст. Дар мусиқии суннатӣ вазни панҷҳаштякӣ ба усулҳои тезсуръат хос аст. Композитор ба ин зарби тези равона суръати Adagio-ро мансуб дониста, бо ин васила характери онро дигар кардааст. Ба ҳайси матни шеърии ин суруд се рубоӣ истифода бурда шудаанд. Композитор ҳар як рубоиро микдоран то шаш мисраоҳанг зиёд карда, рубоии охирро бо истифода аз мисраҳои қаблӣ ба ду рубоӣ (ҳашт мисраоҳанг) табдил додааст. Дар натиҷа шакли зебое бо драматургия ва композитсияи ягонаи рушд ба вуҷуд омадааст, ки дар се қисми таркибӣ пешниҳод мешавад.

Мутобиқи функсияҳои худ қисмҳои таркибӣ экспозитсионӣ (қисми аввал), рушдёбандаву авҷӣ (қисми дуюм) ва хотимавӣ (қисми сеюм) омадаанд. Дар ин пайиҳамӣ қисми авҷӣ аз қисми хотимавӣ бо аломати фермата (𝄐) ҷудо карда шудааст. Чунин шакли композитсионӣ ба романсҳои композиторони солҳои 50-уми тоҷик хеле хос аст.

Бо гуфтугӯи Розияхола ва Олим (№19), дар заминаи оҳанги суруди Анор «Ишқи туро…» саҳнаи дуюм идома меёбад. Вале дар ин ҷо он дар суръати хеле суст (Lento) омада, гӯё аз дурӣ оҳангро мешунавонад. Суруд-диалоги Олим ва Розияхола «Сабукпо» (№20) тибқи унвони худ бо туҳмат вобаста аст. Он пур аз оҳангиборaҳои саросема ва беандеша мебошад. Истифодаи tutti оркестр дар муқаддимаи он ифодаи воҳимаи зоҳирӣ аст. Композитор ҳалли ин саҳнаро бештар семантикӣ ба даст овардааст. Дар тули суруд зарбиҳо фаъоланд. Ва ин барои баланд кардани алангаи туҳмат василаи айни муддаост.

Гуфтугӯи Анор ва Розияхола (№21) новобаста ба он, ки суруда намешавад, алангаи суруди пешинаро зиёд мекунад. Композитор ин диалогро

дар асоси оҳанги ҷасурӣ (дар суруди Анвар, диалоги Анвар ва Лена, дуэти Анор ва Зариф вомехӯрад) сохта, ба он вазифаи идомадиҳандаи рушди суруди пешинаро супоридааст. Оҳанги равонаро, ки лейтмотиви ҷасурӣ аст, композитор ба тембри поёнии виолончел ва набзи бетаваққуфи он (остинатой) супорида, нишон доданӣ аст, ки муҳаббати пок дар хатар аст.

Суруди Хуршед «Мастам» (№22) кулминатсияи хати драматургиест, ки аз суруди Олим ва Розияхола сар зада, дар диалоги Анор ва Розияхола идома ёфта буд. Истифодаи фаъоли зарбӣ, tutti оркестр, дар ибтидо суръати тез (Allegro), ибораоҳангҳои октаваии ҳамеша болораванда ва набзи ягона – ҳама ифодакунандаи ҳолати ботинии Хуршед, гумроҳшавии ӯро ифода менамояд.

Гуфтугӯи Розияхола ва Зебо (№23) дар оҳанги оркестрӣ бо набзи зарби хавотирӣ ба амал меояд. Зимни ин набз гурӯҳҳои нафасӣ-чубӣ ва торӣ оҳангро унисонӣ менавозанд. Ин саҳна дар суръати Allegro ва Moderato қарор мегирад. Дар суруди Розияхола «Мешавӣ...» (№24) ҳам набзи зарбиҳо фаъол мебошад.

Саҳнаи сеюм (намоиши сеюм) бо суруди Зебо «Агарчӣ» (№25) аз ибтидо хати нави драматургиро ворид месозад. Ин суруди ҳикматомези Зебо дар анъанаҳои сурудҳои лирикии суннатӣ сохта шудааст. Он дорои авҷи баланд аст. Вале тезсуръатии он ва зарби фаъоле, ки ҳамеша аз аввал то охири суруд зарбиҳо менавозанд, дар якҷоягӣ бо tutti оркестр амали Зеборо низ нишон медиҳад. Суруди Лена ва Олим «*Долго скрывала я*» («Дер боз руст мекардам») (№26) саҳифаи дигари лирикии оперетта ба ҳисоб меравад. Он дар руҳияи сурудҳои советӣ эҷод шудааст. Суруд ҳаҷман калон аст. Аввал суруди Лена дар бораи ишқи ӯ ва дар ҷавоб Олим низ суруди худро месарояд (№27). Мусиқӣ низ чунин сохта шудааст, ки аз ҳолати ҳикоявӣ ба ифодаи динамикӣ мегузарад. Дар тули саҳна ба тагнавозии гомофонӣ-гармонӣ зерхатҳои оҳангии полифонӣ (аз ҷиҳати мустақилияти оҳангӣ) ворид гардида, равиши драматургиро ҷозибаноктар менамоянд. Бинобар ин, якҷо сурудани Лена ва Олим баъди сурудҳои алоҳидаи онҳо ҳамчун ба мақсад расидани ҳарду қабул карда мешавад. Аз ин лиҳоз, ин саҳна хати

драматургии лирикии опереттаро ба кулминатсияи он наздик мекунад. Зеро ки дар ҳамин сатҳи хати драматургӣ образҳои лирикии оперетта кушода мешаванд. Бинобар ин, композитор зарур шуморидааст, ки оштишавии ҷуфти персонажҳо (Зебо ва Хуршедро – №28) на ба шакли вокалӣ, балки ба шакли диалог зери оҳанги сустсуръати лирикии Andante оварад. Ва дар идомаи он рақси Зебо (№29) ҳамчун ифодаи хурсандиву хушбахтии ӯ бо қайди муаллиф «пеш аз финал» ҷо дода шудааст.

Хори хотимавии «Ҳамдамон» (№30) сеовозаи омехта аст. Он дар оперетта нақши финалро иҷро карда, дар тагнавозии tutti оркестр садо медиҳад. Ин хор бо муқаддимаи созӣ оғоз гардида, ду қисмро дар бар мегирад. Қисми аввал дар вазни дузарбаии мутантан, интонатсияҳои оҳангии болоравандаву поёнравандаи гаммамонанд ва дараҷоти пентахордӣ қарор мегирад. Қисми дуюми он дорои вазни сезарбаии валсӣ аст. Истифодаи интонатсияҳои триолӣ оҳанги валсро метезонанд:



*Мисоли 21. Хори хотимавӣ «Ҳамдамон».*

То охири муқаддимаи созӣ набзи валсии он нигоҳ дошта шуда, ба набзи хори хотимавӣ табдил меёбад. Хор аз ду қисм иборат аст. Қисми якум дар тоналности e-moll ва қисми дуюм дар тоналности f-moll садо медиҳад. Ин гузариши модулятсионӣ як тобиши зебои оҳангиро ба вуҷуд меоварад. Қисми якум аз чор куплет ва қисми дуюм аз як куплет иборат аст. Новобаста ба чунин сохтор, шакли хор дорои хати ягонаи рушд аст. Композитор инро тавассути истифодаи устодонаи овозҳо ба даст овардааст. Куплети якумро теноpон ва куплети дуюм аз тарафи сопраноҳову алтҳо суруда шуда, авҷи он якҷоя (сеовоза) иҷро мешавад. Куплети кулминатсионии қисми якумро се

овози хор ҳамҷоя мехонанд. Оҳанги ин куплет дар регистри баланд ҷойгир шуда, аз ҷиҳати оҳангӣ низ мавқеи кулминатсиониро дорад:




*Мисоли 22. Аввали хори «Ҳамдамон».*

Фароварди қисми якумро тенор иҷро мекунад. Бо ҳамин қисми аввали хор ба охир мерасад. Василаи дигаре, ки ба қисми якум рушди ягонаро муҳайё мегардонад, он аст, ки оҳанги куплетҳо ҳар дафъа ивазшавандаанд.

Қисми дуюми хор ним парда боло, дар тоналности f-moll, садо медиҳад. Ин ба хори хотимавӣ тобиши нави лаҳнӣ-оҳангиро ворид месозад. Ва бо ин васила муҳтавои фазои кулминатсиониро таҳким мебахшад. Қисми дуюм ба кулминатсияи хор табдил меёбад. Онро tutti хор месарояд. Хор бо ибораи болораванда анҷом меёбад. Чунин равиши хотимаро дар мусиқишиносӣ «кулминатсия-хотима» (ист. Л. Мазел) меноманд:




*Мисоли 23. Кулминатсияи хотимавии хор.*

Жанри хори хотимавии оперетта хор-валс аст. Интихоби композитор аз ҷиҳати драматургӣ хеле бамантиқ баромадаст. Ин жанр худ хеле мутантан садо медиҳад. Ин мутантаниро композитор тавассути зарби пунктирӣ, тагнавозии tutti оркестрӣ ифода кардааст. Ӯ оркестрро дар дохили tutti ба функсияҳои гуногун тақсим мекунад: оҳангӣ, оҳангии-ёрирасон, тагнавозии

зарбӣ ва тагнавозии таъкидӣ (басҳо). Ҳамаи ин василаҳо опереттаро хеле мушаххас дар авҷи тантанавӣ бо ғалабаи саъю кӯшиши ҷавонӣ хотима медиҳанд.

## 2.2. Операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»

Операи бачагонаи «Чароғи сеҳрноки Аловиддин» дар се намоиш ва ҳафт саҳна навишта шудааст.

Драматургияи опера чунин сохта шудааст, ки *гиреҳбасти драматургии опера* дар саҳнаи якум ба амал омада, *гиреҳкушои драматургии опера* дар кулминатсияи драматургии он (финал, хори хотимавӣ), дар саҳнаи ҳафтум ҷой гирифтааст.

Опера аз сарахбори оркестрӣ оғоз меёбад. Унвони «сарахбор»-ро композитор гузоштааст [150; 151]. Феълан сарахбор ин ҷо вазифаи увертюра ва ё интродуксияи операро иҷро мекунад. Азбаски он ҳаҷман хурд аст, интродуксия муайян кардани онро мувофиқи мақсад мешуморем [98;3].

Сарахбор/Интродуксия дар шакли сеқисмаи одӣ навишта шудааст. Он дорои муқаддимаи кӯтоҳест. Оҳанги шӯхи поёнравандаи он ба таври унисон дар регистри болоӣ садо медиҳад. Муқаддима дар шакли периоди одии такрорӣ навишта шудааст:



*Мисоли 24. Муқаддимаи Интродуксияи опера.*

Оҳанги ин муқаддима дар ҷараёни опера дар суруди якуми Ҷин «Кӯза ҷои мо» ва саҳнаи Султон ва Вазир «Бесаранҷомӣ» (намоиш 1, саҳнаи 1, №7) вомехӯрад.

Сароҳанги қисми якуми Сарахбор ба табиати оҳанги муқаддима ҳамранг аст. Дар ин ҷо оҳанги муқаддима аз аккомпанементи худ ҷудо шуда, дар услуби хеле сабук ба таври гомофонӣ-гармонӣ баён мегардад:



*Мисоли 25. Сароҳанги Интродуксия (қ.I).*

Чунин баён ва табиати сабук оҳангро ба оҳанги рақси полка монанд менамояд. Сароҳанг дар шакли период дар асоси як ибораи оҳангӣ бо такрори дукарата омада бошад ҳам, дар ҳудуди худ аллакай хати ягонаи рушди динамикиро ба вуҷуд овардааст. Бо оғози қисми мобайнии Сарахбор/Интродуксия сатҳи дигари рушди драматургӣ бо интонатсияҳои нисбатан фаъол муҳайё мегардад. Он дар ибораоҳангҳои шонздаҳякии гаммамонанд асос ёфта, тадриҷан ба аккомпанементи шакли октавaӣ соҳиб гардида, фазои рақсии сарахборро муташанниҷ мегардонад.

Ба мусиқии қисми мобайнӣ тобишҳои оҳангӣ-интонатсионии саҳнаи Султон ва Вазир «Бесаранҷомӣ» (намоиши 2, саҳнаи 4, №18) ворид гардидаанд. Қисми мобайнии Сарахбор ба хати драматургии қисми якум характери динамикӣ даровара, онро фаъолтар гардонида, ба авҷ мерасонад. Дар сатҳи авҷии он реприза оғоз мегардад. Дар реприза сароҳанг бо характери мутантан дар tutti оркестр садо медиҳад:




*Мисоли 26. Шакли динамикии сароҳанг дар репризаи Интродуксия.*

Баёни бисёровозаи аккордӣ сароҳангро пурзӯр, репризаро динамикӣ оғоз мекунад. Дар реприза композитор аз василаҳои ифодаи экспозитсионӣ пурра даст кашидааст. Ӯ қисми якумро бо трансформатсияи динамикӣ оварда, кӯшиш кардааст, хотимаи Сарахборро хеле мутантан пешниҳод намояд. Аз ин рӯ, ӯ рушди динамикиеро, ки ба реприза аз оғоз хос буд, аз даст намедиҳад. Барои ин композитор аз ҳамаи василаҳо истифода бурдааст: баён (фактура)-ро пурзӯр, рафти оҳангро пуршиддат, асоси зарбӣ ва ивазшавии регистриро серранг ва саршор аз василаҳои агогӣ гардонидааст. Реприза дар нуқтаи авҷии оҳанги муқаддима бо баёни октаваии он дар овозҳои поёнии басӣ ва ибораҳои гаммамонанди поёнравандаву болоравандаи ҳамҷосадодиҳанда ба анҷом мерасад:




*Мисоли 27. Интиҳои Интродуксия.*

Ҳамин тавр, дар интродуксияи опера образи Ҷин, образҳои ҷаҳони ҷодугарӣ, бесаранҷомӣ (дар вазъи Султон ва Вазир) дар рушди хеле динамикӣ нишон дода шудаанд. Композитор тавонистааст, оҳанги сабуки

полкатабиатро тавассути василаҳои этюдӣ-техникии рушди оҳанг ва вазнин кардани фактураи он дар ҳудуди хати ягонаи драматургӣ ба дараҷаи баланди бесарусомонӣ бирасонад. Дар аввал ва дар охири сарахбор овардани як оҳанг натиҷаву дараҷаи динамикикунонии аввалу охири ин хати драматургист (ниг.: мис. 1, 4).

Суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту» (намоиши 1, саҳнаи 1, № 2) дар равияи сурудҳои лирикии асри XX, суруду романсҳои лирикии тоҷику руси давраи шуравӣ навишта шудааст. Забони оҳангии ин суруд ба навъи речитативӣ, нутқ (гуфтугӯ бо худ) ба романс наздик аст. Чунин корбаст намудани сохтори композитсионӣ рушди ягонаро муҳайё месозад. Аз ин рӯ, ҳарчанде композитор онро «суруд» номидааст, заминаи жанрии онро ҳамчун «романси хурд» муайян кардан мувофиқтар аст. Ба чунин асоси жанрӣ услуби тагнавозии суруд ҳам мусоидат мекунад. Баёни он дар услуби мушаххаси гомофонӣ-гармонӣ қарор дорад. Оҳанги лирикии хеле зебо зимни тагнавозии яковозаи гитормонанд баён мешавад. Ин хусусият ҳам мансуб ба жанри романс аст.

Суруд дар сохтори дуқисмаи одӣ бо муқаддимаи созӣ навишта шудааст. Тибқи услуби композитор Шуҳрат Ашӯров оҳанги муқаддимаи созӣ оҳанги асосии суруд нест. Он дорои оҳанги мустақил аст:





*Мисоли 28. Оҳанги муқаддимаи суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту».*

Муқаддимаи созӣ дар шакли периоди одӣ иборат аз ду ҷумла навишта шудааст. Он аз ибтидо касро ба фазои романсмонанд ворид месозад. Набзи онро тагнавозии триолӣ дар набзи чаҳорзарбаӣ дар баёни гомофонӣ-гармонии гитормонанд таъмин мекунад. Оҳанги лирикии он низ мавқеи триолро муҳим нигоҳ дошта, дорои ороишоти форшлагӣ мебошад.

Оҳанги асосии суруд низ набзи триолӣ дорад, вале онро ба таври синкопӣ дар бар гирифтааст:




*Мисоли 29. Сароҳанги суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту».*

Набзи триолӣ дар тагнавозӣ ҳамеша пойдор аст. Зимни он оҳанг тадриҷан регистрҳои баландтарро соҳиб гардида, дар аввали қисми дуюм ба авҷи худ мерасад:




*Мисоли 30. Ибораи авҷӣ дар суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту».*

Ҷумлаи авҷӣ дорои регистри баланд, тагнавозии басҳои чуқури октаваӣ, набзи триолии мобайнӣ ва баёни фосилавии оҳанг гардида, мавқеи авҷро хеле равшан ифода намудааст. Ҷумлаи баъдиавҷии суруд ба оҳанги яковоза, тагнавозии шаффофи гитормонанд баргашта, дар садои хеле ором (pianisimo) сурудро хотима медиҳад:




*Мисоли 31. Интиҳои суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту».*

Суруди Аловиддин «Аз ғами ишқи ту»-ро композитор бо хати рушди ягонаи драматургӣ таъмин намуда аст, ки ин ҳам хусусияти жанри романси хурд мебошад.

Сонияи, якчанд қисмҳои созӣ пайиҳам омадаанд.

Қисми созии «Мусиқии ҷодугари якуми мағрибӣ» (саҳнаи 1, №3) дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Мусиқии он бештар тасвирӣ

мебошад: дар асоси тремолои басӣ оҳанг аввал яковоза сипас, бо ҳамсадоҳои секунда-, тертсия-, кварта-, секстоӣ ҳамроҳ шуда, ба дуовоза табдил меёбад:



*Мисоли 32. Яке аз оҳангҳои «ҷаҳони ҷодугарӣ» (лейтмотиви ҷодугари якум).*

Сониян, иборахои октаваии мотиви асосӣ дар хати басӣ бо оҳангибораҳои тремолӣ пайиҳам омада, бо аккорди диссонансӣ зимни тремолоҳои басӣ хотима меёбанд:



*Мисоли 33. Рушди оҳанги ҷодугарӣ.*

Дар ин мусиқӣ истифодаи регистри басӣ ва оҳанги лахта-лахта баёнгардидаи оҳанг бо мавқеи асосии квартаи афзуда, агогикаи стаккатоӣ, табдилшавии тадриҷии оҳанг ба баёни октаваӣ, самти тадриҷан болошавии оҳанг таассуроти хеле бузурги тасвириро пайдо мекунад. Вале қисми дуюми он дар аввал аз василаҳои пурзӯршудаи оҳанг даст кашида, бори дигар роҳи тайкардаи қисми якумро такрор мекунад. Ин мусиқӣ дар опера ду бор (зери №3, №22) бидуни ягон дигаргунӣ такрор шудааст. Сароҳанги «Мусиқии ҷодугари якуми мағрибӣ» дар опера нақши лейтмотивиро дорад.

Қисми созии дигар бо унвони «Мусиқии аспдавонӣ» (саҳнаи 1, №4) дар шакли пйесаи тасвирии хеле виртуозӣ, зери зарбе омадааст, ки давидани аспро тасвир мекунад. Вобаста ба «давидани асп» ин зарб ҷо-ҷо сабуку

баъзан вазнин, бо задаҳои заифу устувор нишон дода мешавад. Аккомпанемент пурра дар ҳамин зарб сохта шуда, шакли яковоза ва баъзан октаваиро мегирад. Оҳанг низ дар тасвири аспдавонӣ аст. Он низ гоҳе яковоза, гоҳе октаваӣ садо дода, ба худ зарбҳои триолиро ворид месозад. Асари «Мусиқии аспдавонӣ» дар шакли сеқисмаи одӣ навишта шудааст. Пйеса дорои даромади созӣ ва кода мебошад. Аз аввал тақсими вазни чаҳорзарбаӣ ба раҳравии асп мутобиқ гардонида шуда аст. Дар даромади созӣ ин хусусият хеле равшан ифода ёфтааст:



*Мисоли 34. Оҳанги тасвирии роҳравии асп.*

Кода ҳам дорои унсурҳои мелодию зарбии тасвирӣ мебошад. Вале дар он набзи аспдавонӣ ба таври дигар инъикос ёфтааст.



*Мисоли 35. Оҳанги тасвирии давидани асп.*

Қисми созии «Мусиқии ҷодугари дуюми мағрибӣ» (намоиши 1, саҳнаи 1, №5) касро ба «ҷаҳони ҷодугарӣ» мебарад. Композитор дар ин ҷо низ ҳамон унсурҳои тремолии басӣ, оҳанги стаккатоии яковоза ва интонатсияҳои октаваиро фаровон истифода бурдааст. Оҳанги он аз мусиқии ҷодугари якуми мағрибӣ фарқ мекунад. Дар опера «Мусиқии ҷодугари дуюми мағрибӣ» низ ду бор (зери №5, №23) омадааст. Он низ вазифаи лейтмотиви ҷодугариро иҷро мекунад:




*Мисоли 36. Лейтмотиви ҷодугари дуюм.*

Қисми баъдии созӣ «Мусиқии пурҳаяҷон» (саҳнаи 1, №6) ном дорад. Он дар суръати суст (*Adagio*) омадааст. Ин пйесаи хеле кӯтоҳ дар шакли период навишта шудааст. Ду ҷумлаи таркибии он аз якдигар бо услуби баён (фактура) фарқ мекунанд: яке оҳанги яковозаи триолӣ аст, дигаре – унисонӣ-октавай. Хусусиятҳои оҳангии он дар ҳар ду ҷумла гуногунанд. Дар опера ин оҳанг бидуни ягон дигаргунӣ се маротиба (зери № 6, №11 ва №19) омадааст.

Ин қисм, қисми таркибиест, ки хеле моҳирона навишта шудааст, ҳарчанде унсурҳои ифодавии он начандон васеъанд. Ҷумлаи якум дар тремолои октаваии басӣ бо оҳанги яковоза панҷ ибораоҳангро дар бар мегирад. Ибораоҳанги якум, сеюм ва панҷум набзи триолӣ доранд ва феълан яксонанд. Хусусияти ҳар як панҷ (феълан чаҳор) ибораоҳанг он аст, ки ҳар як асоси тритонӣ (квартои афзуда, квинтои коста) дошта, дар атрофи он оҳанги худро сохтааст:




*Мисоли 37. Мавқеи тритон дар оҳанги амали ҷодугарӣ.*

Заминаи ин иборахо фосилаи тритонро ташкил медиҳад. Ин ибораоҳангҳо дар атрофи фосилаи асосӣ шакл мегиранд, новобаста ба он, ки онҳо болоравандаву поёнравандаанд.

Сароҳанги ҷумлаи дуюм дар октаваҳои басӣ унисонӣ бо оҳанг қарор мегирад. Дар он ибораи аввал ба таври секвенсионӣ ду бор такрор шудааст. Ин ибора дар пайиҳамии ҷаҳиши ибтидоӣ бо секундаҳои хурд ва афзуда сохта шудааст. Ибораи дуюм низ пайиҳамии секундаҳои хурду афзударо дар бар мегирад. Фосилаи байни нотаи охири ибораи якум ва нотаи аввали ибораи дуюм септимаи коста аст. Чунин мутаносубӣ бартарии садоии худро дорад:




*Мисоли 38. Ифодаи амали ҷодугарӣ бо фосилаҳои коставу афзуда.*

Оҳанги саршор аз фосилаҳои афзудаву костаро композитор барои тасвири ҷодугарӣ ҷалб намудааст. Дар ин қисм истифодаи устодонаву моҳиронаи эффектҳои садоӣ равшану аён дида мешаванд. Ин қисм, ки «Мусиқии пурҳаяҷон» ном дорад, яке аз намунаҳои олии зуҳуроти лаёқати композитории Шухрат Ашӯров дар истифодаи ранг (тембр)-и садо, регистр ва оркестр мебошад. Маҳз сароҳанги «Мусиқии пурҳаяҷон» дар опера лейтмотиви сеҳри кӯзаро иҷро мекунад.

Суруди Ҷин «Кӯза ҷои мо» (намоиши 1, саҳнаи 1, №7) дар сохтори сеқисмаи одӣ дар равияи сурудҳои ҳаҷвии афсонавӣ бо унсурҳои рақсӣ омадааст. Оҳанги аосии он ҳанӯз дар Сарахбор/Интродуксия омада буд. Қолабзарби доимии сурудро оркестр нигоҳ доштааст. Прелюдия ва постлюдияи суруд дар иборахои оҳангии пассажмонанди болораванда сохта шудаанд.

Қисми оркестрии «рақси каниздухтарон» (намоиши 1, саҳнаи 2, №9) дар опера ду бор (инчунин, саҳнаи 2, №12) вомехӯрад. Каниздухтарон низ образи воқеӣ нестанд. Онҳоро композитор ба персонажҳои афсонавӣ, ки дар натиҷаи ҷодугарӣ пайдо мешаванд, тааллуқ донистааст.

Ин асар сохтори сеқисмаи одӣ дошта, дорои репризаи динамикӣ аст. Чунин репризасозӣ на ба таври коркарди оҳангӣ, балки тавассути ифодаи октавaӣ ва ба регистри баланд иваз кардани регистри поёнӣ ба даст оварда шудааст. Жанри ин қисми рақсӣ бо қолабзарби уфар ва имитатсияи дойразанӣ ба оҳанги хеле зебои рақси суннатӣ монандӣ дорад. Ва ин ҷо, ҳарчанде иқтибоси оҳангӣ ҷо надорад, он ба оҳангҳои қадими тоҷик, хусусан кӯҳистони тоҷик, хеле наздик аст:




*Мисоли 39. Сароҳанги рақси каниздухтарон.*

Барои ин оҳанг низ композитор суръати уфари суст (Andante)-ро интихоб кардааст. Дар натиҷа ба ин васила композитор рақси хеле зебои лирикиро офарида тавонистааст.

Суруди Аловиддин «Сарви равон» (намоиши 1, саҳнаи 2, №10) дар шакли сеқисмаи одӣ бо репризаи статикӣ навишта шуда аст. Матни ин суруд рубоии мусарраъ мебошад [83. с. 63]. Он ҳамагӣ се рубоиро дар бар мегирад. Лекин композитор ба воситаи такрори рубоиҳо сохтори сеқисмаро ташаккул додааст. Қисми якуми суруд як рубоиро бо такрори он дар бар гирифта, ба он иловаи чаҳормизонаро ҳамроҳ мекунад. Қисми якум дар баёни хеле шаффофи дуовоза (ба истисноии баъзе ҷойҳо) ба шакли сароянадагии суннатӣ

тақлид мекунад. Усули он дойразаниро ба ёд меоварад. Бо оғоз гардидани хати овозӣ дар тагнавозӣ хати унисонӣ бо он ҷо мегирад:




*Мисоли 40. Сароҳанги суруди Аловиддин «Сарви равон».*

Қисми мобайни суруд қисми авҷӣ аст. Ҳам хати унисонӣ ва ҳам хати басӣ октаваӣ гардидаанд. Хати овозӣ дар регистри як октава боло, диапазони болоиро фаро мегирад. Нуқтаи кулминатсионӣ бо вуҷуди деранди бузургаш бо фермата дарозтар карда шуда, садодиҳии он бо кашиши овозӣ дар фортиссимо ба амал оварда шудааст:




*Мисоли 41. Авҷи суруди Аловиддин «Сарви равон».*

Чунин навъи кулминатсияи суруд ба кулминатсияҳои романс монандӣ дорад.

Қисми сеюм репризаи статикии ихтисорӣ мебошад. Суруд бо хотимаи хурди тадриҷан сустшаванда (rit.) дар пианиссимо хотима меёбад. Оҳанги суруди «Сарви равон» дар опера якчанд маротибаи дигар («Мусиқии ошиқии Аловиддин» (№17), Дуэти Аловиддин ва Нигор (№20), «Мусиқии ошиқии Аловиддин» (№28) вомехӯрад ва ҳамеша ҳолати ошиқии Аловиддинро

инъикос мекунад. Аз ин бармеояд, ки он вазифаи лейтмотиви Аловиддинро иҷро мекунад:



*Мисоли 42. Лейтмотиви Аловиддин.*

Суруди Модар «Фарзанди ман» (намоиши 1, саҳнаи 2, №13) дар шакли сеқисмаи одӣ навишта шудааст. Суруд дорои даромади созӣ аст. Оҳанги он, ҳарчанде бо асоси интонатсионии худ ба оҳанги суруд тазод нест, лек оҳанги мустақил аст. Ин оҳанг танҳо дар ҳамин даромади созӣ омадааст. Услуби баёни даромади созӣ ба мисли ҳамаи суруд сирф гомофонӣ-гармонӣ буда, тагнавозии мобайнӣ бо зарби набзи хавотирӣ омадааст:



*Мисоли 43. Даромади созии суруди Модар «Фарзанди ман».*

Даромади созӣ аз ду ҷумлаи мустақил иборат аст. Оҳанги ҷумлаи якум дар яковоза ва оҳанги ҷумлаи дуюм тавассути ҳамсадоии октавӣ бо терсияҳои дохилӣ баён гардида, бо тоника анҷом меёбад:



*Мисоли 44. Сароҳанги суруди Модар «Фарзанди ман» дар рушд.*

Аз ҷиҳати асоси гармонӣ даромади созӣ яктоналӣ аст.

Қисми якуми суруд шаш мисраоҳанги ҳаҷман кӯтоҳро, ки баибораоҳанг наздиканд, дар бар гирифтааст. Он дар жанри шеърии маснавӣ

эҷод шудааст. Сохтори хоссаи *aa bb cc*-ро дорад. Дар он шаш мисраъ дутоӣ тақсим мешаванд:

*Фарзанди ман хуб асту нек,*
*Арзандаи шаҳ нест лек!*

*Аз қаср ронандам яқин,*
*Хандад ба ҳолам ону ин!*

*Хораш кунад ишқ, эй Худо,*
*Гардад сараш аз тан ҷудо!*

Ин хусусияти жанрӣ ба мисраоҳангҳо таъсир расондааст. Дар натиҷа мутаносибии мавзуне байни матни шеърӣ ва иборасозии мусиқӣ ба вуҷуд омадааст. Гузариш ба қисми дуюми суруд тавассути бандак-пассажи болоравандаи секстолӣ ба амал меояд:




*Мисоли 45. Оҳангбандак-пассажи созии болоравандаи секстолӣ.*

Қисми мобайнии суруд аз ҷиҳати семантикӣ-драматургӣ қисми кулминатсионӣ аст. Чунин мавқеи қисми мобайнӣ ҳам дар оҳанг ва ҳам дар аккомпанементи он хеле равшан аён гардидааст. Услуби баёни шаффофу романсмонанди қисми якум дар қисми мобайнӣ ба аккомпанементи оркестрии аккордӣ-октаваӣ табдил меёбад. Ҳамчун василаи асосӣ октавакунонии ҳам овозҳои болоӣ ва ҳам овозҳои басӣ дар тагнавозӣ, дар пайиҳамӣ бо хати басии октаваии таъкиддор истифода шудааст:



*Мисоли 46. Фаъолшавии тагнавозӣ.*

Хотимаи қисми мобайнӣ ба нуқтаи кулминатсионии асар рост омадааст:




*Мисоли 47. Иборaи интиҳоии қисми мобайнӣ*

Қисми сеюми суруд репризаи ихтисорӣ аст.

Суруди Вазир «Бо ман бошед» (намоиши 2, саҳнаи 3, №14) дар сохтори дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Он дороии ибораоҳангҳои зиёди созӣ бо функсияҳои даромади созӣ, хотимаи созӣ ва оҳангҳои мобайнӣ (интерлюдия) дорад. Бояд қайд намуд, ки оҳангҳои ҳар кадоми онҳо гуногунанд. Онҳо ҳам аз якдигар ва ҳам аз оҳанги суруд фарқ мекунанд. Ягона умумияти онҳо набзи зарбӣ мебошад. Асоси ин набзи зарбиро ибораҳои сирф шонздаҳякӣ ба вуҷуд меоварад:

1. даромади созӣ:



2. оҳангибораҳои мобайнии якум ва чорум:



3. оҳангибораи дуюм:



4. оҳангибораи сеюм:



5. оҳангибораи хотимавӣ:




*Мисоли 48. Набзи хосса дар суруди Вазир.*

Қисми якум дар шакли периоди одӣ навишта шудааст. Ҳар ҷумлаи он аз якдигар бо оҳангҳои созӣ ҷудо шудааст.

Қисми мобайнӣ, қисми авҷии суруд, низ дар шакли периоди одӣ қарор дорад. Вале талқини периоди одӣ аз қисми якум ин ҷо фарқ мекунад. Ибтидои ин қисм аз нуқтаи болоии садоӣ оғоз гардида, пурра дар ин регистри болоӣ қарор мегирад. Дар он низ ибораи октаваии такрорӣ-басӣ ҷо дорад. Он дар қисми дуюм ду бор вомехурад. Он бори аввал поёнраванда ва бори дуюм болоравандаи авҷӣ, зимни трели оҳанги болоӣ қарор гирифтааст. Репризаи суруд навъи статикии кӯтоҳшудааст. Дар умум суруди Вазир яке аз намунаҳои суруди содаи зиндадил, ба операи бачагона хеле муносиб

баромадааст. Ҳамаи василаҳое, ки композитор истифода бурдааст, имкон медиҳанд, онро хеле шавқманд ва осон қабул кард.

Суруди дуюми Вазир «Гул бикун» (саҳнаи 3, №16) дар қиёс бо суруди якуми он дар лаҳни мажорӣ навишта шудааст. Заминаи рақсии жанрӣ (полка), василаҳои ифода ва баён ба суруди якум хеле наздиканд. Вале оҳанги мажорӣ сурудро боз ҳам сабуктар намуда, ба ин тарз ҳамон персонаж дар суруди дуюм дар ҳолати нав нишон дода шудааст. Дар суруди дуюм образи Вазир рушд меёбад.

Суруди Султон «Бин, ки ҳар як ахтаре» (саҳнаи 3, №15) низ намунаи суруди одист. Он дар шакли дуқисма дар суръати хеле тез (Presto) қарор мегирад ва дорои қолабзарби уфари тез аст. Тибқи сурудҳои халқии тоҷик дар он зарби уфар аз аввал то охир нигоҳ дошта мешавад:




*Мисоли 49. Сароҳанги суруди Султон «Бин, ки ҳар як ахтаре».*

Суруд дорои даромад ва хотимаи созии қариб якхела аст. Дар тагнавозии суруд ифодаи услуби ансамбли суннатӣ мушоҳида карда мешавад. Султон ва Вазир баъди муаррифии он алоҳида дар саҳнаи «Бесаранҷомӣ» (саҳнаи 4, №18) якҷоя омадаанд. Дар аввал саросемагӣ бо набзи хавотири ҳаштякӣ ифода мешавад. Сипас, employ иборaҳои шонздаҳякӣ ба хати оҳангӣ ворид гардида, зимни набзи хавотириро ба авҷи рушд мерасонад. Дар нуқтаи авҷӣ ибораи октаваии басӣ бо таъкидҳои хосса зимни трели болоӣ хеле воҳиманок садо

медиҳад. Қисми дуюм дар регистри болоӣ ҳамчун идомаи қисми якум садо дода, ба регистри болотар мерасад. Таъкидҳои хосса аввал дар набзи хавотирии хати мобайнии тагнавозӣ пайдо шуда, сипас, ба хати октаваии басӣ мегузарад. Бо оғоз гардидани таъкидҳо дар хати басӣ трели болоӣ беист садо дода, дар чунин ҳолат ин саҳнаи оҳангӣ хотима меёбад. Саҳнаи «Бесаранҷомӣ» дар талқини образҳои Султон ва Вазир саҳнаи авҷӣ амалҳои найрангбозиҳову ҳилагариҳои онҳост. Дар ин саҳна хати драматургии образҳои манфӣ ба авҷи худ расидааст.

Дуэти Аловиддин ва Нигор (саҳнаи 4, №20) дар асоси лейтмотиви Аловиддин, ки қаблан суруди Аловиддин «Сарви равон» (саҳнаи 2, №10) ва «Мусиқии ошиқии Аловиддин» (саҳнаи 4, №17) омада буд, сохта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки ин дуэт ба ошиқии Аловиддин ҳамреша аст ва аз он бармеояд. Дар дуэт Аловиддин ва Нигор пайиҳам месароянд, яъне дар ибтидо он дар шакли диалог қарор гирифта, дар марҳилаи кулминатсионӣ ду овоз дар мутаносубии терсия якҷо шуда, кулминатсияро фатҳ мекунанд. Хотима дар ҳамҷояхонии унисонӣ қарор гирифтааст. Аз ҷиҳати драматургӣ чунин ҳалли рушди овоз бо он вобаста аст, ки душвориҳои вазъиятро Аловиддин ва Нигор ҳамҷоя паси сар карданианд, унисонсароии онҳо дар хотимаи дуэт далели ҳамдилии онҳост.

Суруди сеюми Вазир «Буду набудамро рабудӣ» (намоиши 2, саҳнаи 5, №21) паҳлуи дигари образи ӯро нишон медиҳад. Ин суруд бар хилофи ду суруди пешина дар суръати сусти Andante омада, аз аҳволи бади Вазир шаҳодат медиҳад. Дар умум суруд шакли статикӣ дорад. Карахтии Вазирро композитор хусусан, бо набзи хоссаи оҳанг () ва набзи синкопии хати мобайнӣ () зимни басҳои бузургдеранди ним ва бутун ифода кардааст. Оҳанг гӯё дар атрофи як «меҳвар» чарх мезанад. Ягона иборае, ки дар он динамика ҳис карда мешавад, ибораи авҷист. Пуршиддатии ин ибора бо василаҳои баёни аккордӣ-октавай, хати октаваии таъкиддори басӣ ва регистри баландтарини оҳангӣ ба даст оварда шудааст. Суруд образи

Вазирро на хашмгину ба ғазаб омада, балки бештар руҳафтода пешниҳод мекунад. Бинобар ин хотимаи суруд бо амали сустшаванда (rit.) дар овози пасти пиано анҷом меёбад.

Суруди дуюми Ҷин «Маро маъзур» (саҳнаи 5, №24) аз суруди якуми ӯ «Кӯза ҷои мо» (№7) комилан фарқ мекунад. Ин суруд дар суръати суст (Adagio) ва ибораоҳангҳои навъи речитативӣ қарор мегирад. Дар ибтидо ибораоҳангҳои речитативӣ зимни тремолоҳои басӣ садо медиҳанд. Ин қисми суруд муроҷиат ба Аловиддин аст. Сониян, ду ибораи нақлӣ дар бораи Соҳир дар регистри нисбатан баландтар бо ивазшавии баёни тагнавозӣ омада, ҷумлаи сеюми он муроҷиати дигар ба Аловиддин аст. Ҷин ба Аловиддин ҷойи пинҳонкардаи Нигорро фош мекунад. Ҳар се қисми ин суруд зимни тагнавозии хосса ва образи сеҳру ҷодугарӣ омадаанд. Ва дар умум ин бештар речитатив аст, на суруд. Композитор ба тембри садо хеле устодона рафтор кардааст. Ӯ ҳамаи речитативи Ҷинро дар пианиссимо ва регистри басӣ қарор медиҳад. Бо чунин интихоби тембр ӯ ҷойгиршавии Ҷинро дар кӯза хеле моҳирона тасвир намудааст.

Суруди Нигор «Нафрин ба ту» (намоиши 3, саҳнаи 6, №25) суруди ғамгин ва лирикист. Образи равшанзамири Нигор новобаста ба вазъияти бад дар он нигоҳ дошта шудааст. Ӯ ҳамеша ба хубӣ ва адолат боварӣ дорад, ёриро аз Яздон хоҳиш мекунад. Воқеан ӯ беҳаракат нест, ботинан ӯ ба некӣ такя мекунад. Ва, ҳарчанде композитор барои ин суруди Нигор лаҳни минории гармони (a-moll)-ро интихоб кардааст, аккомпанемент як зарра ҳам беҳаракат нест. Вазни шашзарбаии онро композитор ба набз табдил дода, бар болои он оҳанги зебои лирикиро зам карда, сохтори композитсионии манзумро ба вуҷуд овардааст. Суруд дар шакли периоди содаи дуқисмаи одӣ навишта шудааст.

Суруди Соҳир «Гули ман» (намоиши 3, саҳнаи 6, №27) аз тарафи композитор хеле аҷиб сохта шудааст: дар оҳанги он зарби суннатӣ ва баёни равони аврупоиасос ҳамҷоя садо медиҳанд. Сохтори суруд яке аз шаклҳои

одист ва оҳанги он ба таври сода равшан ифода ёфтааст. Ин суруд изҳори муҳаббати Соҳир аст ба Нигор.

Сипас, мусиқии «Ошиқии Аловиддин» (намоиши 3, саҳнаи 6, № 28) пеши назари Нигор овардани образи Аловиддинро таҷассум менамояд.

Дуэти баъдии Соҳир ва Нигор «Ӯ кист туро?» (намоиши 3, саҳнаи 6, №29) наздик ба шакли бадеҳаи халқӣ навишта шудааст. Ташаккули оҳанг, иборасозии он ба сурудҳои фолклории тоҷикӣ монанд аст. Аз жанри халқии бадеҳа дар ин дуэт хусусиятҳои зерин зоҳир гардидаанд: онро мард ва зан иҷро мекунад (1), мазмуни шеъри он ишқӣ аст (2), партияҳои вокалӣ ба навбат омадаанд (3). Вале хусусияти ин бадеҳа тамоман дигар аст ва ин хоссагӣ аз он аст, ки ду сароянда на ба якдигар (ба мисли бадеҳа) месароянд, балки, Соҳир ба Нигор, вале Нигор ба Аловиддин рубоиҳои худро бахшидаанд. Ин фарқият байни дуэти опера ва бадеҳаи халқӣ аз ҳалли композитсионӣ-драматургии муаллиф аст. Ин аст, ки бадеҳа хеле динамикӣ сохта шудааст ва ба динамикӣ кардани он нақши оркестр бузург аст. Зимни ин бадеҳа амали кушоиши хати драматургии опера ҷойгир карда шудааст. Дар рафти он Аловиддин Нигорро аз ҷоду раҳоӣ дода, ӯро ба ҳаёти воқеӣ бармегардонад. Бинобар ин, қисми дуюми бадеҳа динамикӣ аст. Бадеҳа бо зафари ошиқон хотима меёбад.

Аз ин рӯ, жанри ин дуэтро *дуэт-бадеҳа* муайян кардан мумкин аст.

Финал дар шакли хорӣ навишта шудааст. Хори хотимавӣ дар жанри валс қарор мегирад. Он бо муқаддимаи созӣ сар мешавад. Ба оҳанги муқаддима набзи триолӣ дар вазни сезарбаӣ хос аст. Хор ин набзро асос гирифта, ҳамчун квартети Аловиддин, Нигор, Вазир ва модари Аловиддин унисонӣ оғоз мегардад. Дар оркестр низ хати оҳангӣ унисон ба хор ҳамроҳ мешавад. Иборааи аввали сароҳанги хор чунин аст:




*Мисоли 50. Ибораи аввали сароҳанги хори хотимавӣ*

Матни шеърии хори хотимавӣ дар жанри чаҳорпора қарор меёбад. Ва банди оҳангии хор аз он қолаб мегирад. Дар хор баъди ҳар як банд оҳангбандаки созӣ омадааст. Банди якум ду бор такрор шудааст ва ба ду мисраи охирини такрорӣ Султон, Соҳир, Ҷин ҳамроҳ шуда, квартетро ба хор табдил медиҳанд. Тагнавозӣ дар мавриди такрорӣ регистрӣ иваз шуда, баёни он ба октавай-аккордӣ табдил меёбад. Дар банди дуюм хори дуовоза сеовоза мешавад. Ба он дар бахши оркестрӣ басҳои чуқури аккордӣ тагнавозӣ мекунанд. Ин василаҳо хори хотимавиро хеле мутантан мегардонанд. Дар ҷараёни хори хотимавӣ модулятсия аз e-moll ба f-moll ба амал меояд. Муҳим он аст, ки ин гузариш ба тарафи боло ба амал омадааст. Зеро ки ин болоравӣ дар ҳамҷоягӣ бо зарби валсӣ, новабаста ба он, ки лаҳни асосии суруд дар ҳар ду маврид минорӣ аст, фазои рақсиву хурсандиро муҳайё месозад. Композитор тавассути набзи триолӣ, валсӣ, фазои хурсандӣ ва равшаниро саҳеҳтар мегардонад ва баъди гузариш ба тоналности f-moll бори дигар қисми авҷиро такрор мекунад. Бо ин васила хори хотимавӣ моҳияти авҷии худро фарохтару равшантар нишон медиҳад. Оҳанги сабуку равшан ба ин василаҳо «роҳбарӣ» мекунад. Дар натиҷа фазои идона ба вуҷуд меояд, ки музаффарии некиро ифода менамояд.

Кодаи хор дар тоналности ним тон боло (f-moll), баёни октаваии оҳанг бо тагнавозии таъкиддори оркестрӣ, фарогири майдони садоии сеоктавай,

хеле пуршукӯҳ садо медиҳад. Ва, тавре ки ба Шуҳрат Ашӯров хос аст, ибораоҳанги охирини хорро композитор бо ғулғулаҳои басии тоникӣ дар тоналности мажорӣ (F-dur) хотима медиҳад:



*Мисоли 51. Интиҳои оркестрии хори хотимавӣ.*

**Хулоса.** Дар опера композитор кӯшидааст, ки тамоми василаҳои мусиқиро ба шунавоиши кӯдак равон бисозад. Ӯ хеле огаҳона ин амалро иҷро мекунад. Композитор дар операи бачагонаи хеш ба табиати мусиқии бачагона диққати ҷиддӣ медиҳад. Ӯ гӯё ба суханони яке аз муҳаққиқони мусиқии бачагона мусиқишинос З.А. Муродова такя мекунад, ки гуфтааст: «Мусиқӣ барои кӯдакон – соҳаи хоссаи санъат аст ва муайян кардани аҳаммияти ташаккулдиҳандаии маънавии он мушкил аст. Ҳаёти кӯдакро аз рӯзи тавлид фаро гирифта, он ба бедоршавии тахаюлоти ӯ, инкишофи зеҳнӣ, тасаввуроти бадеӣ ва эҷодии кӯдак мусоидат менамояд. Мусиқӣ ба шинохти ҳувияти фарҳанги этникӣ оғоз мебахшад ... » [56, с.5].

Дар опереттаи низ композитор Шуҳрат Ашӯров тамоми хусусиятҳои ин жанрро хеле хуб нишон додааст. Аз тарафи дигар, ӯ кӯшидааст, ки дар он василаҳои мусиқии суннатии тоҷикро фаровон ҷо бидиҳад. Барои мафтун

кардани шунаванда ва наздик кардани асари худ ба шунавандаи муосири тоҷик, композитор хеле моҳирона аз зарбу оҳангҳои суннатии тоҷик истифода бурдааст. Дар асар зарбҳои суннатии тоҷик 5/8, 7/8, 6/8 ва диг. хеле фаъол истифода бурда мешаванд.

Ва ниҳоят, ҳамаи асарҳои калонҳаҷми худро композитор дар шаш соли охири фаъолияти эҷодӣ навиштааст. Солҳои 2010-2016-ро дар эҷодиёти ӯ метавон ҳамчун солҳои авҷӣ баҳогузорӣ намуд.

# БОБИ 3. КОНСЕПСИЯИ ЭҶОДИИ ШУҲРАТ АШӮРОВ ДАР ЖАНРҲОИ ВОКАЛӢ ВА ВОКАЛӢ-ХОРӢ

Осори вокалии композитор қариб ҳамаи жанрҳои мусиқии академии имрӯзаро дар бар гирифтааст. Дар тули эҷодиёти худ ӯ ба жанрҳои суруд, романс, суруди хорӣ, хори а капелла, суруд барои яккахон ва хор, кантата ва дигар рӯ овардааст. Бойгонии дастнависи композитор 29 асарро дар бар мегирад [155]. Аз шиносоӣ бо онҳо маълум мегардад, ки ҳамаи онҳо дар саҳнаҳои расмиву консертӣ иҷро шудаанд, аз телевизион ва радио садо медиҳанд ва байни шунавандаи имрӯза маълуму маҳбубанд. Вале новобаста ба ин, матни нотавии онҳо то имрӯз аз чоп набаромадааст.

Асарҳои вокалии композитор Шухрат Ашӯров доираи васеи жанриро фаро мегиранд. Дар навбати худ баъзе жанрҳо бо сершохагии жанрии худ нишон дода шудаанд. Масалан, жанри суруд бо шохажанрҳои суруди маршӣ, суруди лирикӣ, суруд-валс, суруди ватанпарастӣ ва ғайра аз тарафи композитор пешниҳод мегардад. Жанри суруди хорӣ бо гуногунрангии баёнӣ (дуовоза, сеовоза ва ғ.), мансубияти иҷрокунанда (хори мардона, хори омехта ва ҳ.) ва мазмунӣ ҷо дорад. Осори вокалии композитор хеле серранг пешниҳод шудааст.

## 3.1. Сурудҳои якка

Суруди *«Пешвои миллат»* (шеъри Нурмуҳаммад Исҳоқӣ) барои тенор ва ҳамовозии фортепиано навишта шудааст [122.]. Сохтори композитсионии суруд куплетӣ аст. Он дар лаҳни e-moll асос ёфта бошад ҳам, дар тобишҳои оҳангӣ гузариш ба лаҳнҳои дигар низ ба амал меояд.

Матни шеърии суруд дар баҳри *рамали мусаммани мақсур* қарор мегирад: «рамал яке аз баҳрҳои аслии арӯз буда, маънои луғавиаш бурё бофтан ва бошитоб давидани шутур аст» [81, с. 90].

*«Давлати Сомониёнро оқибат ӯ зинда кард,*

*Ҳам дирафши Ковиёнро оқибат ӯ зинда кард*

*Номи мулки Ориёнро оқибат ӯ зинда кард,*

*Ҳам забони тоҷиконро оқибат ӯ зинда кард»* [122, с. 25].

- v - - / - v - - / - v - - / - v ~

*фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

Дар ин суруд композитор талқини сохтори куплетиро ба таври худ пешниҳод кардааст. Суруд дорои даромади созии мутантан мебошад. Ин даромади созӣ бо ҳамсадоҳои аккордӣ-октаваӣ баён гардида, шукӯҳу шаҳомати мусиқиро аз ибтидо нишон медиҳад. Даромади созӣ дар шакли периоди одии ғайримураббаи иборат аз ду ҷумлаи мусиқӣ бо баёни гомофонӣ-гармонӣ ифода ёфта, ҷумлаҳои он дар мутаносибии D – t қарор гирифта, дар мобайн оҳангбандакиваслии гаммамонанди болораванда омадааст. Даромади созӣ бо аккордҳои арпеджиоӣ ба анҷом мерасад. Дар набзи маршии вазни чорзарбаӣ, лаҳни e-moll гармонӣ, оҳанги зебои тантанавии суруд пешниҳод мегардад. Ин оҳанг дар ҷараёни суруд ҳамчун оҳанги нақарот истифода мешавад. Дар куплети якум мисраҳои сеюм ва чорум такрор омадаанд, вале такрор айнан нест:




*Мисоли 52. Такрори ивазшудаи мисраоҳанги чорум.*

Сабаби иваз шудани оҳанг ин ҷо бо ивазшавии функсияи композитсионии ин мисраоҳангҳо дар такрори онҳо вобаста аст. Агар дар мавриди аввал онҳо мисраоҳангҳои сеюм ва чоруми банди якуми суруд (куплети якум) бошанд, дар мавриди такрор онҳо вазифаи хати пешавҷиро ичро мекунанд (1). Зарурати такрори онҳо дар ин вазифаи композитсионии мушаххас аст: ин хати пешавҷӣ куплетро бо банди нақаротӣ пайваста, барои рушди ягонаи суруд мусоидат менамояд (2).

Дар талқини сохтори композитсионии як банди суруд композитор қолаби шеърро такрор намекунад. Ин қолабшиканӣ ҳам дар бандҳои оҳангӣ ва ҳам дар низоми таркибии онҳо мушоҳида мешавад. Дар сатҳи банди оҳанг ӯ ҳаҷмро дигар мекунад: агар рубоии шеърӣ аз чаҳор мисраъ иборат бошад, банди оҳангии суруд аз шаш мисраоҳанг иборат гардидааст. Ҳамин тавр, композитор сохтори куплетиро бо таври худ пешниҳод карда, ба ҷойи чаҳормисраоҳангии куплетӣ шашмисраи (abcdce)-ро интихоб менамояд ва ба ҳайси мисраоҳанги охирини банд оҳанги навро медарорад.

Композитор василаи лаҳниро низ фаъол корбарӣ намудааст. Аз ҷиҳати мутаносибии лаҳнӣ ду мисраоҳанги аввалро дар равиши автентӣ қарор дода, дар мисраоҳанги сеюм (с) бо такя ба мутаносибии плагалӣ, гузаришро ба тоналности субдоминанта ба амал меоварад:




*Мисоли 53. Мутаносибии плагалӣ дар мисраоҳанги сеюм.*

Дар мисраоҳанги чаҳорум гузариши дигарро ба тоналности ҷуфти мажорӣ (G-dur) ба амал овардааст. Ва дар он тобишҳои оҳангии гунаи гармониро ҷо додааст:




*Мисоли 54. Гузариш (модулятсия) ба ҷуфти мажорӣ.*

Функсияи композитсионии даромади пешавҷӣ дар умум бар зиммаи мисраоҳангҳои панҷум (c) ва шашум (e) вогузошта шудааст. Ин ҷо гузариш ба банди авҷӣ ба амал меояд:




*Мисоли 55. Гузариш ба банди авҷӣ.*

Ба мисраоҳанги сонии ҳафтум ибтидои банди авҷӣ рост меояд:




*Мисоли 56. Банди авҷӣ. Ибтидо.*

Дар мисраоҳанги ҳаштум (f) рафти рушд ба нуқтаи баландтарини авҷ мерасад:




*Мисоли 57. Нуқтаи баландтарини авҷ.*

Бо такрори мисраоҳангҳои ҳафтум ва ҳаштум композитор банди авҷиро то чор мисраоҳанг васеъ карда, ба ин васила шукӯҳу шаҳомати авҷро баландтар мебардорад. Мисраоҳангҳои авҷӣ бо оҳангбандакҳои гаммамонанди болоравандаи триолӣ-октаваӣ ба якдигар пайваст шуда, дар мутаносубии гармонии автентӣ бо баёни аккордӣ-октаваии хати оҳангӣ зимни октаваҳои басии тагнавозӣ, барои ифодаи авҷи суруд мустақим мусоидат менамоянд. Кулминатсияи суруд аз навъи «қуллаи авҷӣ» (истилоҳи Л. Мазел) аст.

Кодаи суруд хеле мутантан, ба мисли шиор садо медиҳад. Он такрори мисраи авҷӣ аст. Баъди ин «шиор» ба ҳайси аккорди охирини суруд на сесадои тоникии минорӣ, балки сесадоии тоникии ҳамноми мажорӣ (E-dur) омадааст. Бояд зикр кард, ки композитор василаи лаҳниро аёну равшан дар драматургияи суруд фаъол истифода бурдааст: мутаносубии плагалӣ, ки тамоюл ба равшанист (дар экспозитсияи суруд), тавассути мутаносубии автентӣ, ифодагари мубориза (дар қисми пешавҷӣ ва авҷии суруд) ба зафари равшанӣ (сесадоии ҳамноми мажорӣ) дар кода анҷом меёбад. Ва ин ғалабаи равшанист. Композитор онро тавассути мисраоҳанги хотимавии суруд: «Пешвои миллати тоҷик ҳамеша зинда бод!» ифода намудааст. Дар натиҷа рафти композитсионӣ-драматургии суруд бо рушди ягона муҳайё гардидааст.

Суруди *«Модари ман»* (шеъри Саидҷон Уроқӣ) суруд барои сопрано ва фортепиано аст [154]. Суруд бо муқаддимаи созии шакли периоди сохтори ягона оғоз меёбад. Он аз пешмизон сар шуда, ба баёни панҷовоза мерасад.

Оҳанг ба таври октаваӣ зимни тагнавозии басҳои доимо садодиҳанда ва хатҳои ёрирасони мобайнӣ хеле қавӣ пешниҳод шудааст:



*Мисоли 58. Муқаддимаи созӣ.*

Шеъри «Модари ман» дар *баҳри рамали мураббаи маҳзуф* қарор мегирад:

«*Модари яктои ман,*

*Давлати барҷои ман,*

*Ҷои ту дар ҷои ҷон,*

*Аз ҳама болои ман*» [141, с. 6].

\- v - - /- v -

*фоъилотун / фоъилун*

Шакли талқини ин баҳрро композитор ба шакли нав пешниҳод кардааст:




Як баҳри шеърӣ ба як ҷумлаи мусиқӣ мутобиқ карда шудааст. Ду мотив як иборaоҳангро ташкил карда, ҳар мотив бо нотаи ним хотима меёбад:




*Мисоли 690. Воҳидҳои сохторӣ-композитсионии суруд.*

Ибораҳои мусиқӣ аз якдигар бо сукут ҷудо карда шудаанд:




*Мисоли 59. Сохтори ҷумлаи оҳангӣ.*

Чунин тарзи иборабандӣ минбаъд ҳам риоя мешавад. Ва ин далолат аз он аст, ки зарби суруд аз ибтидо то ба охир дар як набз нигоҳ дошта шудааст. Сохтори умумии суруди мазкур шакли дуқисмаи одӣ (АВ) аст. Ин суруд хеле лирикист. Композитор Шуҳрат Ашӯров тавонистааст, ки муҳаббати гиромӣ нисбат ба модар ва эҳсоси садоқат ба ӯро хеле амиқ баён кунад. Чунин асоси семантикиро композитор бо ҳаракати дар умум болораванда (1), минори гармонӣ (2), зарби равон (3), вазни чаҳорзарбаӣ (4), баёни шаффоф (5) ва суръати сусти Andante (6) ба даст овардааст:




*Мисоли 60. Ибтидои оҳанги асосӣ.*

Афзалияти мутаносибии автентӣ дар суруд мушоҳида мешавад. Ҷараёни рушд дар қисми якум хати ягонаи драматургиро ба рушди кулминатсионии он оварда мерасонад. Дар ин ҷараён тамоюли устуворгардонии фактуравӣ ва тадриҷан фаро гирифтани регистрҳои баланд ҷо дорад. Банди охирини қисми якум ба банди кулминатсионии асар табдил меёбад. Дар нуқтаи кулминатсионии суруд «қуллаи уфуқӣ» (Л. Мазел) композитор аз матни шеърӣ даст кашида, ба баёни вокализӣ мегузарад.

Ду қисм аз якдигар бо оҳангбандаки пуризтироби доминантӣ хеле равшан тақсим шудаанд. Ин бандаки аккордӣ бо баёни шашовозаву ҳаштовоза дар вазни панҷзарбаӣ худро «мустақим» муаррифӣ карда, рафти ҷараёни равони сурудро каме «коҳиш» медиҳад, вале оҳанг зуд ба набзи пешина бармегардад.

Қисми дуюми суруд набзи зарбӣ ва доираи оҳангӣ-интонатсионии қисми якумро идома медиҳад. Бинобар ин, қисми дуюм қисми посткулминатсионӣ қабул мешавад. Он дараҷаи самимияти муҳаббат ба модарро нигоҳ медорад ва дар хотима ба суръати ниҳоят суст гузашта, дар он сурудро ба анҷом мерасонад.

Бояд қайд кард, ки қарор гирифтани суруд дар набзи ягонаи зарбӣ ва як фазои оҳангӣ-интонатсионӣ на талқини статикӣ, балки ба ифодаи эҳсосоти чуқур, ҳолати самимияти беҳамтои кас ба Модар меоварад. Ва ин интихоби воситаҳои ифода ва рушди хати драматургӣ аз тарафи композитор хеле огаҳона аст. Муаллиф бо ин воситаҳои ифода ба муваффақияти суруд сазовор гаштааст.

Суруди *«Тоҷикистон Ватанам»* (шеъри Меҳриниссо) барои сопрано ва фортепиано навишта шудааст [154].

Суруд сохтори дуқисма дорад. Ҳар як қисми суруд дар се воҳиди сохтории композитсионии оҳангӣ асос меёбад: такрори себораи як воҳиди он (A) ва такрори дубораи ду воҳиди сохтории он (B).

Жанри суруд валси лирикӣ мебошад. Композитор консепсияи композитсионӣ-драматургии сурудро бо такя ба диди муаллифи шеър, яъне диди зан ба Ватан, сохтааст. Аз ин ҷост талқини валсии шеър дар бораи Тоҷикистон. Дар баробари ин, жанри валсро композитор бо унсури миллӣ омезиш дода, иборасозии оҳангро ба таври синкопӣ қарор додаасту валс бо хусусияти уфарӣ талқин ёфтааст.

Даромади созӣ бо набзи хоссаи валсӣ иборат аз ду ибораи оҳангӣ сурудро оғоз мекунад:



*Мисоли 61. Муқаддимаи созӣ.*

Асоси иబораоҳанги якум тетрахорд мебошад. Он дар ҳалқачаҳои як занҷираки секвенсионӣ қарор мегирад.

Дар сохтори дуқисмаи суруд ҳар як қисм се ҷумлаиро дар бар гирифтааст. Оҳанги асосии суруд низ бори аввал дар шакли занҷираки секвенсионии иборат аз се ҳалқача мегузарад:




*Мисоли 62. Оҳанги асосӣ. Занҷираки секвенсионӣ.*

Ибораоҳанги чаҳорум (b) вазифаи ҷамъбастиро иҷро намудааст. Он дар қиёс бо мисраоҳангҳои дигар дар пардаи асосии лаҳни e-moll анҷом меёбад:




*Мисоли 63. Иборaи ҷамъбастии оҳанги асосӣ.*

Банди дуюм дар регистри нисбатан болотар, дар тоналности доминантӣ қарор гирифта, рафти оҳангро пуризтиробтар мегардонад. Набз ва баёни пешинаро нигоҳ дошта, онро таҳким мебахшад. Бинобар ин, такрори банди якум баъди он хеле бамантиқ омадааст.

Қисми якуми сурудро аз ҷиҳати мантиқи композитсионӣ давраи якуми хати драматургӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро ки қисми дуюми суруд бо

ибтидои давраи дуюми рушди драматургӣ рост омада, бештар ба функсияи доминантӣ такя карда, шиддатнокии оҳангро зиёд мекунад. Қисми дуюм даромади созии бештар динамикӣ дорад. Он банди авҷиро ибтидо медиҳад. Муҳтавои авҷ дар хати оҳангӣ, ки аз ҷаҳиши квартоӣ оғоз гардида, бо самти болораванда фарогири регистрии баландтарин гардидааст, бештар дида мешавад. Октаваҳои басӣ ва хати оҳангӣ-октаваии тагнавозӣ, ки бо хати овозӣ унисонӣ аст, муҳтавои авҷии онро таҳким бахшидаанд. Ҷумлаҳои дуюм ва сеюми қисми дуюм такрори воҳидҳои сохтории қисми якум буда, характери равони валсии сурудро бармегардонанд.

Сурудро хотимаи хеле кӯтоҳ, ки феълан такрори ҷумлаи сеюми қисмҳо аст, ба охир мерасонад. Сурудро композитор бо аломати фермата хотима додааст. Вазифаи ин аломат дар охири суруд аз ҷиҳати семантикӣ хеле равшан аст: меҳру самимият нисбат ба Ватан ҳадду канор надорад.

Суруди *«Тоҷикистон»* (шеъри Ҳадиса) барои сопрано ва фортепиано навишта шудааст [154]. Жанри суруд-валси он бо сохтори *aaba* дар h-moll қарор гирифтааст. Шеъри суруд дар *баҳри рамали мусаддаси макфуфи маҳзуф* аст:

*«Тоҷикистони зи ҷон ширинтарам,*

*Тоҷикистони ҷавону дилбарам.*

*Мисли тифле дӯст медорам туро,*

*Аз ту ояд бӯи шири модарам»* [124, с. 10].

*- v - - / - v - v / - v -*

*фоъилотун / фоъилоту / фоъилун*

Лекин композитор ба воситаи такрори варианти мисраи чаҳорум байти восиларо ба вуҷуд оварда, онро ба жанри дигар табдил дода, сохтори *aabaa*-ро ба даст овардааст. «Адабиётшиносон чунин сохтори жанрро «тарҷеъбанд» меноманд» [81, с. 405].

Сохтори умумии суруд сеқисмаи одӣ (ABC) аст. Хусусияти жанрии тарҷеъбанд дар сатҳи қисмҳои композитсионии ин сеқисма зоҳир мегардад.

Суруд бо муқаддимаи созӣ дар шакли периоди мураккаби мураббаъ, ки ду ҷумлаи мусиқиро дар мутаносубии плагалӣ дар бар мегирад, оғоз ёфтааст:



*Мисоли 64. Муқаддима.*

Ва ин хусусият ба муқаддима ранги навро илова мекунад.

Қисмҳои таркибии суруд (ABC) ҳам дар шакли периоди мураккаби мураббаъ қарор гирифтаанд. Ҳар кадом иборат аз чаҳор мисраоҳанг аст.

Оғози қисми сеюми суруд (C) ба кулминатсияи асосии ин асар «қуллаи уфуқӣ» (Л. Мазел) рост меояд. Ин қисм шакли периоди мураккаби ғайримураббаи сохтори такрориро дорад. Дар ин ҷараён байти восила хусусиятҳои нақаротиро пайдо мекунад, чунки ҳам шеър ва ҳам оҳанг дар охири ҳар як банди суруд айнан такрор мешаванд. Бо вуҷуди ин, новобаста ба дороии нақарот, сохти ин сурудро куплетӣ гуфта наметавонем, зеро ки дар қисмҳои суруд мисраоҳангҳои фарқкунанда ҷо доранд:

а)




б)






*Мисоли 65. Унсурҳои фарқкунандаи оҳангӣ-интонатсионӣ.*

Ин фарқият яке аз омилҳои пайдо шудани рушди ягонаи суруд мегардад.

Дар хотимаи суруди «Тоҷикистон» тагнавозӣ фаъолтар гардида, бо нақарот (байти восила) хотима меёбад:




*Мисоли 66. Хотимаи суруди «Тоҷикистон».*

Суруди *«Диёри Ваҳдат»* бар шеъри Нуруллоҳи Ориф дар шакли силсилаҳои дуқисмаи суннатӣ навишта шудааст. Зеро ки қисми якуми он (Allegro) суръати сустари вазни ҳафтзарбаӣ ва қисми дуюми он уфари шашзарбаӣ мебошад.

Қисми якуми он дар сохтори дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Ва қисми дуюми он бо сабаби иловаи изофа ҳаҷман каме бузургтар аст. Воқеан ҳарду периоди қисми якум такрорианд.

Суруд муқаддимаи созӣ дорад. Оҳанги муқаддима дар як ибора сохта шудааст, ки бо рушди секвенсионӣ такрор омада, муқаддимаро ташаккул додааст:




*Мисоли 67. Муқаддимаи созӣ*

Он дар баёни гомофонӣ-гармонӣ дар тоналности асосӣ (d-moll) баён мегардад. Оҳанги суруд дар овози болоӣ ҷойгир аст. Аккомпанемент навъи гомофонӣ-гармонӣ дар пайиҳамии аккордӣ ва арпеджиои (аккордҳои кушода) сохта шудааст.

Бо оғоз ёфтани суруд шакли тагнавозӣ дигар мешавад, вале ин ҳамаги ду се мизон идома меёбад:




*Мисоли 68. Оҳанги асосии суруд.*

Дар идома навъи тагнавозии муқаддима ҳукмрон мегардад. Дар тагнавози хати болоӣ ва хати овозӣ унисонианд.

Қисми дуюм аз ҳама ҷиҳат рушдиҳандаи қисми якум аст. Аз аввали он кулминатсияи маҳаллӣ сар мешавад:




*Мисоли 69. Ибтидои банди авҷӣ*

Дар мизонҳои кулминатсионӣ тагнавозии навъи дигар ворид мешавад:




*Мисоли 70. Мисраоҳанги авҷӣ*

Қисми дуюми силсила уфар аст. Он пурра ба шакли суннатии уфар пайравӣ мекунад. Хати болоии тагнавозӣ такрори унисонии, хати овозӣ аст. Хати басӣ дар навъҳои гуногуни фосилавӣ бо деранди якхела дойразаниро дар ансамбли миллӣ ба хотир меоварад. Оҳанги уфар ба оҳанги қисми якум хеле наздик аст, ки он ҳам аз хусусиятҳои жанри суннатӣ аст.

Суруд дорои ибораи хотимавии гаммамонанди болораванда аст.




*Мисоли 71. Хотимаи суруд*

Дар тули суруд лаҳни мажори ҳамном намудор мегардад.

Суруди *«Шукӯҳи тоза медамад»* (шеъри Камол Насрулло) барои баритон ва фортепиано [121]. дар шакли сеқисмаи одӣ бо кода, тоналности cis-moll, ба гуфтаи худи композитор, дар жанри такмил оҳанги сарояндаи халқӣ Сайфиддин Раҷабов навишта шудааст. Нуфузи оҳанги суннатӣ ба композитсияи суруд хеле назаррас аст. Оҳанги дараҷавӣ, фатҳи авҷ ва фароварди тадриҷии суруд аз он гувоҳӣ медиҳанд. Дар тули суруд оҳангбандаки хоссае ҳамеша такрор мешавад, ки он ифодакунандаи як ҳолат аст. Суруд ҳам касро дар як ҳолат нигоҳ медорад. Авҷи сурудро композитор

дар регистри болотарини оҳанги суруд ҷо карда, самимияти суханҳоро афзонида, ба авҷҳои сурудҳои суннатӣ наздик кардааст.

Муқаддимаи созӣ дар шакли периоди мураббаи сохтори такрорӣ навишта шудааст:




*Мисоли 72. Муқаддимаи созӣ.*

Жанри шеърии ин суруд чаҳорпора дар сохтори дохилии қисмҳои таркибӣ инъикос меёбад: 1) *abcb*; 2) *aaba*; 3) *aaaa*. Сохтори хоссаи жанри шеърӣ дар суруд нигоҳ дошта шудааст. Шеъри он дар баҳри *ҳазаҷи мураббаи солим* меояд: «ҳазаҷ нахустин баҳри арӯзи форсӣ-тоҷикӣ мебошад, маънии луғавиаш овози хуш, суруд ва хушоянда аст» [81, с. 83].

*«Шукӯҳи тоза медамад*

*Зи тоҷу тахти тоҷикон*

*Дари умед боз шуд*

*Ба рӯи бахти тоҷикон»* [121, с. 4].

*v - - - / v - - -*

*мафоъӣлун / мафоъӣлун*

Дар шакли умумии суруд композитор жанри адабиёти классикии тоҷикро бо сохтори рушди ягона талқин менамояд.

Суруди *«Душанбе»* (шеъри Низом Қосим) барои сопрано ва фортепиано дар жанри суруди маршӣ навишта шудааст. [142]

Суруд бо муқаддимаи созӣ оғоз меёбад. Он дар шакли периоди оди бо унсурҳои секвенсионии рушди оҳанги навишта шудааст.



*Мисоли 73. Муқаддимаи созӣ*

Вазни ҳафтзарбаии равонаи он аз ибтидо ба сулҳхоҳонаву осоишта, бо табиати зебо ва табъи хушу неки сокинони шаҳри Душанбе ворид месозад. Матни шеърии суруд жанри рубоӣ *aaba* аст, вале композитор банди суруди худро баҳри фарогирии хусусиятҳои жанрии суруди маршӣ васеътар карда мисраҳои сеюм ва чаҳоруми рубоиро такрор карда, банди композитсионии онро васеъ гардонидааст. Дар натиҷа чунин мутаносубии банди оҳанг ба матни шеърии тарҷеъбанд ба вуҷуд омадааст: «тарҷеъбанд аз ду калима тарҷеъ ва банд таркиб ёфтааст. Маънои тарҷеъ такрор, бозгашт; маънои банд қисм, ҳисса даста мебошад» [81, с. 423].

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| банди оҳанг | *a* | *b* | *c* | *d* | *c* | *d* |
| тарҷеъбанд | *a* | *a* | *b* | *b* | *b* | *b* |

Сохтори умумии суруди мазкур шакли дуқисмаи одиро (АВ) дар бар мегирад.

Лаҳни асосии суруди мазкур c-moll гармонӣ аз аввал то охир ҳукмфармост. Хотимаи суруд (Coda) ин лаҳнро устувортар менамояд.

Дар рафти суруд тобишҳои автентӣ афзалият дорад. Суруд аз аввал то охир дар набзи хеле зебои валсӣ равон ва мавзун омадааст, ҳарчанде вазни он ҳафтзарбаӣ аст. Ба равониву мазмуни оҳанги суруд ҳаҷми якхелаи

мисраоҳангҳо, зарби якхелаи дохилии онҳо ва тагнавозии валсии равон хеле мусоидат намудаанд. Рушди суруд васеътар гардонидани регистри ҳам оҳанг ва хусусан, тагнавозӣ, баёни аккордӣ-октаваии тагнавозӣ бо иловаи зерхатҳои гаммамонанд, ба даст оварда шудааст.

Суруди *«Модар»* дар тоналности e-moll, вазни ҳафтзарбаӣ (7/8) ва суръати суст навишта шудааст [154] . Суруд баёни хеле шаффофи гомофонӣ-гармонӣ дорад. Сохтори суруд шакли сеқисмаи одӣ (ABA) аст.

Суруд дорои муқаддимаи созӣ аст, ки он оҳанги худро дорад:



*Мисоли 74. Муқаддимаи созӣ*

Он дар як ибора сохта шудааст. Ин ибора муқаддимаро сар карда зуд ба ҳалқачаи секвенсионӣ табдил меёбад. Занҷираки секвенсионии сеҳалқачадор аввал яковоза дар октаваи якум ва сониян, ба тарзи октаваӣ дар октаваи дуюм садо дода, ба оҳангбандак мегузарад:



*Мисоли 75. Оҳангбандак*

Оҳанги муқаддима, ҳарчанде ба дараҷае мустақил бошад ҳам, ба оҳанги асосии суруд тазод нест. Баръакс, бо асоси интонатсионӣ, зарбӣ, тарзи баён оҳанги асосиро пешомадӣ мекунад. Оҳанги асосии суруд набзи ҳафтзарбаиро бо иборабандии манзум нишон медиҳад:




*Мисоли 76. Оҳанги асосӣ*

Қисми дуюми суруд ин услубро идома дода, регистрҳои баландтарро фаро мегирад. Он ба кулминатсия суруд меоварад:




*Мисоли 77. Ибтидои банди авҷӣ*

Кулминатсияи суруд бо тарзи баёни озод, фарогирии регистри болоӣ ва дар он пайдо шудани зерхатҳои таъкидӣ ба романс монандӣ мекунад:




*Мисоли 78. Мисраоҳанги авҷӣ*

Минтақаи кулминатсионӣ ду мисраоҳангро дар бар мегирад. Ҳардуи он аз оҳангбандаки созии болораванда оғоз гардида, дар регистри болотар қарор гирифтаанд:




*Мисоли 79. Мисраоҳанг бо оҳангбандаки васлӣ*

Кодаи хурдакак бо ибораоҳанги худ аз оҳанги асосии суруд фарқкунанда бошад ҳам, аз доираи зарбу интонатсионии суруд берун нест:




*Мисоли 80. Кода*

Бо чунин равол кода мантиқи сурудро ҳам аз ҷиҳати сохтори ва ҳам аз ҷиҳати семантикӣ мазмунӣ хотима медиҳад.

Суруди «Модар» ба тарзи равон, зарби манзум, доираи оҳангӣ-интонатсионии аз ҷиҳати лаҳнӣ устувор, бо сохтори композитсионии наздик ба романс аз як тараф, ва унсурҳои суруди лирикии суннатӣ, аз тарафи дигар навишта шудааст. Он дар фазои яксони семантикӣ қарор гирифтааст.

## 3.2. Романсҳо

Романси *«Ман зани тоҷики озодам»* (шеъри Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ) барои метсо-сопрано ва фортепиано эҷод шудааст [154].

Романс бо муқаддимаи созӣ дар шакли периоди ғайримураббаъи сохтори ягона оғоз мегардад. Аз ибтидо оҳанг октаваӣ-аккордӣ баён гардида, ин услубро минбаъд нигоҳ медорад. Дар аккомпанемент октаваҳои устувори

басӣ ва хати аккордии мобайнӣ баъзан ба порчаҳои октаваии триолӣ пурра мегарданд:

1. ҷумлаи якум:




2. ҷумлаи дуюм:




*Мисоли 81. Муқаддимаи созӣ.*

Романс дар суръати миёна (Moderato), вазни дузарбаи пунктирӣ-триолии муназзам қарор дорад. Шеъри он дар баҳри *рамали мусаддаси аслам* аст:

*Ман зани тоҷики озодам,*

*Хуни Ориён, чи хӯш, дар танам*

- v - - / - v - - / v -

*фоъилотун / фоъилотун / фаъал*

Романс сохтори дуқисма дорад. Қисми якум дар периоди сохтори такрорӣ иборат аз се ҷумла *(abb[1])* қарор дорад. Композитор дар рушди оҳанг унсурҳои секвентсиониро истифода мебарад. Дар романс нақши тагнавозӣ хеле фаъол аст. Он дорои қариб бист оҳангбандак мебошад. Дар рафти драматургияи асар онҳо дигаргуншаванда ва фаъоланд. Оҳангбандакҳои дар аввал яковоза, дар бандҳои авҷӣ ба аккордӣ-октаваӣ табдил меёбанд:

а)



б)



в)



*Мисоли 82. Оҳангбандакҳо дар ҷараёни романс.*

Характери ҳаракатнок ва динамикии оҳангбандакҳои ивазшаванда яке аз хусусиятҳои жанри романс мебошад. Табиати ин романси лирикӣ тибқи мазмуни шеър романси занона аст ва яккахонии ҳатмиро металабад. Ин романси як зани тоҷик аст. Ӯ аз миллату авлоди худ ифтихор мекунад. Маънии асосии шеър дар мисраи аввали шеър «Ман зани тоҷики озодам» гузошта шудааст. Онро шоир дар мисраи якуми ҳар як мухаммаси шеърӣ овардааст:

*«Ман зани тоҷики озодам,*
*Хуни Ориён, чӣ хуш, дар танам.*
*Духтари Рудобаву Тахминаву Рухшонаам,*
*Аз нажоди Рустаму БаҳромшоҳЧӯбинаам.*
*Модарам ман, ёварам ман ҳамчу Гурдофарид,*
*Иззатам, инчунин, тоҷикам офарид.*

*Ман зани тоҷики озодам,*
*Оли Сомону Сосонзодаам.*
*Ошиқи кишвару раҳбарам,*
*Байрақи Ковиён бар сарам.*
*Ишқи ман, меҳанам, Ҷону тан, меҳанам.*

*Ман зани тоҷики озодам,*
*Фарру фарҳанги ман, номусу нанги ман.*
*Нури имони ман, шамси тобони ман,*

*Бахту иқболи ман, меҳанам боли ман.*

*Қофу симурғи ман, Тоҷикистон бувад»* [139, с. 12].

Композитор ҳам ин мисраи шеъриро дар маркази хати драматургӣ ҳамеша нигоҳ доштааст. Ин интихобро хусусияти дуюми романсӣ муайян кардан равост. Муаллифи оҳанг нахустин бор мисраи мазкурро дар ибтидои банди аввали суруд ҷой дода, бо он сурудро сар мекунад:




*Мисоли 83. Мисраоҳанги аввали ҳар як мухаммас.*

Дар банди кулминатсияи маҳаллӣ низ хати аввали он аз ҳамин мисраъ оғоз мегардад:




*Мисоли 84. Мисраоҳанги асосӣ дар авҷ.*

Дар қисми дуюм он аксарияти мисраоҳангҳоро анҷом медиҳад:






*Мисоли 85. Мисраоҳанги асосӣ дар қисми дуюм.*

Хусусияти дигари романси «Ман зани тоҷики озодам» дар он аст, ки банди кулминатсиониро композитор дар шакли интерлюдияи созӣ овардааст:




*Мисоли 86. Интерлюдияи авҷӣ.*

Чунин ҳалли кулминатсия ҳам ба жанри романс хос аст. Он хеле пуризтироб аст. Ба ғайр аз баёни октаваии триолӣ, фаро гирифтани регистри васеътарин, композитор хати оҳангии октаваи таъкиддорро ҳамчун хати мобайнӣ ҷой дода, c-moll гармониро истифода мебарад. Банди авҷиро ҳаҷман калон карда, мавқеи кулминатсияро хеле бузург мекунад. Бинобар ин, қисми дуюми асар бо суръати сусттар (meno mosso) оғоз мегардад.

Қисми дуюми суруд ду банди оҳангро дар бар мегирад. Он дар шакли периоди ғайримураббаъ иборат аз ду ҷумла навишта шудааст:




*Мисоли 87. Банде аз қисми дуюм.*

Даври дуюми кулминатсионӣ композитор бо ремаркаи нави piu mosso («каме тезтар») ҳарду мисраоҳангҳоро бо мисраи «Ман зани тоҷики озодам» сар карда, кулминатсияи навъи «қуллаи маҳаллӣ»-ро ҳамзамон ҳамчун кулминатсияи умумии суруд пешниҳод менамояд.

Романс дорои кодаи хурдакак (meno mosso) аст. Кода як мисраоҳангро бо матни он «Ман зани тоҷики озодам» дар бар гирифтааст:




*Мисоли 88. Хотимаи романс.*

Дар ин маврид он ҳамчун хулосаи суруд бо *ritenuto,* суръатро каме сусткунон анҷом меёбад. Чунин васеъшавии хотимавии суръат ҳам аз

хусусиятҳои жанри романс аст. Ва инро хусусияти чаҳоруми романсӣ дар ин асар меҳисобем.

Хулоса, композитор бо нуктаҳои зерин табиати романсии асарро ба даст овардааст:

– оҳанги гӯёи нутқмонанд;
– пурэҳсосотии оҳанг, диапазони васеъ (детсима), пораҳои ноламонанду хитобиву ифтихормандиву устуворона;
– мавқеи мисраи «Ман зани тоҷики озодам» ҳамчун меҳвари композитсионӣ-драматургӣ дар ҷараёни асар:

1. бори аввал:




2. бори дуюм:




3. бори сеюм:




*Мисоли 89. Дигаргуншавии мисраоҳанги асосӣ.*

– нақши фаъоли тагнавозӣ то дараҷаи баробарҳуқуқӣ;
– суръати тезу сустшаванда.

Тавре ки ин таҳлил нишон медиҳад, композитор қариб ҳар дафъа (ҳашт маротиба) барои ифодаи ин мисраи шеърӣ ба ибораоҳангҳои поёнраванда афзалият медиҳад. Ин хусусияти оҳангӣ муросоӣ ва оромтабиатии зани тоҷикро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди ин, зимни гузароии хотимавии ин мисраоҳанг, бахши тагнавозӣ бо ибораоҳанги болоравандаи хати мобайнӣ, дар аккордҳои октаваҳои дуюм ва сеюм романсро хотима медиҳад. Чунин ҳалли

композитсионӣ ба Шуҳрат Ашӯров хеле хос аст. Ӯ ҳамеша ифодагари ҳаракат ба сӯи равшанист.

Суруди *«Чашми масти ту»* (шеъри Мирзо Файзалӣ) романси лирикии мардона барои тенор ва фортепиано аст [144].

Романс дорои муқаддимаи созӣ аст. Он дар шакли периоди мураккаби ғайримураббаъ дар асоси як оҳанги аз ибтидо яковоза зимни тагнавозии аккордӣ-октаваӣ ва бори дуюм – бо иловаи зероҳангҳои мобайнии таъкидӣ ва басҳои октаваӣ баён гардида аст:

а) бори аввал




б) бори дуюм:




*Мисоли 90. Муқаддимаи созӣ.*

Матни романс ба жанри шеърии чаҳорпора (*aaba*) мансуб аст. Он дар баҳри *рамали мусаддаси маҳзуф* навишта шудааст:

*«Ин қадар хушрӯст чашми масти ту,*

*Мавҷи абрӯи ба ҳам пайвасти ту.*

*Гул шуда мафтуни рӯят дар чаман,*

*Сарв сархам пеши қадду басти ту»* [144, с. 8].

- v - - / - v - - - / v - -

*фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

Романс дар шакли сеқисмаи мураккаби сохтори такрорӣ (ABC) қарор гирифта аст.

Муносибати композитор ба сохтори романс ба дараҷаи муайян озод аст. Илова ба гуфтаҳои боло аз хоссагии жанрӣ дар асар тагнавозӣ ва оҳангбандакҳои мобайнии ҳамеша дигаргуншаванда низ ҷо дода шудаанд.

Баъди қисми дуюм интерлюдияи созӣ омадааст. Он дар регистри боло қарор гирифта, пассажҳои канории болоравандаро дар бар мегирад:



*Мисоли 91. Интерлюдия.*

Оғози қисми сеюми суруд ба кулминатсияи асосии асар, ки навъи қуллаи авҷӣ аст, рост меояд. Дар ин банди авҷӣ принсипи секвенсионии рушди оҳангӣ мушоҳида мешавад:



*Мисоли 92. Мисраоҳангҳои авҷӣ.*

Сурудро банди такроршаванда (*b*) хеле равону ором хотима медиҳад.

## 3.3. Сурудҳо барои яккахон ва хор

Суруди *«Ба зан»* (шеъри Муҳаммадризо Тоҷиддинӣ) барои тенор ва хори сеовоза офарида шудааст [154]. Сохтори дуқисмаи одӣ бо муқаддимаи созӣ ва кода дар он ба матни шеърии қолаби ҳиҷоӣ меояд:

*«Зан, ту бақои оламӣ,*

*Чӯ офтоби хуррамӣ.*

*Обу ҳавои зиндагӣ*

*Рӯҳу равони одамӣ»* [118, с. 5].

Муқаддимаи созии суруд дар шакли периоди одии ғайримураббаъи рушди ягона қарор дорад. Оҳанг аз ибтидо октаваӣ зимни тагнавозии аккордӣ-октаваӣ баён мешавад:



*Мисоли 93. Муқаддимаи созӣ.*

Қисмҳои якум ва дуюми суруд дар шакли периодҳои мураббаи сохтори такрорӣ навишта шудаанд. Ҳамаи воҳидҳои сохтори (ҷумлаҳо, қисмҳо)-ро бо якдигар оҳангбандакҳои болоравандаи яковозаи октаваӣ мепайванданд.

Қисми дуюми суруд бо навъи кулминатсияи маҳаллии «қуллаи уфуқӣ» дар иҷрои хори сеовоза бо тагнавозии октаваҳои басӣ ва аккордҳои мобайнӣ сар мешавад:




*Мисоли 94. Қисми дуюм. Ибтидо.*

Мисраи дуюми байт такроран бо гузариши лаҳнӣ дар мажори ҳамном хотима меёбад:




*Мисоли 95. Хотима.*

Ҳамин тариқ, суруд бо терсияи мажорӣ (хор) ва тагнавозии сесадоии мажории кушодаву басҳои тоникӣ (оркестр) хотима меёбад.

Суруди *«Гулҳои Ватан»* (шеъри Мирзо Файзалӣ) барои баритон ва хори дуовоза навишта шудааст [136]. Матни шеърии ин суруд ба жанри чаҳорпора (*aaba*) taаллуқ дорад. Сохтори хоссаи жанри шеърӣ дар суруд нигоҳ дошта шудааст. Шеъри мазкур дар баҳри *раҷази мураббаи мақтуи мусаббағ* эҷод шудааст:

*«Мо зодаи Истиқлол,*

*Дилдодаи Истиқлол.*

*Шодона қадам монем,*

*Дар ҷодаи Истиқлол»* [136, с. 6].

- - v - / - - ~

*мустафъилун / мафъӯлон*

Муқаддимаи созӣ дар шакли периоди сохтори такрорӣ омадааст. Оҳанги он баъди речитатсияи пардаи тоникӣ ва ҷаҳиши квартоии поёнраванда, занҷираки секвенсионии сеқадамаро дар бар мегирад. Дар оҳанг композитор форшлагҳоро ба тарзи мусиқии суннатии тоҷик истифода бурда, вазни шашзарбаиро ба таври суннатӣ, уфарӣ пешниҳод намудааст: ♩ ♪ ♪ ♩ | ♩ ♪ ♩. ‖ Басҳои октаваӣ дар ибтидо зарбаи аввалро ва сониян, зарбаҳои якум ва чорумро таъкид мекунанд. Чунин таъкид тақлид ба дойразании суннатӣ аст. Ба ҳайси фаъолгардонии ҷараёни рушд композитор хати оҳангии мобайниро даровардааст:



*Мисоли 96. Муқаддима.*

Сохтори композитсионӣ-драматургии суруди сеқисма чунин амалӣ мегардад, ки ҳар қисми он дар регистри болотар садо дода, рушди ягонаи сурудро муҳайё месозад. Ба ин хати оҳангӣ ва набзи зарбии якранг, баёни тадриҷан зиёдшавии шумораи овозҳо (қисми якум – яковоза, қисми дуюм – дуовозаи терсиявӣ, қисми сеюм – дуовозаи фосилаҳои омехта) низ мусоидат мекунанд. Хати тоналии суруд c-moll (қ.1) – Es-dur (қ.2) – c-moll (қ.3) аст. Дар ибтидои қисми дуюм композитор тамоюли кӯтоҳе ба тоналности мувозии мажорӣ ба амал оварда, дар қисми сеюм ба c-moll бар мегардад. Қисми сеюм бештар дар мутаносибии автентӣ қарор ёфтааст.

Суруди *«Забони модарии мо»* (шеъри Давлат Сафар) барои тенор ва хор эҷод шудааст [120].

Муқаддимаи созӣ дар шакли периоди одии мураббаъ дар рушди ягона қарор ёфтааст. Зимни аккомпанементи октаваӣ, оҳанги ҷумлаи якуми

муқаддима – яковоза-дуовоза ва ҷумлаи дуюм – сеовоза, аккордӣ-октаваӣ бо зарби пунктирӣ-триолӣ баён мешаванд:



*Мисоли 97. Муқаддима.*

Суруд (Allegro) бар вазни чаҳорзарбаӣ бо зарби пунктирӣ-триолии маршӣ дар сохтори дуқисмаи мураккаб пешниҳод шудааст.

Матни шеърии суруд дар жанри чаҳорпора дар баҳри *ҳазаҷи мураббаи мақбуз* қарор мегирад:

*«Чу субҳи софу дилкушо,*

*Ба даҳр ҳадя аз Худо.*

*Таронаи муҳаббат аст,*

*Набошад аз наво ҷудо»* [120, с. 6].

*v - v - / v - v -*

*мафоъилун / мафоъилун*

Қисмҳои таркибии суруд дар шакли периоди мураккаби мураббаи сохтори такрорӣ навишта шудаанд. Дар қисми якум бахши овозӣ яковоза сар шуда, дар ҷумлаи дуюм ба дуовоза табдил меёбад:




*Мисоли 98. Оҳанги асосӣ.*

Қисми дуюм бо хори дуовоза сар шуда, ба хори панҷовоза табдил меёбад. Бо сабаби кӯтоҳ будани мисраҳои шеърӣ, композитор онҳоро бо якдигар дутоӣ бо оҳангбандаки мобайнӣ пайваста, мисраоҳангҳоро ҳаҷман васеъ мегардонад. Аксарияти оҳангбандакҳоро болораванда, триолӣ, бо таъкидҳои октаваии басӣ меоварад. Ва бо замми ин василаҳо, онҳоро ба ҷараёни умумии динамикии суруд ворид месозад. Чунин рафти рушд ба кулминатсияи навъи «қуллаи уфуқӣ» (Л. Мазел), ки барои асар асосӣ аст, мерасонад:




*Мисоли 99. Мисраоҳанги авҷӣ.*

Кода дар як байти шеърӣ асос ёфтааст:




*Мисоли 100. Кодаи суруд.*

Дар он хори ду-сеовоза дар регистри болоӣ оҳангро бо васеъшавии суръат (ritenuto), хеле қатъӣ, бо гузариш ба лаҳни мажорӣ хотима медиҳад. Композитор зарур шуморидааст, киибораоҳанги охирини кода боз ҳам васеътар садо диҳад ва гузариши лаҳнӣ бо ин васила равшантар таъкид ёбад.

Матни шеърии суруди *«Қаҳрамони Ваҳдат»* (ш. Низом Қосим) ба жанри тарҷеъбанд мансуб аст [134]. Байти восилаи онро муаллиф аз шоир Бозор Собир гирифта, анъанаи назираро риоя кардааст[3]:

*«Номи туро нависем, эй Қаҳрамони Ваҳдат,*

*Бо оби ноби тилло дар тоқи Қасри Миллат!»* [134, с. 11].

Шеъри Низом Қосим аз чаҳор банд иборат аст. Композитор аз чаҳор банди шеъри шоир танҳо дутоашро дар суруди худ истифода мебарад.

Композитор Ашӯров суруди «Қаҳрамони Ваҳдат»-ро барои баритон, хори омехта ва фортепиано эҷод намудааст. Равшан аст, ки шеър ва суруди мазкур дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, баъди ба даст овардани Ваҳдати миллӣ (соли 1997) навишта шудаанд.

Суруд дар вазни шашзарбаии рақсии тоҷикӣ – уфар, дар жанри суруди рақсии идона, бар васфи ба даст овардани сулҳу суботи комил меояд. Он шакли дуқисмаи одиро дорад. Даромади созии суруд, дорои оҳанги мустақил аст. Қисмҳои суруд дар мутаносибии рушди ягона қарор гирифтаанд. Хусусияти қисми якуми суруд бо баёни бахши хорӣ алоқаманд аст. Ҳар ду мисраоҳанги аввалро хори чаҳоровоза тасдиқ мекунад:




[3] Назира (ар.) «мисл», «монанд» – шеърест, ки дар пайравии шеъри шоири дигар гуфта мешавад [85, с. 69].

*Мисоли 101. Мисраоҳанги аввал.*

Мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорумро яккахон зимни вокализи хоралӣ месарояд:




*Мисоли 102. Мисраоҳангҳои сонӣ бо вокализ.*

Ду мисраи байти восиларо хори чоровоза иҷро мекунад. Ба ин бахши тагнавозӣ мутобиқ карда шудааст. Дар ду мисраи аввал оркестр ба хати овозӣ унисонӣ ҳамроҳ мешавад. Дар ду хати сонӣ (сеюм ва чорум) ва байти восила оркестр октаваӣ-аккордӣ ва унисонӣ ҳамроҳӣ менамояд.

Кода, ки феълан ҳамон байти восила аст, дар тоналности ним парда боло (e-moll) оғоз мегардад. Ва танҳо дар такрори мисраоҳанги дуюм яккахон ҳамроҳ мешавад. Дар ғулғулаҳои хотимадиҳандаи ҳамҷояи яккахон, хор ва оркестр якбора гузариш ба тоналности мажорӣ (E-dur) ба амал омада, сурудро хотима медиҳад:






*Мисоли 103. Хотимаи тантанавии суруд.*

Суруди *«Ливои мо»* (шеъри Нуриддин Амриддин) дар жанри суруди тантанавӣ барои тенор ва хор навишта шудааст [133]. Ҳарчанде соли эҷоди ин суруд мушаххас нест, лек аниқ аст, ки композитор онро дар даҳсолаи охири ҳаёти худ, давраи ватании фаъолияти эҷодӣ навиштааст.

Шеъри он дар жанри мусаммати мураббаъ[4] дар баҳри *ҳазаҷи мураббаъи солим* эҷод шудааст:

*«Ҷилои асли Ориё,*

*Нишони васли Ориё.*

*Камоли насли Ориё,*

*Ливои мо, Ливои мо»* [133, с. 8].

v - - - / v - - -

*мафоъӣлун / мафоъӣлун*

Бамаврид аст, хотиррасон бикунем, ки «маънии луғавии калимаи «ҳазаҷ» – «овози хуш», «суруд», «хушоянд» аст» [84 II, с. 716]. Адабиётшиносони тоҷик қайд мекунанд: «ҳазаҷ серистеъмолтарин баҳри арӯзи тоҷикист ва шеърҳои дар ин вазн эҷодшуда оҳанги хушу фараҳбахш доранд» [81, с. 84]. Оҳанги Шуҳрат Ашӯров ҳам аз қабили ҳаминҳост.

[4] Бо ин унвон навъи шеъреро меноманд, ки дар банди чаҳормисрагии он дар ҳар банд се мисраи аввали озод ва мисраҳои чаҳоруми ҳамаи бандҳо ҳамқофияанд. Дар натиҷа шеъре бо чунин сохтор ба вуҷуд меояд: аааб, вввб, гггб... [81, с. 400].

Муқаддимаи созии суруд ҳаҷман калон аст. Он бо ибтидои фанфаравӣ оғоз мегардад. Ибтидои фанфаравӣ функсияи муқаддима ба муқаддимаи созиро иҷро менамояд. Оҳанги фанфаравӣ дар ду мизони аввалӣ – яковоза ва дар чаҳор мизони баъдӣ – аккордӣ-октаваӣ баён гардидааст. Тагнавозӣ дар аккордҳои устувору қатъии басӣ пешниҳод мешавад:




*Мисоли 104. Муқаддимаи фанфаравӣ.*

Оҳанги асосии муқаддимаи созӣ аввал ба таври яковоза хеле равшану бурро пешниҳод гардида, ҷо-ҷо ба дуовоза табдил ёфтааст:




*Мисоли 105. Оҳанги муқаддимаи созӣ.*

Дар такрор оҳанги он се-чаҳоровоза баён мегардад:



*Мисоли 106. Оҳанги муқаддима дар баёни аккордӣ.*

Чунин корбарӣ онро дорои рушди ягона мекунад. Хати рушди ягонаи онро композитор бештар тавассути услуби баён (фактура) таъмин намудааст. Аз диди драматургӣ дар рафти муқаддима шартан се давраи рушд мушоҳида карда мешавад: оғози фанфарӣ (1), периоди якум дар баёни яковоза (2), периоди дуюми такрорӣ дар баёни чаҳоровоза (3).

Дар таъмини рушди ягона омили дигаре низ ҷо дорад. Он бо услуби баён алоқаманд аст: ҳам дар оҳанги фанфаравӣ ва ҳам дар оҳанги асосии муқаддимаи созӣ композитор аз як принсип истифода мебарад. Ӯ баёни оҳангро дар ҳарду маворид яковоза сар карда, бори дуюм, дар такрори он, оҳангро дар услуби бисёровоза, як октава боло меоварад.

Суруди тантанавии хорӣ сохтори умумии куплетиро дорад. Новобаста ба ин композитор сурудро бо рушди ягонаи динамикӣ таъмин кардааст.

Оҳанги асосии суруд ба монанди муқаддима, аввал яковоза (банди якум) ва баъд дуовоза (банди дуюм) садо медиҳад. Чунин менамояд, ки композитор ин услубро (яковоза → бисёровоза) ҳамчун принсипи асосии баён интихоб кардааст. Аккомпанементи октаваии басӣ тадриҷан аккордӣ шуда, диапазон ҳамеша тамоюли васеъшавӣ ва бахши хорӣ майли зиёдшавии шумораи хатҳои овозиро доранд. Дар умум, ҳама василаҳои ифодавӣ ва композитсионӣ ба ҷараёни динамизатсия ворид гардида, ба кулминатсияи суруд меоваранд. Дар натиҷа, ибораи авҷӣ хеле қатъӣ садо медиҳад:




*Мисоли 107. Мисраоҳанги авҷӣ.*

Инак, композитор то хотимаи суруд василаҳоеро истифода бурдааст, ки кулминатсияи маҳаллиро бошукуҳ фатҳ намояд ва рушди минбаъдаро таъмин созад. Ин василаҳо чунинанд:

1) тадриҷан аз яковоза ба бисёровоза табдил гардидани бахши овозӣ;

2) замшавии иборaҳо (1+1+2);

3) ворид кардани оҳанбандакҳои мобайнии болораванда ва пайваста иваз кардани онҳо:

а) баъди мисраоҳангҳои якум ва дуюм:



б) баъди мисраоҳанги сеюм:



в) баъди мисраоҳанги чаҳорум:



*Мисоли 108. Ивазшавии оҳангбандакҳо.*

4) зиёдшавии шумораи хатҳои оҳангӣ дар аккомпанемент:

а) аввали муқаддимаи созӣ:



б) сонии муқаддимаи созӣ:



в) байни мисраоҳанги сеюм ва чаҳорум:



*Мисоли 109. Ивазшавии аккомпанемент.*

5) таҳкимбахшии пайвастаи ибораҳои оҳангӣ, ки якҷоя бо зарби триолии оҳангбандакҳои баъдӣ динамикаи ҷараёнро фузунтар мегардонанд:

а) дар муқаддимаи созӣ:



б) мисраоҳанги дуюми нақарот:



в) мисраоҳанги кулминатсионӣ:



*Мисоли 110. Таҳкимбахшии бораҳои аввалӣ.*

Бо чунин таҳҷизоти рушди драматургӣ ӯ ба кода наздик шуда, дар кода матни дигари шеъриро истифода мебарад (6). Он дар баҳри *рамали мусаммани музаффои мусаббағ* навишта шудааст. Сохтори он чунин аст:

*«Парчами мо шуълаи нури ниёгон аст,*

*Офтоби парфишони давру даврон аст.*

*Тоҷикситон каъбаи иқболу бахти мост,*

*Кишвару имону армон аст»* [133, с. 8]

\- v - - / - v - - / - v - - / ~

*фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъ*

Ивазшавии баҳри шеър эҳтимол бо таъкиди функсияи хотимавии кода алоқаманд аст. Ба кода хотимабанди вокализӣ илова шудааст.

Аз рӯи мантиқи композитсионӣ-драматургӣ суруди «Ливои мо» кода – мадҳияест бар васфи ливои Тоҷикистон. Бинобар ин, бар замми иваз кардани баҳри шеърӣ дар он, такрори онро ҳам композитор зарур шуморидааст. Дар сохтори композитсионии суруд мутаносибии симметрии сохторӣ байни муқаддимаи созӣ ва кода мушоҳида мешавад:

мукаддимаи созӣ: $a$ + b b[1]
6 8 + 8

Coda: e e[1] f
8 + 8 + 6

Ва ниҳоят, онро бояд қайд кард, ки композитор барои кодаро ба банди авҷи асосии суруд табдил додан мекӯшад. Кулминатсияи якум, ки ба аввали кода рост омад, навъи кулминатсияи қуллаи авҷӣ аст. Мувофиқи радабандии мусиқишиноси маъруфи советӣ «ин гунаи кулминатсия ба нуқтаи буриши тиллоии композитсия рост меояд». [54, с. 92]. Ин ҷо ҳамин хусусият дида мешавад. Ва он навъи кулминатсияи маҳаллӣ маҳсуб меёбад.

«Дар радабандии ҳамон мусиқишинос навъи сеюми кулминатсия – қуллаи уфуқӣ ном гирифта шудааст. Ин навъи кулминатсияро ӯ бештар хосси жанрҳои вокалӣ мешуморад: қуллаи уфуқӣ одатан бо савти бузургдеранди хеле қавӣ (аз ҷиҳати лаҳнӣ аксаран тоника – *муаллиф*) ва регистри болоӣ зоҳир мешавад. Ба он дуршавии тадриҷӣ зимни тагнавозии оркестрӣ хос аст» [54, с. 92]. Айнан ҳамин хусусияти шарҳи мазкур дар хотимабанди вокализии кодаи суруди «Ливои мо» дида мешавад. Барои ба даст овардани ин гунаи кулминатсияи суруд композитор дар кодаи суруди «Ливои мо» бисёр талош кардааст. Аз ин бармеояд, ки ворид кардани кода ба суруд тасодуфӣ нест. Онро композитор бо ҳадафи драматургӣ пайвастааст.

Ва ниҳоят, барои расидан ба ин ҳадаф композитор дар баробари идома додани василаҳои фавқуззикр, воситаҳои дигарро, аз ҷумла, бузургтар кардани деранд (ҳаштякӣ ба чаҳорякӣ), ки суръати кодаро «сусттар» кардааст (7) ва гузариш ба лаҳни мажориро (8) муносиб истифода бурдааст:




*Мисоли 111. Гузариш ба мажор.*

Хулоса, ҳамаи иқдомҳои фавқуззикр баҳри мантиқи композитсионӣ ичро шудаанд.

Суруди «Ливои мо» яке аз сурудҳои ватанпарастӣ аст. Композитор Шуҳрат Ашӯров ба ин жанри суруд дар эҷодиёти худ хеле зиёд таваҷҷуҳ мекунад. Хусусан, ин дар давраи дуюми эҷодиёти композитор – давраи ватанӣ, мушоҳида карда мешавад. Метавон гуфт, ки композитор Шуҳрат Ашӯров дар ин жанри вокалӣ таҷрибаи бузург пайдо карда буд. Бар замми чунин таҷриба ӯ дониши мукаммале дошт оид ба хор ва оркестр. Аз ин рӯ, дар суруд садодиҳии хуби хор ва оркестр ҷо дорад.

Шахси зиндадил Шуҳрат Ашӯров ҳамеша дар робита бо шоирони ҳамзамонаш ҳамкорӣ мекард. Ба ин васила ӯ ба жанри суруди ватанпарастӣ имкони ворид кардани мазмуни навтаринро пайдо мекард. Гӯё, ки тавассути сурудҳои ватанпарастӣ композитор ҳамқадами замон гардида, касро ба сӯи равшанӣ равон месозад. Суруди «Ливои мо» бо мазмуни баланду муосири худ аз як тараф ва бо ҳалли композитсионии моҳирона аз тарафи дигар, репертуари хори консертиро арзишмандона пурра мегардонад.

Суруди *«Оли Сомон»* (Allegro) бар шеъри Нуриддин Амриддин барои солист-тенор ва хори панҷовоза эҷод шудааст [128].

Жанри суруд – суруди лирикӣ, сохтори он – дуқисмаи одӣ аст.

Даромади созӣ дар шакли период бо оҳанги дорои тамоюли болораванда, тагнавозии бештар октаваӣ баён гардидааст:



*Мисоли 112. Даромади созӣ.*

Рушди ягонаро дар даромади созӣ композитор ба воситаи баён, васеъшавии регистрӣ, асоси зарбӣ ба даст меоварад.

Қисми якуми суруд шакли периоди такроршавандаро дорад. Ҷумлаи дуюми он бо ҳаҷми васеътар, оҳанги рушдиҳанда, регистри болотар, дуовоза, бо хор (баъди яковозагии ҷумлаи якум дар иҷрои тенор) пешниҳод гардида, ҷумлаи якумро рушд медиҳад. Бо ҳамаи ин хусусиятҳо аз ҷиҳати динамикӣ ҷумлаи дуюм фаъолтар аст.

Оҳанги суруд аз пешмизон бо ҷаҳиши болоравандаи квартоӣ оғоз гардида, тамоюли болоравандагии худро то охири қисми якум ҳифз менамояд:




*Мисоли 113. Оҳанги асосӣ.*

Ин таҷассуми серғайратию тавоноӣ аст.

Агар оҳангбандаки мобайни ҷумлаҳо поёнраванда бошад, оҳангбандаки байни қисмҳо ба васеъшавии регистрӣ равона карда шудааст: овози болоӣ ба тарафи боло ва овози поёнӣ ба самти октаваи поён равона шуда, регистри бахши тагнавозиро якбора ба панҷ октава мерасонад. Зимни он регистри бахши хорӣ низ то се октава васеъ мегардад. Қисми дуюм банди авҷии суруд аст. Ин ҳудуди регистриро банди авҷӣ то охир нигоҳ медорад. Бахши овозии суруд яковоза оғоз гардида, дар қисми дуюм ба дуовоза, дар авҷ ва Coda ба чаҳоровоза мубаддал мегардад. Аз ин лиҳоз ҳам мантиқи композитсионии суруд хеле саҳеҳ аст.

Дар сохтори композитсионӣ-драматургии суруд қисми дуюм вазифаи банди авҷӣ ва Кода – хотимаи авҷиро иҷро кардаанд. Банди авҷии суруд ин мадҳияест бар васфи Ватан. Суханҳои банди авҷӣ – беҳтарин ва самимияттарин суханҳо дар васфи Ватан мебошанд:

*«Эй Ватан, ҷонон Ватан,*

*Бахти ман иқболи ман.*

*Гулшани сарсабзи армонам,*

*Эй Ватан, ҷонон Ватан.*

*Шаҳпари ман, боли ман,*

*Эй давоми Оли Сомонам»* [128, с. 5].

Мусиқӣ бо ин суханҳо чунон тавъам омадааст, ки кас ҷудо ва аз тарафи шахсони гуногун (шоир ва композитор) эҷод шудани онҳоро фаромӯш мекунад.

Аз оғози қисми дуюм композитор аз услуби маршӣ даст кашида, ба услуби мутантани хоралӣ мегузарад. Дар банди авҷӣ зимни услуби хорал хати басӣ хати мелодии пайвастаи бетаваққуфи октаваии ҳаштякиҳоро ташкил карда, хеле фаъол мешавад. Он ба тарзи занҷираки октаваӣ дар регистри поёнӣ хеле ҷолиб садо додааст:




*Мисоли 114. Банди авҷӣ.*

Композитор дар регистри болотарин оҳанги банди авҷии сурудро ҷо карда, тавассути мусиқӣ самимияти суханҳоро дахчанд зиёд намудааст. Зимни он дар бахши овозӣ ва болоии тагнавозӣ хусусиятҳои аслии хорал хеле муносиб истифода бурда шудаанд. Банди хати авҷии суруд ду бор такрор мешавад. Оҳанги он дар самти поёнравандаи пайиҳамии хроматикӣ дар самти VIII – VI – S – $D_7$ хеле зебо баромадааст.

Кодаи суруд дар шакли вокализ қарор мегирад. Ин интихоби композитор хеле бамантиқ аст, зеро ки баъди суханҳои волои кулминатсияи суруд чизе гуфтан мушкил аст. Оҳанги поёнравандаи Coda бо тобишҳои интонатсионии дорӣ-эолӣ ҷило дода, якбора бо ҷаҳиш ба тоникаи болоии мажорӣ расида, хотима меёбад.

Агар функсияи тоникии ибтидо ва интиҳоро ба назар гирем, оҳанги поёнравандаи кодаро зимни як функсияи тоникӣ қабул мекунем. Байни «фа» -и ибтидо ва «фа»-и интиҳои кода танҳо як фарқият вуҷуд дорад, ин фарқияти лаҳнӣ аст: он аз минор ба мажор табдил меёбад, ки ин рамзи роҳест ба сӯи равшанӣ.

Ба андешаи мо он низ тасодуфӣ нест, ки худи авҷ-хорал низ аз фа-минорӣ оғоз мегардад. Ин маънои онро дорад, ки композитор «роҳ ба сӯи равшанӣ»-ро ҳамчун ҳадафи асосӣ аз ибтидои банди авҷӣ ба ӯҳда гирифта аст. Фаъол гардонидани хати басии октавагӣ дар авҷи хорал бо ҳадафи драматургии композитсия вобаста аст. Дар Coda баси фаъолгардидаи октаваии ҳаштякӣ ба баси таъкидии октаваии чаҳорякӣ табдил ёфта, бо тремолои тоникии басӣ ба анҷом мерасад. Чунин рушд додани оҳанг мусиқиро хеле мутантан гардонидааст.

Дар суруди «Оли Сомон» композитор ба драматургияи хеле мавзуни асари мусиқӣ ноил мегардад, ки ин аз дараҷаи олии маҳорати устодонаи ӯ мебошад.

Суруди *«Ориёи ман»* (Allegro pio mosso) бар шеъри Низом Қосим соли 2014 навишта шудааст [147]. Шеър аз чаҳор банди чаҳормисрагӣ иборат аст. Ҳар банд бо ибораи «Эй, Ориёи ман!» анҷом меёбад, ки он ниммисраи панҷумро ба вуҷуд меоварад:




*Мисоли 115. Мисраоҳанги суруд.*

Шеър дар жанри мусаммати мураббаъ эҷод шудааст. Он сохтори *aaab*-ро дорад. «Мусаммат калимаи арабист, маънои луғавиаш ба ришта кашидани марворид аст» [81, с. 400]. Композитор дар асоси мисраи панҷум (ки дар асл ниммисраъ аст) як рубоии нав тартиб дода, онро ба ҳайси нақароти суруд истифода бурдааст.

*«Эй Ориёи ман, Эй Ориёи ман!*

*Эй олами пур аз сафои ман!*

*Эй Ориёи ман, Эй Ориёи ман!*

*Эй Ориёи ман, Эй Ориёи ман!»* [147, с. 6]

Бо ин васила композитор шеъри шоирро ҳаҷман ду маротиба бузургтар карда, сохтори умумии сурудро ба куплетӣ табдил додааст. Зери ин амали композитор ду омил ҷо дорад: аввал ин, ки композитор мазмуни асосии шеърро дар ибораи ифтихорманди «Эй, Ориёи ман!» мебинад ва онро васф мекунад. Ватани таърихии худро, ки имрӯз вуҷуд надорад, суруда, парастиш менамояд. Талоши композитор чунон тавоно аст, ки ниммисраи шоир дар талқини ӯ ба чаҳор мисраи шеърӣ табдил ёфтааст. Омили дуюм бо мақсади мавзунтар гардонидани композитсияи суруд алоқаманд аст. Маълум аст, ки сохтори куплетӣ бештар ба сароиши яккаву хорӣ (куплет яккахон, нақарот хор) майл дорад. Чунин сохтори композитсионӣ дар умум статикӣ аст. Вале композитор ин чаҳормисрагии навро дар суруд ба ҳайси нақарот истифода

бурда, минтақаи пешавҷиро хеле динамикӣ карда, онро дар нуқтаи авҷии композитсияи суруд ҷо кардааст.

Қисмҳои таркибии даромади созӣ ва қисми асосии суруд (дуқисмаи одӣ) дар лаҳни асосӣ d-moll қарор ёфтаанд. Хотимаи суруд (Coda) дар лаҳни es-moll хеле мутантан баромада, дар охир ба тоналности ҳамноми мажорӣ (Es-dur) гузаштааст. Фактура (бофт)-и суруд аз гунаи гомофонӣ-гармонӣ аст ва он дар ин рафт вазифаи таҳкурсии ҷараёнро мебозад.

Суруди *«Таджикский геолог»* барои сопрано ва хор дар жанри суруди маршӣ навишта шудааст [155]. Суруд сохтори дуқисма, муқаддимаи созӣ ва кода дорад.

Муқаддимаи созӣ дорои бофти аккордӣ-октавӣ, зарби пунктирӣ ва хати октаваии қавии басӣ аст:



*Мисоли 116. Муқаддимаи созӣ.*

Қисми якум дар шакли периоди одӣ иборат аз ду ҷумла эҷод шуда, дар доминанта ба анҷом мерасад. Бахши овозии яковоза (ҷумлаи якум) дар охири ҷумлаи дуюм ба дуовоза табдил меёбад:




*Мисоли 117. Аввали оҳанги асосӣ.*






*Мисоли 118. Охири оҳанги асосӣ.*

Аввали қисми дуюми суруд ба кулминатсияи маҳаллии асар рост омада, чаҳор ибораоҳангро дар бар мегирад. Ибораоҳангҳои якум ва дуюм аз ҷаҳишҳои оҳангӣ-интонатсионӣ (секстоӣ ва квартоӣ) оғоз мегарданд. Иборaи сеюм нақши авҷи ҷумлаи кулминатсионӣ ва иборaи чаҳорум хотимаи он ҷумларо мебозанд. Барои устувор гардонидани мавқеи авҷӣ ва хотимавӣ композитор онҳоро бори дигар такрор меоварад.

Кулминатсияи асосии суруд дар хотимаи асар, дар кода ҷо дода шудааст. Дар кода як байти шеърӣ истифода бурда мешавад. Кулминатсияи асар аз навъи қуллаи уфуқӣ аст.

Дар хотимабанди кода лаҳни асосии суруд (d-moll) ба D-dur табдил ёфта, сурудро анҷом медиҳад:




*Мисоли 119. Кулминатсияи суруд.*

Ин гузаришро композитор Ашӯров дар асарҳояш хеле зиёд истифода бурда, онро ҳамчун ҳаракат ба сӯи равшанӣ талқин медиҳад.

Суруди *«Тоҷикистон»* (Allegro maestoso) бар шеъри Мирзо Файзалӣ барои сопрано, хор ва фортепиано навишта шудааст [155]. Дар умум суруд характери марширо дорад. Ба ин, албатта, қабл аз ҳама вазни дузарбаии пунктирии суруд мусоидат менамояд:



Суруд бо муқаддимаи созӣ дар шакли период оғоз мегардад. Ба оҳанги он пешмизон ва зарби пунктирӣ хос аст:



*Мисоли 120. Муқаддимаи созӣ.*

Матни шеърии ин суруд дар жанри шеърии чаҳорпора, ки намунаи онро дар эҷодиёти шоирони асри X пайдо кардаанд, мансуб аст. Дар асри XX муроҷиат ба ин жанр авҷ гирифт ва он дар назми давраи шӯравӣ мавқеи намоёнро ишғол намуд. Дар адабиётшиносӣ қайд кардаанд «шаклҳои *аааа* ва *bbba*-и онро дар мураббаи классикӣ ва сохторҳои *abab, abba, aaba,* инчунин, *abcb* ва *aabb*-ро дар чаҳорпораи муосир» [85; 81; 11] вомехуранд.

Сохтори шеъри суруд чунин аст: *aaba*. Ин сохтори хоссаи жанри шеърӣ дар суруд нигоҳ дошта шудааст. Шеъри мазкур дар баҳри *рамали мураббаи солим* эҷод шудааст:

«*Сарзамини тоҷдорон,*
*Кишвари ваҳдатшиорон!*
Ҷаннате дар рӯи дунё,
Гулшани доимбаҳорон» [123, с. 7].

- v - - / - v - -

*фоъилотун / фоъилотун*

Вале дар шакли умумии суруд композитор жанри адабии классикии тоҷикро бо сохтори куплетии мусиқии аврупоиасос омехта, дар умум характери статикии куплетиро дар драматургияи рушди ягонаи динамикӣ бо истифода аз якчанд васила пешниҳод намудааст:

– нақарот баъди на ҳар як куплет, балки ҳар ду куплет меояд;

– куплетҳои пайиҳам такрори айнани якдигар нестанд, ҳарчанде дар оҳангҳои онҳо баъзе умумият дида мешавад;
– суруд барои яккахон ва хор навишта шудааст ва гузариш аз яккахон ба хор тадриҷӣ аст: куплети якум – яковоза, куплети дуюм – яковозаву дуовоза, нақарот – чаҳоровоза;
– баён тадриҷан аз яковоза ба бисёровоза табдил меёбад;
– кулминатсияи суруд ба навъи қуллаи уфуқӣ рост меояд;
– дар суруд васеъшавии тадриҷи (аз секста то детсима)-и диапазони оҳангӣ мушоҳида карда мешавад;
– ба авҷ рост омадани нақарот нишондоди мантиқи композитсионист;
– хати тоналии суруд: d-moll – D-dur – ҳаракатест ба сӯи равшанӣ.

Суруди *«Эй, мулки ҷовидонӣ!»* (шеъри Низом Қосим) барои бас, хори чаҳоровоза ва фортепиано навишта шудааст [154]. Он шакли дуқисмаи одиро дорад. Суруд бо муқаддимаи созии мутантан дар шакли периоди одии ғайримурабба дар лаҳни d-moll оғоз меёбад:




*Мисоли 121. Муқаддимаи созӣ. Ибтидо.*

Муқаддима гомофонӣ-гармонӣ бо баёни октаваии хати оҳангӣ ва баёни октавай-аккордии тагнавозӣ хеле равшан зоҳир гардидааст. Ибораи якуми муқаддимаи созӣ тавассути ҳалқачаи дуюми секвенсионӣ ду маротиб афзудааст. Вазни мураккаби шашзарбаии муқаддима ду хел тақсим шудааст:

1) 

2) 

*Мисоли 122. Гунаҳои зарби муқаддима.*

Матни шеърии ин суруд ба жанри чаҳорпора мансуб аст. Он дорои сохтори *aaba* аст. Сохтори хоссаи жанри шеърӣ дар суруд нигоҳ дошта мешавад. Шеъри мазкур дар баҳри *мутадорики мусаддаси аҳаззи мақсур* аст: «мутадорик калимаи арабист, маънои луғавиаш дарёфтан, дарак додан, пайвастан аст» [81, с. 104].

*«Номи ту тоҷбор аст,*

*Халқи ту тоҷдор аст.*

*Пайкори ту ҳама кор,*

*Кори ту пурбарор аст»* [119, с. 4].

- v - / - v - / ~

*фоъилун / фоъилун / фоъ*

Қисми якум мисраоҳангҳои болоравандаро дар бар мегирад. Ҳамаи ибораҳову ҷумлаҳои қисми якум бо оҳангбандакҳо пайваст шудаанд. Агар ду оҳангбандаки аввал яковоза бошанд, дутои охирӣ – болоравандаи октавоианд:



1)



2)



3)



4)

*Мисоли 123. Оҳангбандакҳо дар қисми якум.*

Оғози қисми дуюм, периоди одии сохтори такрорӣ, дар композитсия нақши навъи кулминатсияи қуллаи авҷӣ-ро иҷро мекунад. Он аз хори сеовоза сар шуда, ба хори чаҳоровоза табдил ёфта, унсурҳои секвенсионии рушдро истифода мебарад. Қисми авҷӣ феълан такрори банди пешина аст. Такрори

он дар минтақаи авҷӣ огаҳона, бахри таҳким бахшидан, ба амал оварда шудааст. Дар баробари хусусиятҳои номбурда, композитор аз як василаи дигар низ ин ҷо истифода бурдааст – як мотиви таъкидии болораванда ҳамчун зеровоз ба тагнавозии оркестрӣ дар охири ибораи авҷӣ ворид карда шудааст. Бахри хеле саҳеҳу равшан садо додани ибораи авҷии «Эй, мулки ҷовидонӣ!» композитор онро дар мусиқӣ ба ғайр аз таъкиди ифодаи оҳангӣ аз ду тараф бо оҳангбандакҳои болоӣ ҷудо мекунад:




*Мисоли 124. Мисраоҳанги якуми авҷӣ.*

Хотимаи суруд дар услуби ба композитор Шӯҳрат Ашӯров хос қарор мегирад: тоникаи минорӣ ба мажорӣ табдил меёбад.

Ҳарчанде суруд барои соло бас ва хори чаҳоровоза навишта шуда бошад ҳам, дар тули суруд хор ҳамеша чаҳоровоза нест. Он аз хори дуовоза сар шуда, тадриҷан ба сеовоза табдил ёфта, танҳо дар авҷ ба чаҳоровоза мерасад:




*Мисоли 125. Мисраоҳанги дуюми авҷӣ.*

Дар тули суруд зимни октаваҳои басии хеле устувор, фаъолшавӣ ва фарохгардонии бофти мусиқӣ ҳамеша ҷо дорад. Дар рафти хати драматургӣ баёни яковоза ба дуовоза, сеовоза ва беш аз он табдил меёбад.

Лаҳни асосии суруд d-moll аст. Композитор бо истифода аз услуби дӯстдоштаи худ ин лаҳнро дар кода ба лаҳни мажории ҳамном гузаронда, сурудро хотима медиҳад.

## 3.4. Сурудҳои хорӣ

Суруди «Ватан» (шеъри Саидҷон Урокӣ) – суруди хории чоровоза, дар тоналности f-moll ба сохтори сеқисмаи одӣ дар жанри суруди маршӣ таълиф шудааст [135].

Сохтори муқаддимаи созӣ периоди одии такрории мураббаъро дорад. Ду ҷумлаи он ба якдигар бо оҳангбандаки болоравандаи триолӣ пайваст шудаанд. Дар рушди оҳанги муқаддима унсурҳои секвенсионӣ дида мешаванд. Ҳарчанде оҳанги муқаддима аз оҳанги суруд айнан гирифта нашуда бошад ҳам, аз ҷиҳати чорзарбаии пунктирии маршӣ, баёни аккордӣ-октавай ва зебоии оҳангӣ, пешомади оҳанги асосӣ аст:




*Мисоли 126. Ибтидои муқаддимаи созӣ*

Он аз оҳанги зебои суруд шаҳодат медиҳад. Суруд дорои ибораҳои оҳангии хеле дилнишин аст. Оҳанги асосии қисми якуми суруд дар пентахорди поёнии f-moll сохта шудааст. Композитор хеле моҳирона неруи оҳангии пентахордро нишон медиҳад, ки он ба таври зайл аст: мисраоҳанги якум бо ҷаҳиши квинтоӣ дар садоҳои канории пентахорд оғоз гардида, дар мисраоҳанги дуюм тавассути дараҷаҳои дохилӣ «пур» карда шудааст. Мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорум пурра дар дараҷаҳои дохилӣ асос меёбанд, дараҷаҳои канорӣ дар ибтидо ва охири онҳо омадаанд.

Оҳанги қисми дуюм аз дараҷаҳои болоии пентахорди лаҳнӣ оғоз гардида, дар охир ба пентахорди поёнӣ ворид мегардад. Он дорои оҳанги рушддиҳандаи пешбаранда аст.

Оҳанги қисми сеюм бо ҷаҳиши квартоии болораванда оғоз гардида, сипас, ҳамеша болораванда қарор мегирад. Инъикоси фатҳи баланд қадам ба қадам ба воситаи ҷаҳишҳои пайиҳамӣ ба амал омада, ҳар дафъа майдони садоии бахши овозӣ ва тагнавозиро васеътар менамояд. Ин ҷараён дар охири суруд, дар кода, ба лаҳни мажорӣ (F-dur) мерасонад.

Ҳамин тавр, композитор дар драматургияи ин суруд василаеро истифода бурдааст, ки хеле ҷолиб аст. Ҳар қисми суруд нисбат ба якдигар дар сатҳи баландтари регистрӣ ҷой гирифта, рушди тадриҷии Ватанро таҷассум менамояд. Анҷом ёфтани суруд бо лаҳни мажорӣ маънои парастиши Ватан – парастиши равшаниро дорад. Кулминатсияи суруд ба банди авҷии суруд – Coda рост омадааст ва ба навъи кулминатсияи «қуллаи авҷӣ» тааллуқ дошта, ба нуқтаи бурриши тиллоии композитсия рост меояд.

Композитор Шуҳрат Ашӯров дар ин кулминатсия хоралро ҷо кардааст, ки он диққатҷалбкунанда аст: хати ягонаи драматургии ҳамеша болораванда ва ҳамеша зиёдшаванда дар хорал дар як майдони садоӣ қарор мегирад (1), матни шеърӣ партофта мешавад (2), он навъи вокализ аст (3). Ҳамаи ин хусусиятҳои хорал, ки дар шарҳи мусиқишиноси маъруф Л.Мазел оварда шудаанд, ин ҷо ҷой доранд ва сурудро ба суруди волои васфӣ табдил медиҳанд [54, с. 92]. Талқини кода бо истифодаи услуби хоралӣ онро мукаммалу пуршукуҳ мегардонад:




*Мисоли 127. Аккордҳои охирини кода-хорал.*

Хорал ин ҷо мадҳия аст бар васфи Ватан. Аз ин рӯ, жанри ин сурудро суруд-мадҳияи маршӣ муайян кардан дурусттар аст. Дар рафти хати драматургӣ композитор аз василаҳое корбарӣ намудааст, ки хеле ҷолибанд:

– сурудро аввал яковоза, сониян, дуовоза, сеовоза ва дар охир ба чаҳоровоза табдил медиҳад;

– оҳанги асосии сурудро аз ибтидо (қисми якум) бо ҷаҳишҳои болораванда (квинтоӣ, терсияӣ) оғоз карда, ба ин ҷаҳишҳо калимаи «Ватан»-ро рост меоварад:




*Мисоли 128. Калимаи «Ватан» дар ҷаҳиши квинтоӣ ва терсияӣ. (Қ.1).*

– дар қисми дуюм ба баёни дуовозагӣ-детсимаӣ гузашта, ҳар ибораро бо ҷаҳиши болоравандаи терсияӣ ва калимаи «Ватан» оғоз мекунад:




*Мисоли 129. Калимаи «Ватан» дар ҷаҳиши терсиягӣ. (Қ.2).*

– дар қисми сеюм калимаи «Ватан» ба ҷаҳиши квартой (дар сопрано ва тенор), баёни се-чоровоза, самти болораванда рост омадааст:




*Мисоли 130. Калимаи «Ватан» дар ҷаҳиши квартой. (Қ.3).*

– дар мисраоҳанги дуюми қисми сеюм хор баёни чоровозаи устуворро соҳиб мегардад, ба навъи гармонии лаҳни минорӣ мегузарад:




*Мисоли 131. Баёни чоровозаи хорӣ. (Қ.4).*

Аз ин бармеояд, ки ҷараёни тадриҷии воридшавии овозҳои оҳангӣ нерӯмандгардонии Ватанро бо рушди тадриҷии он нишон медиҳад. Ба навбат зиёд гардидани шумораи хатҳои овозӣ барои композитор Шуҳрат Ашӯров як унсури композитсионӣ-драматургиест, ки ба воситаи он рушди ягонаву пайвастаи тембриро ба даст меоварад. Зарурати он барои таҳким бахшидани

хати драматургии ягона ба миён омада аст. Бо ин услуб рушд додани ҷараёни умумии композитсионӣ ва дар охир ҷо кардани кулминатсия дар кодаи суруд ҳадафи асосӣ аст. Ва чунин ҳалли драматургии суруд барои композитор айни муддаост.

Суруди хории *«Ватан»* **(**шеъри М. Турсунзода) барои хори чоровоза навишта шудааст. Ин суруд дар ду шакл – ҳам клавир бо қайди «соли 1981» ва ҳам партитура дар шакли дастнавис вуҷуд дорад [154] Аз ин маълум мешавад, ки композитор сурудро дар давраи аввали фаъолияти эҷодӣ, солҳои таҳсил дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон, навиштааст. Тибқи фаҳмиши давру замон композитор асари худро дар жанри суруди хорӣ-маршии шуравӣ бар шеъри шоири шуравӣ Мирзо Турсунзода эҷод кардааст. Сабаб ва замони пайдоиши варианти дуюми суруд маълум нашуд. Вале ин маълумот далели он аст, ки мавзуи Ватан ва ватанпарастӣ аз овони ҷавонӣ дар қалби Шуҳрат Ашӯров ҷо гирифта буд.

Сохтори суруд дуқисмаи одӣ бо муқаддимаи созӣ ва кода навишта шудааст. Вазни чорзарбаии он аз ибтидо то охири суруд бо зарби пунктирӣ ва триолӣ пешниҳод мегардад. Суруд дар ибтидо бо унисон оғоз шуда, дар ҷараёни суруд ба чаҳоровоза табдил меёбад.

Ин хор дорои муқаддимаи созист. Дар он тавассути партияи басии октаваии ҳамеша таъкидӣ, ифодаи характери тантанавии жанри марш дучанд меафзояд:



*Мисоли 132. Муқаддимаи созӣ.*

Оҳанги асосии суруд дар лаҳни табиии ми-минор бо зарби пунктирии маршӣ дар пайиҳамии дараҷаӣ ва устувории тоникӣ сохта шудааст:




*Мисоли 133. Оҳанги асосӣ.*

Овози болоии аккомпанемент оҳанги асосиро (бо бахши овозӣ) унисонӣ мегузаронад. Чаҳор мисраи қисми якум бо оҳангбандакҳо ба якдигар пайваст шудаанд.

Ҷумлаи дуюми суруд аз миёнпардаи лаҳни асосӣ оғоз гардида, дар тоника анҷом меёбад. Ҷумлаи якуми қисми дуюм – авҷи суруд аст. Баъди фатҳи вусъати садоии қариб дуоктаваӣ, оҳанг тавассути миёнпарда ба пардаи асосӣ бармегардад. Фароварди он (ҷумлаи дуюм) такрори миёнхати суруд (ҷумлаи дуюми қисми якум) аст.

Лаҳни асосии суруд e-moll бештар дар шакли табиӣ бо тобишҳои лаҳнии дорӣ ва фригӣ серрангтар мегардад.

Сурудро кода бо ибораи шеърии «Ҷонон Ватан!», ки такроршаванда аст, хотима медиҳад. Кодаи хурдакак аз лиҳози асоси лаҳнӣ хеле ҷасур ва серранг пешниҳод гардидааст. Дар он тавассути тоналности субдоминантӣ занҷираки секвенсионӣ истифода шуда, ба доминанта гузариш ба амал оварда, бо такрори дубораи он ин гузаришро устувор мегардонад ва ниҳоят дар охир бо ин тоналности равшан асарро хотима медиҳад.

Дар ин асари хорӣ дар баробари хори чаҳоровоза, тагнавозии оркестри симфонӣ хеле пуршукӯҳ, мутантан, бисёровоза (то шашовоза), зерхатҳои овозии хеле фаъол, ҳамешагии хати басии октаваӣ, бо оҳангбандакҳои фаъоли набзӣ дар баёни гомофонӣ-гармонӣ омадааст.

Суруди *«Духтари Ватан»* (шеъри Низом Қосим) барои хори занона ва фортепиано навишта шудааст [155]. Жанри ин суруд – суруд-валс мебошад. Ин валси тезсуръат аст.

Суруд бо муқаддимаи созии хеле бузург (42 мизони вазни сезарбаӣ) дар шакли периоди ягонаи ғайримураббаъ навишта шудааст. Ҷумлаи аввал ҳалқачаи занҷираки секвенсионӣ буда, ба таври триолӣ бо таъкиди зарби валсӣ касро ба ҷаҳони хушнудӣ ва ободӣ ворид месозад:



*Мисоли 134. Муқаддимаи созӣ. Ҷумлаи якум.*

Оҳанги ҷумлаи дуюми муқаддимаи созӣ оҳанги хеле зебоест, ки гӯё ниятҳои софу самимии духтари тоҷикро ифода мекунад:



*Мисоли 135. Ҷумлаи дуюми муқаддимаи созӣ.*

Суруд дар сохтори сеқисмаи такрорӣ ($ABA_1$) бо репризаи динамикӣ навишта шудааст. Ҳар се қисми суруд дар шакли период омадаанд. Қисми мобайнӣ тазод нест. Онро ҳамчун қисми мобайнии рушддиҳанда муайян кардан мумкин аст. Ҷумлаи дуюми ҳар қисм ба дараҷаи муайян такрори айнани муқаддимаи созӣ аст (abcbab). Дар ҷараёни динамизатсияи драматургӣ композитор асоси лаҳнии онро низ ба хубӣ истифода бурдааст. Тоналности асосии суруд (g-moll) дар ду қисми аввал ҳукмфармост. Реприза (қисми сеюм) дар тоналности ним парда боло (gis-moll) бо нигаҳдошти лаҳн

пешниҳод гардидааст. Василаи оҳангӣ дар ин ҷараён дар навбати дуюм қарор мегирад. Оҳангҳои қисмҳои якум ва дуюм аз якдигар фарқ мекунанд. Оҳанги қисми сеюм (реприза) танҳо бо тоналност фарққунанда аст.

Бояд қайд кард, ки ба ин ҷараёни динамикӣ даромади созии суруд ҳам ҳамроҳ мебошад, зеро ки қолабу мантиқи композитсионӣ ва рушди хати драматургӣ аз он ибтидо мегиранд. Ва он дар ҳар қисми асосӣ истифода бурда мешавад.

Репризаи динамикӣ ба омадани кулминатсияи асосии суруд, ки дар кода ҷойгир шудааст, мустақим мусоидат мекунад. Кода дар драматургияи суруд як лаҳзаи мазмуниро дар бар гирифтааст. Ин лаҳзаи васф аст, васфи Ватан. Композитор хеле устодона кода-кулмиинатсияи сурудро мутантан ва дурахшон нишон медиҳад. Барои ин ба суруд ӯ лаҳни мажориро дохил карда (1), ибораи «Эй Ватан, Ватан!»-ро зимни сесадои тоникии Gis-dur дар шакли арпеҷиоӣ зимни басҳои октаваии тоникӣ тантанавор бо ҷилои хосса оварда (2), бо тремолои басии тоникӣ сурудро анҷом додааст (3).

Забони оҳангии суруд забони зебои лирикист. Ибораҳои он ҳамеша парвозкунандаанд. Ин валси равшану сабуки илҳомбахш аст. Чунин ҳолати илҳомбахшандаро композитор ба воситаи якчанд хусусиятҳо ба даст овардааст: ибораҳои оҳанги суруд, ҳарчанде дароз нестанд, хеле ҷилодоранд (1); вазни сезарбаӣ дар суруд аз тарафи ҳар ду бахш вокалӣ ва тагнавозӣ бо таъкиди зарби валсӣ таъмин мешавад (2).

Шеъри суруди «Духтари Ватан» дар жанри *рубоӣ* (*ааба*) дар баҳри *ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи аштари маҷбуб* навишта шудааст. «Рубоӣ калимаи арабист, маънои луғавиаш чаҳоргона, чаҳортоӣ буда, аз калимаи арабии арбаъа (чаҳор) гирифта шудааст» [81, с. 363].

*Рӯду ҷӯйи мо туӣ, эй Ватан, Ватан!*

*Обрӯи мо туӣ, эй Ватан, Ватан!*

*Меҳру маҳ туӣ, раҳу ёри раҳ туӣ,*

*Ҷустуҷӯи мо туӣ, эй Ватан, Ватан!*

*- - v / v - v - / - v - / v - -*

*мафъӯлу / мафоъӣлун / фоъилун / фаъал*

Композитор матни шеърро дигар накарда, жанри рубоиро ба жанри мусаммати мухаммас табдил медиҳад:

*«Рӯду ҷӯи мо туӣ, эй Ватан Ватан!*

*Обрӯи мо туӣ, эй Ватан Ватан!*

*Меҳру маҳ туӣ, раҳу ёри раҳ туӣ,*

*Ҷустуҷӯи мо туӣ, эй Ватан Ватан!*

*Ҷустуҷӯи мо туӣ, эй Ватан Ватан!»* [126, с. 7]

Дигар кардани жанри шеър аз тарафи композитор амали огаҳона аст. Ӯ ҳамаи қисмҳои композитсияи сурудро дар ин қолаб офаридааст.

Дар умум муносибати композитор ба ҳалли композитсионии драматургии асар хеле ҷиддӣ баромада аст.

Суруд-валси «Духтари Ватан» – намунаи олии суруди валси лирикӣ мебошад. Он аллакай дар саҳнаҳои расмӣ ва мардумӣ мавқеи сазоворро ишғол намудааст.

Суруди *«Сулҳ»* бар шеъри машҳури Мирзо Турсунзода барои хор ва фортепиано аст. Онро композитор соли 1981, дар давраи донишҷӯӣ эҷод кардааст [155]. Суруд характери маршӣ дошта, бо вуҷуди зарби пунктирӣ, дар вазни чорзарбаии он тобишҳои зарбии триоливу квинтолӣ фаровон истифода бурда шудаанд.

Сохтори композитсионии суруд дуқисмаи одӣ (AB) аст. Ҳар як қисми он периоди одии такрорӣ мебошад.

Жанри шеър ғазал дар васфи сулҳ аст. Маълум аст, ки дар ғазал як маънои мутлақ дар байт ҷой карда мешавад. Композитор низ байтро воҳиди асосии сохторӣ композитсионӣ интихоб кардааст.

Суруд аз даромади созӣ бо рушди секвенсионӣ (занҷираки дуҳалқачадор) ва оҳангбандаки тоникӣ оғоз мегардад:



*Мисоли 136. Муқаддимаи созӣ.*

Тоналности асосии суруд (d-moll) дар муқаддимаи созӣ бо тобишҳои фригӣ ҷило дода, дар тули асар тобишҳои фригӣ ва дориро дар бар мегирад:




а)




б)

*Мисоли 137. Зуҳуроти лаҳнҳои фригӣ ва дорӣ дар оҳанги асосӣ.*

Дар истифодаи лаҳни d-moll, композитор аз шакли гармонии он даст кашида, баёни лаҳнии сурудро бо шакли табиии он маҳдуд гардонидааст. Шояд мантиқ дар он аст, ки лаҳни асосии суруд ре-эолӣ аст. Ба чунин нуқтаи назар он низ мусоидат мекунад, ки дар асоси тоналии суруд такя бештар ба тоника буда, пайиҳамии функсияҳои гармонӣ ба маънои классикӣ риоя нашудаанд (1); дар баробари лаҳни эолӣ дар суруд лаҳнҳои фригӣ ва дорӣ низ ҷо доранд (2).

Банди созии мобайнӣ (интерлюдия) дар композитсияи суруд функсияи пешавҷиро иҷро кардааст. Дар он оҳанг ба таври аккордӣ-октаваӣ ифода меёбад:



*Мисоли 138. Пешавҷ.*

Авҷи суруд ба ибтидои қисми дуюм рост меояд. Тагнавозии созӣ бо баёни аккордӣ-октавай тавассути бандакҳои дохилӣ ҳар дафъа фаъолтар гардонида мешавад.

Суруд бо яке аз мотивҳои триолӣ ҳам дар бахши овозӣ ва ҳам дар тагнавозӣ, ки дар ибтидо дар даромади созии асар садо дода буд, хотима меёбад.

Суруди *«Ҷовидон Тоҷикистон»* (шеъри Гулназар) барои хори чаҳоровоза навишта шудааст [146]. Сохтори суруд сеқисмаи одӣ мебошад.

Асар бо муқаддимаи созии сохтори период хеле ботантана оғоз меёбад. Ду ҷумлаи муқаддима дар ҳамаи унсурҳо аз якдигар хеле фарққунандаанд: асоси жанрӣ (якумӣ – маршӣ, дуюмӣ – валсӣ), баёни оҳангӣ (аввалӣ – фанфарӣ, дуюмӣ – сурудӣ-рақсӣ), вазн (якумӣ – чаҳорзарбай, дуюмӣ – сезарбай), суръат (Andante – Allegretto). Тоналности периоди якуми муқаддима мажорӣ (B-dur) оғоз гардида, оҳиста-оҳиста ба тоналности асосии суруд (g-moll) гузашта дар доминанта хотима меёбад.

Бо чунин тазодӣ муқаддима аз ҷиҳати композитсионӣ бифунсионалӣ талқин дода шуда аст: ҷумлаи аввали он *муқаддима ба асар* аст ва ҷумлаи дуюм – *муқаддима ба қисми якуми* композитсионӣ.

Шеъри суруди *«Ҷовидон Тоҷикистон»* дар як гунаҳои тарҷеъбанд, жанри *тарҷеъбанди мусарраъ* навишта шудааст[5]. Шеъри он тибқи ин жанр дорои бандҳои ааааб, ввввб, ггггб мебошад:

---

[5] Тарҷеъбанд аз ду калима – «тарҷеъ» ва «банд» таркиб ёфтааст. «Маънои калимаи «тарҷеъ» – «такрор» ва маънои «банд» – «қисм» мебошад» [85, с. 113]. Тарҷеъбанд «жанри шеъриест, ки аз якчанд банд иборат аст ва бандҳо ба воситаи *байти восила* ба ҳам пайваст мешаванд» [81, с. 423]. Тарзи қофиябандии бандҳои тарҷеъбанд мисли ғазалу

*«Эй хушо саҳфаи тоза бикшода шуд,*

*Тоҷикистони нав баҳри мо зода шуд.*

*Бар сари сабзи ӯ тоҷ бинҳода шуд,*

*Нозишу фахри авлодӣ озода шуд.*

*Бахти мо Истиқлол! Тахти мо Истиқлол!*

Шеъри шоир чунин шаклро дорад:

*Эй хушо саҳфаи тоза бикшода шуд,*

*Тоҷикистони нав баҳри мо зода шуд»* [146, с. 16].

- v - / - v - / - v - / - v -

*фоъилун / фоъилун / фоъилун / фоъилун*

Дар баҳри *қарибы мусаддаси макфуф* эҷод шудааст.

Сохтори хоссаи жанри тарҷеъбандро композитор дар суруди худ нигоҳ надоштааст. Ӯ ду мисраи шеъриро ба як мисраъ табдил дода, аз чаҳор мисраъ як байтро ба вуҷуд оварда, мисраи дуюми байти пайдошударо такрор меоварад. Байти восиларо ҳамчун мисраи нақаротӣ илова намудааст. Дар натиҷа шеър чунин шакли *аааб*-ро гирифтааст:

*Эй хушо саҳфаи тоза бикшода шуд, Тоҷикистони нав баҳри мо зода шуд.*

*Бар сари сабзи ӯ тоҷ бинҳода шуд, нозишу фахри авлодӣ озода шуд.*

*Бар сари сабзи ӯ тоҷ бинҳода шуд, нозишу фахри авлодӣ озода шуд*

*Бахти мо Истиқлол! Тахти мо Истиқлол!*

Бо ин шакл онро композитор ба жанри шеърии мусаммати мураббаъ (аааб, вввб, гггб...) табдил додааст. Байти шеърии мусаммати мураббаъро, ки шакли аааб...-ро дорад, композитор ҳамчун банди композитсионии суруд истифода бурдааст.

---

қасида – аа, ба, ва, га... қарор мегирад. «Фарқият дар он аст, ки воҳиди сохторӣ дар ғазалу қасида байт аст» [81, с. 426], дар тарҷеъбанд – банд (на кам аз чаҳор мисраъ). Фарқи дигари ин жанри шеърӣ дар «он аст, ки он дорои *байти восила* аст» [81, с. 413]. Сохтори банди асосии тарҷеъбанд (бидуни банди восила) гуногун буда метавонад.

Ҳар як мисраоҳанг дар қисми якум хеле мушаххас ба ду ибораоҳанг тақсим шуда, байни мисраоҳангҳо, ҳатто ибораоҳангҳо оҳангбандакҳои дорои басҳои октаваӣ бо шаклҳои гуногун меоянд:



а)



б)



в)



г)

*Мисоли 139. Оҳангбандакҳои ивазшаванда.*

Чунин хусусияти оҳангбандакҳо тасодуфӣ нест. Онҳо дар рафти суруд вазифаи мушаххаси драматургиро иҷро кардаанд. Онҳо барои расидан ба кулминатсия мусоидат мекунанд. Кулминатсияи кисми якум ба аввали мисраоҳанги чаҳорум рост меояд. Ба рушди ягонаи драматургии қисм василаи хорӣ низ мусоидат карда аст: хор дар ибтидо дуовоза, дар мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорум ба сеовоза табдил меёбад.

Қисми дуюм бо оҳанг, бофт ва набзи зарбӣ қисми якумро рушд медиҳад, вале такрори он нест. Бо вуҷуди дигар будани ду мисраоҳанги аввал, дар мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳорум такрори унсурҳои қисми якум дида мешавад. Дар натиҷа қисми якум ва қисми дуюм рушди ягонаи композитсиониро муҳайё месозанд.

Қисми сеюми суруд терсия боло оғоз мегардад. Қисми сеюм аз ҷиҳати оҳангӣ ба қисми якум (А) наздиктар аст. Ва дар он мисраоҳангҳои сеюм ва чаҳоруми қисми якум такрор омадаанд. Вале ин такрори статикӣ нест. Динамизатсияи мисраоҳангҳои сеюм ва хусусан, чаҳорум (тавассути каме дигар кардани оҳанг, фаъол кардани асоси зарбии оҳанг ва аккомпанемент) шукӯҳу шаҳомати кулминатсияи маҳаллии қисми сеюмро бузургтар

мегардонад. Дар натиҷа сохтори такрории сеқисма (АВА$_1$) бо қисми мобайнии рушддиҳандаи ғайритазодӣ ташаккул меёбад. Кулминатсияи маҳаллии қисми сеюм ба постлюдияи хотимавӣ меоварад.

Композитор ба постлюдия рушди оҳангӣ-симфонӣ додааст. Ин постлюдияи оркестрӣ дорои характери хеле динамикӣ аст. Рушди оҳангии он дар набзи беисти шонздаҳякиҳои октаваӣ баён мегардад. Дар тагнавозии он октаваҳои басӣ-аккордӣ ва баъзан хати басии октаваии таъкидӣ корбарӣ мешавад. Ин ҷараёни динамикӣ ба авҷи суруд меоварад. Дар он тавоноии оҳангӣ-оркестрии композитор хеле равшану мутантан зоҳир мегардад. Ҳамин услуби баён то охири кода нигоҳ дошта мешавад. Ва тавре, ки ба композитор Шуҳрат Ашӯров хос аст, ӯ кодаро ба кулминатсияи асар табдил дода, дар аввали кода тоналности сурудро ним тон зери суханҳои «Сад ҷаҳон дар ҷаҳон Тоҷикистон!» баланд бардошта, ба лаҳни мажорӣ (Gis-dur) мегузарад ва дар он сурудро зери суханҳои «Ҷовидон бош, Тоҷикистон!» хеле мутантан хотима медиҳад:






*Мисоли 140. Кодаи суруд.*

Суруди хории *«Шаҳри нур»* (ш. Мирзо Файзалӣ) барои хори чаҳоровоза ва фортепиано навишта шудааст [129]. Шоир ин сурудро ба шаҳри Норак ҳамчун макone, ки аз он рӯшноии Тоҷикистон сарчашма мегирад, бахшидааст. Жанри суруд – хори маршӣ, сохтори умумӣ – дуқисмаи одӣ аст.

Қисми якум дуовоза ва қисми дуюм чаҳоровоза садо медиҳад. Вазни чаҳорзарбаӣ бо зарби пунктирӣ ва таъкидҳои зарбаҳои якум ва сеюм хусусияти марширо ҳамеша нигоҳ медорад. Сохтори дуқисмаи такрориро сохтори куплетӣ низ талқин кардан мумкин аст.

Шеъри ин суруд дар жанри тарҷеъбанд эҷод шудааст. Сохтори хоссаи тарҷеъбанд чунин аст:

панҷ мисраъ + ду мисраъ

ивазшаванда такроршаванда

Ин сохтори хоссаи жанри шеърии тарҷеъбандро композитор дар суруди худ нигоҳ доштааст. Кӯтоҳии мисраҳои шеърӣ кӯтоҳии мисраоҳангҳоро ба вуҷуд меоварад.

Муқаддимаи созии суруд (периоди одӣ) дар як ибора сохта шудааст, ки он оҳанги қисми таркибиро иҷро карда, минбаъд дар ҳарду қисми композитсионӣ ҷо мегиранд.

Композитор ба хати хотимавии суруд ибораи хоралиро илова карда аст. Он дар тоналности ҳамноми мажорӣ (F-dur) бо ғулғулаҳои октаваии басӣ хотима меёбад:




Мисоли *141*. Шаҳри нур.

Суруди *«Парчами мо»* (ба шеъри С. Урокӣ) дар шакли дуқисмаи одӣ навишта шудааст. Он дар суръати мутаъдил (Allegretto), зарби маршӣ, набзи триолӣ ва пунктирӣ омадааст. Сурудро муқаддимаи созӣ бо баёни гомофонӣ-гармонӣ, аккордӣ-октаваӣ хеле мутантан оғоз менамояд. Ин муқаддима дар шакли периоди одӣ навишта шуда, худ дорои муқаддимаи кӯтоҳи фанфарӣ мебошад. Оҳанги он ҳарчанде мустақил аст, лек ба оҳанги асосии суруд тазод нест. Он характери оҳанги асосиро пешомадӣ кардааст. Аз ҷиҳати регистр муқаддимаи созӣ майдони хеле васеъро ишғол намудааст:




*Мисоли 142. Муқаддимаи созӣ*

Оҳанги асосии суруд хеле қатъӣ дар дарачаҳои сесадоии тоникӣ оғоз мегардад. Ва дар рушди минбаъдаи худ ба мутаносибии автентӣ афзалият медиҳад. Қисми якум аз ду период иборат аст. Рушди он ба қисми дуюми авчӣ омадааст. Дар ин қисм минтақаи авчӣ ба воситаи ду период васеъ гардонида шудааст.




*Мисоли 143. Оҳанги асосии суруд.*

Сипас, бо як периоди одӣ қисми дуюм хотима меёбад. Ҳамин тавр қисми дуюм ду функсияи композитсиониро ичро кардааст – кулминатсионӣ ва хотимавӣ. Суруд дорои кода мебошад. Дар умум оҳанги хотимавии қисми дуюм ба хати тагнавозии хорӣ мегузарад. Дар оркестр низ ин оҳанг як хати болоиро ташкил медиҳад. Зимни ин тагнавозии хории оркестрӣ дар овози сопрано хати нави оҳангӣ ба вучуд меояд. Кода бо фанфараҳои оркестрӣ дар сесадоии мажорӣ ба анчом мерасад.

Суруди *«Эй Ватан»* (шеъри Низом Қосим) суруди хорӣ мебошад. [143] Он дар жанри валси тез барои хори умумии чаҳоровоза эчод гардида, сохтори сеқисмаи одиро дорад.

Муқаддимаи созии суруд бо оҳанги мустақили худ ва набзи валсӣ ба жанри суруд касро якбора ворид месозад:



*Мисоли 144. Муқаддимаи созӣ.*

Ҷумлаи якуми даромади созӣ ба таври секвенсионӣ такрор шудааст. Ҷумлаи дуюми ин период дар тоналности субдоминанта сар шуда, бо тоналности асосӣ анҷом ёфтааст. Ҳамин тавр, даромади созӣ дорои сохтори периоди модулиятсионӣ буда, тамоюли плагалӣ дар он афзалият дорад.

Суруд дар тоналности g-moll оғоз гардида, бо тоналности Gis-dur анҷом меёбад. Композитор Шӯҳрат Ашӯров дар эҷодиёти худ аз ин васила зиёд истифода бурдааст. Ӯ аввал дар g-moll табиӣ сурудро оғоз намуда, тавассути модулятсия ба gis-moll табиӣ дар Coda ба Gis-dur гузашта, дар он сурудашро анҷом медиҳад. Баёни чаҳоровозагӣ на аз аввал ва на дар ҳамаи суруд риоя карда мешавад. Суруд аз унисон дар иҷрои хори чаҳоровоза оғоз мегардад. Дар периоди дуюм, он ба дуовоза табдил меёбад:




*Мисоли 145. Оҳанги асосии суруд.*

Оҳанги суруд танҳо дар мисраоҳанги сеюм ба баёни чаҳоровоза табдил меёбад:




*Мисоли 146. Мисраоҳанги сеюм.*

Чунин гузаришҳо дар тули асар якчанд маротиба ба амал меоянд. Сохтори қисми якум (A) чунин аст: $abcdd^1$. Қисми дуюм сохтори қисми якумро такрор мекунад. Вале оҳанги навро дар ибтидои худ ворид сохта, бо мисраоҳанги охирини қисми якум ба анҷом мерасад. Дар натиҷа дорои чунин сохтор мегардад: $efcdd^1$. Қисми дуюм нимпарда болотар ҷойгир шудааст ва он аз ибтидо чаҳоровоза аст.

Қисмҳои якум ва дуюм ва мисраоҳангҳои дохилии онҳо ҳамеша бо оҳангбандакҳои болораванда пайвастаанд. Дар қиёс оҳангбандакҳои қисмҳои аввал оҳангбандаки байни қисмҳои дуюм ва сеюм хроматикӣ аст:



*Мисоли 147. Оҳангбандак.*

Зарурати хроматикикунонии он аз ивазшавии тоналност ба gis-moll ба миён омадааст. Зеро қисми сеюми суруд (C), реприза, дар ин тоналност садо медиҳад. Аз ин бармеояд, ки оҳангбандак вазифаи гузаришро иҷро кардааст.

Аз аввали реприза кулминатсияи асар оғоз мегардад. Репризаи суруд дар тоналности нимпарда боло (gis-moll) ва ихтисории шуда қарор дорад. Ин навъи репризаи ихтисории динамикист. Нуқтаи авҷии суруд ба Coda рост меояд.

Қисми мобайнии суруд (B) ба ҷараёни драматургӣ тазодиеро ворид намесозад. Он характери рушдиҳанда дорад.

Сохтори дохилии ин қисм чунин аст: $a^1b^1a^1b^1$ . Дар қиёс бо ду қисми аввал он чаҳор мисраоҳангро дар бар гирифтааст. Баҳри мавзунии композитсионӣ композитор дар ин қисми хотимавӣ ба ҷои мисраоҳанги панҷум Кода-ро ҷо додааст. Кода низ табиати динамикии репризаро идома дода, онро ба нуқтаи кулминатсионӣ расонида, сурудро хотима медиҳад. Динамизми Coda аз истифодаи лаҳни ҳамноми мажории он (Gis-dur) афзунтар гардидааст. Дар он композитор кулминатсияи навъи «қуллаи уфуқӣ»-ро истифода бурдааст:




*Мисоли 148. Кодаи суруд.*

Аз ин рӯ, сохтори композитсионии суруд ба сеқисмаи одии рушди ягона табдил гардидааст.

### 3.5. Суруд барои хори а᾽ капелла

Суруди «Ҷони ман» (шеъри Назри Яздон) барои хори чаҳоровозаи *а᾽ capella* дар сохтори сеқисмаи одӣ навишта шудааст [140].

Банди асоси шеърии ин суруд аз шаш мисраоҳанг иборат буда, шакли *aaabca*-ро дорад:

*Ҷони ман акнун ҷаҳон дар гирумони дигар аст,*

*Бар сари мо гирд гардон осмони дигар аст.*

*Решаи инсоншиносӣ аз замин бар кандааст,*

*Ҷавҳари инсоншиносӣ аз замин бар канда шуд.*

*Дар ғамат ҷон меканам, ту дар ғами кон кандани,*

*Кандани ҷони ту дигар, кандани кон дигар аст.*

Композитор шеърро дар суруди худ дигар карда чунин шаклро ба даст овардааст:

*«Ҷони ман, акнун ҷаҳон дар гирумони дигар аст,*

*Бар сари мо гирдгардон осмони дигар аст.*

*Решаи инсоншиносӣ аз замин бар кандааст,*

*Ҷавҳари инсоншиносӣ аз замин бар канда шуд.*

*Ҷавҳари инсоншиносӣ аз замин бар канда шуд.*

*Дар ғамат ҷон меканам, ту дар ғами кон канданӣ,*

*Кандани ҷони ту дигар, кандани кон дигар аст,*

*Кандани кон, кандани кон дигар аст.*

*Ҷони ман, акнун ҷаҳон дар гирумони дигар аст»* [140, с. 10]

Дар он жанри шеър иваз шуда, аз *шеъри нав* ба *жанри мусаммат* табдил ёфт. Чунин табдил додани жанри шеъриро композитор ба воситаи такрор амалӣ кардааст. Дар натиҷа баҳри шеъриро ҳам композитор дар мувофиқа бо оҳанги суруд аз рамали мусаммани машкули махбуни мақсур дар жанри *шеъри нав* ба *рамали мусаммани маҳзуф* табдил додааст:

*Ҷони ман, акнун ҷаҳон дар гирумони дигар аст,*

*Бар сари мо гирдгардон осмони дигар аст.*

*Решаи инсоншиносӣ аз замин бар кандааст,*



фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

Композитор Шӯҳрат Ашӯров ҳамеша дар ҷустуҷӯи ба вуҷуд овардани шакли нави шеъри шоир аст. Ва суруди «Ҷони ман» яке аз он намунаҳост.

Сохтори умумии суруд дар бандҳои якхела асос ёфтааст, ки он сеқисмаи одӣ мебошад. Қисмҳо дар шакли периоди сода навишта шудаанд.

Кулминатсия бо охири қисми дуюм рост омада, бо ибораи таъкидии болораванда, васеъшавии суръат, фортиссимо ва фермата қайд шудааст:




*Мисоли 143. Мисраоҳанги кулминатсионӣ.*

Бофтҳои қисмҳо гуногунанд. Дар онҳо услубҳои баёни гетерофонӣ (қ.1), имитатсионӣ (қ.2), остинатоӣ (қ.3) мушоҳида карда мешавад. Охирҳои қисмҳои дуюм ва сеюм бо фермата қайд шудаанд. Вале ин ферматаҳо гуногунанд: дар як ҷо (қ.2) он нуқтаи кулминатсиониро нишон медиҳад ва дар мавриди дигар (қ.3) – хотимаи сурудро. Бинобар ин кодаи хурдакаки хор ҳамчун аксулсадои он асарро хотима медиҳад. Композитор вазни ҳафтзарбаии сурудро бо зарби суннатӣ эҷод кардааст.

Ҳар як мисраоҳанги сурудро бо «фермата» анҷом додани композитор ҳам ба кушодани хати драматургии суруд вобастагӣ дорад. Ӯ мисраоҳангҳоро бо деранди ним анҷом дода, василаҳои лаҳниро ба он мутобиқ менамояд (дар қисми якум мисраоҳангҳо бо сесадоии калон (I.1), септаккорди коста (I.2) ва септаккорди калон (I.3), дар қисми дуюм бо сабаби истифодаи имитатсия мисраоҳанги якум бетаваққуф сохта шуда, дар ду мавриди дигар (II.2, II.3) – бо септаккорди калон ва қисми сеюм бо септаккорди мажории калон (III.3) анҷом ёфтаанд). Ин нақшаи драматургӣ баҳри сайқали маҳорати хорӣ дар жанри а капелла иҷро шудааст.

Хати лаҳнии суруд низ хеле серранг рушд меёбад. Ба ғайр аз тобишҳои фригиву дорӣ, дар қисми дуюм гузариш ба тоналности мувозӣ (B-dur) ба амал оварда шудааст. Бо чунин амал ба таркиби композитсияи асар периоди модулятсионӣ даровардa шудааст. Истифодаи чунин василаҳо ба характери

умумии суруд табиати саволомезонаро медиҳад. Аз ин рӯ, худи суруд ҳам дар дараҷаи панҷуми лаҳни асосӣ хотима меёбад. Эҳтимол ин аст, ки композитор асоси лаҳниро ба мазмуни шеър мутобиқ менамояд. Зеро ки Шуҳрат Ашӯров ба мазмуни шеър, ба мутобиқии он ба оҳанг хеле серталаб аст.

**Хулоса.** Инак, дар осори вокалӣ-хорӣ композитор Шуҳрат Ашӯров бештар ба сохторҳои дуқисмаву сеқисмаи одӣ афзалият дода аст, ҳарчанд ки байни онҳо сохтори куплетӣ ҳам ҷо дорад. Композитор сохтори дуқисма ва сеқисмаи одиро хеле гуногунранг талқин медиҳад. Композитсияҳои ӯ хеле мавзун ва бомантиқанд.

Талқиноти сохторҳои дуқисма ва сеқисмаи одиро дар композитсияи асар бо муқаддимаи созӣ ва кода муҳайё месозад. Одатан, муқаддимаи созӣ дар шакли мустақили период бо оҳанги мустақил ва ё оҳанги асосӣ пешниҳод мегардад. Феълан ба муқаддимаи созӣ композитор вазифаи ворид кардани шунавандаро ба характери суруд месупорад. Қабл аз ҳама, бояд қайд кард, ки кодаҳои ӯ ду навъанд – вокализӣ ва бо матн.

Композитор хусусан ба ҷойгиршавӣ, пайдарҳамии кулминатсия ва ба он тобеъ намудани рушди лаҳнӣ-оҳангӣ диққати махсус медиҳад. Таваҷҷуҳи ӯ ба кулминатсия хеле нозукбинона аст. Композитор аз гунаҳои кулминатсионии «қуллаи уфуқӣ», «қуллаи маҳаллӣ» ва «қуллаи авҷӣ» (Л. Мазел) саршор истифода бурдааст. Роҳи фатҳи кулминатсия ҳамеша тадриҷӣ аст. Бинобар ин, суруд дорои якчанд кулминатсия мегардад. Одатан, кулминатсияи асосии суруд ба кода рост меояд – дар он композитор гузариш аз лаҳни минории суруд ба лаҳни мажорӣ ба амал меоварад.

Дар баёни асарҳои вокалӣ-хорӣ композитор ба навъҳои гомофонӣ-гармонӣ афзалият медиҳад. Зероҳангҳоро зиёд истифода мебарад. Талқиноти навъи баёни аккордӣ-октаваиро бештар ба қоидаҳои услуби монодӣ наздик мекунад, хати басӣ-октаваиро устувор нигоҳ медорад.

Мусиқии вокалӣ-хории Шуҳрат Ашӯров жанрҳои гуногунро дар бар гирифтааст. Бештари онҳо сурудҳои хорӣ мебошанд. Ҳарчанде байни онҳо

романс («Ман зани тоҷики озодам», «Чашмони масти ту»), суруди лирикӣ («Модари ман»), суруди мадҳиявӣ («Пешвои миллат»), суруди васфӣ («Душанбе») ҷо дорад. Суруди хорӣ дар жанри яккахон ва хор («Ба зан», «Гулҳои Ватан», «Забони модарии мо», «Қаҳрамони Ваҳдат», «Оли Сомон», «Таджикский геолог», «Тоҷикистон», «Эй, мулки ҷовидонӣ»), сирф хорӣ (сурудҳои «Ватан» (ш. Турсунзода), «Ватан» (ш. С. Уроқӣ), «Духтари Ватан», «Сулҳ», «Ҷовидон Тоҷикистон», «Шаҳри нур», «Эй, Ватан»), барои хори а' капелла («Ҷони ман») нишон дода шудаанд. Онҳо низ ба шохаҳои гуногуни ин жанрҳо, аз ҷумла, ба суруди маршӣ, валсӣ, уфарӣ, лирикӣ, романси занона, романси мардона, хори тантанавӣ, хор-мадҳия, хори маршӣ, хори васфӣ, хори лирикӣ, хори рақсӣ ва ҳоказо мансуб доранд.

